**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 331.526:331.556.4 (575.3)**
**ТКБ: 63.3 (2 тоҷик)**
**Ш-31**

**ШАРИПОВА ТАМАННО ҶАМШЕДОВНА**

# МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ЗАНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛ (1991–2024)

**(ҷанбаи таҳлилӣ - таърихӣ)**

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои таърих,
профессор Халилзода Д.Х.

Бохтар-2026

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА ё АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**........................................ 3
**МУҚАДДИМА**........................................................................................................ 4
**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ** ............................................................................ 11
**БОБИ I. МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ЗАНОНИ БУРУНМАРЗӢ ДАР МАЪХАЗҲОИ ИЛМӢ (1991–2010)** .................................................................................................. 18
**1.1. Ҷанбаҳои назариявӣ, таърихӣ ва амалии муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар хориҷӣ кишвар**............................................................................ 18
**1.2. Хусусиятҳои омузиши масъалаҳои мубрами муҳоҷирати меҳнатӣ аз нуқтаи назари таърихшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** ........................................ 43
**БОБИ II. ХУСУСИЯТ ВА ТАМОЮЛИ ОМОРИИ МУҲОҶИРАТИ КОРИИ ХОРИҶИИ ЗАНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ХОРИҶА (2011-2023)**.......................... 58
**2.1. Ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии муҳоҷирати меҳнатии занон дар Тоҷикистон**................................................................................................................ 58
**2.2. Махсусиятҳои муҳоҷирати меҳнатии занҳо дар Тоҷикистон ( охири асри ХХ ва аввали асри XXI)**.................................................................................................... 71
**БОБИ III. НАҚШИ ТАЪРИХИИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР КОҲИШ ДОДАНИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ЗАНОН**.............................................. 92
**3.1. Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва фаромилӣ** ........................................................................................................................ 92
**3.2. Тамоюл, омил ва сиёсати давлатӣ дар самти коҳиш ёфтани муҳоҷирати меҳнатии занон** ..................................................................................................... 115
**ХУЛОСА** .............................................................................................................. 151
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**............................................................................................. 158
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ** 191
**ЗАМИМАҲО** ......................................................................................................... 193

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА ё АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

СММ – Созмони Миллали Муттаҳид

СБМ – Созмони байналмилалии муҳоҷират

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ВАО – Васоити ахбори омма

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** Таърих дар баробари фарогирии равандҳои сиёсӣ, ҳамчунин вазъ ва раванди иҷтимоиро низ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Пажуҳиши мазкур ҷиҳати мушаххасотии рушди иҷтимоии давлат мусоидат менамояд. Муаррихон ва пажуҳишгарони самт масоили мухталифи сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро омухта, баъзан муҳоҷирати меҳнатии занонро сарфи назар намудаанд.

Боиси тазаккур аст, ки таърихи муҳоҷирати меҳнатии занон ҷудонопазири таърихи иҷтимоии башарият ба ҳисоб меравад, зеро он рушду инқирози муҳоҷирати аҳолии мамлакат ба хориҷи кишварро ифода намуда, омилҳои иқтисодӣ, таркиши демографӣ, ҷуғрофиро инъикос менамояд. Мавзуи мазкур самти муҳими таърихи иҷтимоиро ташкил дода, омузиш ва таҳқиқи ин масъала ҷиҳати муайяннамоии омилҳо, инъикоси коҳиши он ва дар ҳалли мушкилоти мазкур, ки ҷомеаи башарӣ ба он таваҷҷуҳ дорад, мусоидат мекунад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ хосси як миллат ва як ҳавзаи ҷуғрофӣ набуда, зуҳуроти нав нест ва ҳамеша дар ҷомеаи инсонӣ вуҷуд доштааст ва Осиёи Марказӣ низ аз он дар канор набудааст. Имрӯзҳо бо таваҷҷуҳ ба шароити ҷадид ин зуҳурот вижагиҳои нав касб кардааст, чун технологияи иттилоотӣ фосилаҳоро кутоҳ ва дарёфти маълумоту ахборро, ки заминаи асли муҳоҷират мебошанд, осон гардонидааст ва ба хотири бартараф намудани мушкилоти иқтисодӣ аз он истифода мекунанд.

Мубрамии омузиши ин масъала ва мушаххас намудани тамоми паҳлуҳои он ва замина барои коҳиш додани равандҳои муҳоҷирати кории бонувон, бунёди ҷойҳои корӣ мусоидат менамояд.

«Дар шароити муосир, дар ҷараёни рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад, ки ҳаракати оммавии захираҳои меҳнатиро аз як кишвар

ба кишварҳои дигар дар ҷустуҷуйи кор дар бар мегирад. Муҳоҷирати байналмилалӣ қисми ҷудонашавандаи низоми муосири иқтисоди ҷаҳонӣ мегардад. Истифодаи неруи кории хориҷӣ натиҷаи бевоситаи раванди устувори такрористеҳсолкунӣ буд. Дар кишварҳое, ки коргарони хориҷиро фаъолона истифода мебаранд, баъзе бахшҳо комилан ба қувваи корӣ вобастаанд. Муҳоҷирати меҳнатӣ як падидаи мураккабест, ки аҳамияти бисёрҷанба дорад» [216, с. 236-243].

Ҳамин тавр, муҳоҷирати меҳнатӣ дар байни занон бори нахуст ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст ва ин муҳиммияти мавзуъро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, дар канори омузиши ин мавзуъ масоили дигари марбут ба он таҳқиқ гардида, андешаҳои ҷолиб ва тоза дар ин ришта пешниҳод шудаанд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ яке аз масъалаҳои муҳими давлату ҷомеа ба шумор меравад. Айни замон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимояи ҳуқуқу уҳдадориҳои муҳоҷирони меҳнатии кишвар дар мамлакатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон, коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатӣ тамоми чораҳоро андешида истодааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзуи мазкур таҳқиқоти мустақил ва ҷудогонаест, ки марбут ба он бархе аз муаррихони ватаниву хориҷӣ изҳори назар намудаанд.

Хосатан Абжамилова А.Ш. [246], Азимова А.Дж. [37], Алимов Д.Х. [38], Амонова Д.С. [39], Артиков А.А [40], Ахмедов К.А. [41], Ашуров С.Б. [42], Бабаев А.А [43], Бобоходжаева Г.Д. [44], Гуков Д.А. [45], Гусева В.И [46], Ҷалилов М.Ш. [47], Зокиров Г.Н [48]., Илимбетова А.А [49], Исломов Р.С. [50], Исроилов И.Н [51], Қиёмиддинов Ф.К [52], Кочербаева, А.А [53], Кумсиев, Л.Ш [54], Кумсков, Г.В [55], Литвиненко К.А [56], Малтсева Е.С [57], Махмадбеков М.Ш [58], Мирзоев Р.Х. [59], Мирзоева, М.У. [60], Мукимова Н.Н. [61], Набиева Л.М. [62], Назарова Е.А. [63], Насуров П.А. [64],

Недолужко, Л.Н. [65], Омаров, Н.М. [66], Орозалиева, А.С. [67], Сафарова М.Б. [69], Солиева, Л.Ф. [70], Тоский Н.Н. [71], Улмасов Р.У. [72], Умаров Н.Н. [73], Хаитов, Ф.К. [74], Шарипова А.Г. [75], Шоев Н.С. [76] таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд. Ҳамчунин, маҷмуаҳои илмии ба муҳоҷирати меҳнатӣ бахшидашудаи Булова М.[2], Зурабишвили Т.[3], Блау П.М.[5], маводҳо, маълумотҳои оморӣ ва ҳисоботҳои ташкилотҳои байналмилалии муҳоҷират Қаландаров Т.С.[28], Умаров Х.[22], Прибипкова И.[16], маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ Абжамилова А.[36], Исломов Ф.[7], Шодиева Т.Г., Меркулова Р.А.[29], Фонд имени Фридриха Эберта.[30], Милованова М.Ю., Короткова М.С., Носкова А.В., Кузмина Е.И.[32], Тюрюканова Е[19]. маводи таҳқиқоту сарчашмаҳо оид ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ истифода гардиданд.

Дар диссертатсияи мазкур дар радифи таҳқиқоти олимони ватанӣ, ҳамчунин, таҳқиқоти олимони хориҷии зерин мавриди таҳлил қарор гирифтанд: Э. Равенштейн[84], В. Томас ва Ф. Знанетский[85] «деҳқонони Лаҳистон дар Аврупо ва Амрико», Р.Парк, Э. Берджес, Р. Маккензи И.[83], Заславская В. [6], Ионсев В. М., Моисеенко В.И. [31], Переведенсев, Л.Л., Рибаковский, Б [17]. Хорев, В.Н [24]. Чапек, Т.Н [25]. Юдиной [26].

Қобили зикр аст, ки оид ба таърихи муҳоҷирати меҳнатии занон дар таърихномаҳо чунин тақсимбандӣ вобаста ба давраҳои зерин тақсим шудааст:

- давраи аввал фарогири солҳои 1980-1990 буда, сабаби пайдоиши муҳоҷирати меҳнатӣ натиҷаи ба буҳрони иқтисодӣ-сиёсӣ мувоҷеҳ шудани ИҶШС мебошад.

- давраи дуюм солҳои 1991-2001-ро дарбар гирифта, он давоми даврони шуравӣ буда, муҳоҷирати меҳнатии занонро бо сабабҳои гуногун нишон медиҳад.

- давраи сеюм солҳои 2002-2011-ро дар бар гирифта, дар ин давра

танзимоти ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ анҷом меёбад;

- давраи чорум солҳои 2012-2024-ро дар бар гирифта, дар рафти он коҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла, занон дар бисёр ҳолатҳо аз тарафи Ҳукумати кишвар дастгирӣ меёфтанд;

Оид ба ҷараёни муҳоҷирати сокинони ноҳияи кӯҳистон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст олим, сайёҳ, этнографи рус А.П. Федченко соли 1871 маълумот додааст, баъдтар дар асарҳои дигар олимони рус В.П. Наливкин [13], А.А. Нечаев [14] ва А.А. Кауфман [8], ки муҳоҷират бо мафҳуми «мустамликасозӣ» алоқаманд аст, маълумотҳои ҷолиб оварда мешаванд [23].

Дар бораи муҳоҷирати меҳнатии сокинони Осиёи Марказӣ бисёр олимони рус В.В. Покшишевский, В.И. Переведенсев, В.Н. Чапек, Л.Л. Рибаковский таҳқиқоти илмӣ бурда, консепсияи илмии онро таҳия намудаанд [15].

Баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ мавзуи омузиши олимони соҳаҳои гуногун, махсусан муаррихон, сиёсатшиносон, ҷомешиносон, файласуфон, иқтисоддонҳо, демографҳо ва дигар олимон гардид.

Роҷеъ ба саҳми созмонҳои байналмилалӣ дар рушди сиёсати давлатӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳалли мушкилоти онҳо дар Федератсияи Русия ва дигар кишварҳои ИДМ олими сотсиолог А.В. Демидов таҳқиқоти илмӣ анҷом додааст.

Омилҳои иҷтимоии ҷалби муҳоҷирон ба муҳити нави иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити кунунӣ мавзуи таҳқиқотии васеи олимон гардидааст, ки баъзе олимони муосир масъалаи илмӣ-амалии мутобиқсозии иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии муҳоҷиронро дар асарҳои худ таҳлил намудаанд. 20 созмони байналмилалии муҳоҷират СБМ гендерро ҳамчун яке аз оинаҳои асосие, ки бояд барои фаҳмидан ва ҳалли

масъалаҳои муҳоҷирати байналмилалӣ татбиқ карда шаванд, муаррифӣ мекунанд. Таҳқиқоте, ки ба омузиши робитаҳои байни гендер ва муҳоҷират тамаркуз мекунанд, таъкид менамоянд, ки таҷрибаи равандҳои муҳоҷирати занон ва мардон аз сабаби интизориҳои иҷтимоӣ вобаста ба ҷинс фарқ мекунад ва гендер имкониятҳоро ташаккул медиҳад, осебпазирӣ амалияи ҳаррӯзаи марбут ба муҳоҷират мебошад [82].

Оид ба масъалаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон олимони ватании соҳаҳои ҷомеашиносӣ, фалсафа, сотсиология, сиёсатшиносӣ, иқтисодиёт, демография низ таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, дар хусуси сабабҳо ва омилҳои муҳоҷирати меҳнатӣ фикрҳои худро баён намуданд, монанди О. Коситов, Х. Умаров, Р. Улмасов, С.И. Исломов, Ф.С. Исломов, Ш. Шоисматуллоев, Т.Ҷ. Усмонова, Л.Ю. Николаев, С. Олимова, М.Ш. Маҳмадбеков, Ш.С. Шерова.

О. Қосидов аз нахустини олими тоҷик аст, ки дар замони шуравӣ роҷеъ ба муҳоҷирати меҳнатӣ таҳқиқоти илмӣ бурдааст. Дар китоби худ «Муҳоҷирати аҳолии Тоҷикистон», ӯ раванди муҳоҷиратро дар Тоҷикистон бозтоб намуда, ба омӯзиши омилҳои асосии муҳоҷират, аз ҷумла, иқтисодӣ, этникӣ, демографӣ бо далелҳои муътамад таъкид мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ:** Вобаста ба нишондиҳандаи муҳимми мутобиқати кори илмӣ ба стратегияҳои давлатӣ, самтҳои афзалиятноки рушди илм таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси барнома ва стратегияҳои зерин омода гардидааст:

| |
|---|
| Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2023, №309); |

| |
|---|
| Тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2022-2024 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, № 518); |
| Қоидаҳои баҳисобгирии муҳоҷирати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа ва бозгашт аз хориҷа (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, № 447); |
| Низомномаи Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, № 229); |
| Барномаи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, № 91); |
| Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2011-2015 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, № 460); |
| Тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, № 211); |
| Низомномаи тартиби амалӣ намудани назорати муҳоҷиратӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 декабри соли 2008, № 599); |
| Низомномаи тартиби муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2008, № 467); |
| Низомнома оид ба Шурои роҳбарони мақомоти муҳоҷирати давлатҳои аъзои ВАО оид ба Давлатҳои Мустақил (Созишнома оид ба таъсиси Шурои роҳбарони мақомоти муҳоҷирати давлатҳои аъзои Иттиҳоди |

| |
|---|
| Давлатҳои Мустақил аз 5 октябри соли 2007); |
| Қоидаҳои аз ҷониби Агентии меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират расонидани хизматҳои машваратӣ ва кумаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатии ба ватан баргашта, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ карданро доранд (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, № 62); |
| Барномаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2003-2005 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2002, № 480); |
| Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2001, № 242); |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муҳоҷират” (аз 11 декабри соли 1999, № 881); |
| Дар бораи тасдиқи Барномаи татбиқи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2001 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 октябри соли 1999, № 452); |
| Консепсияи сиёсати муҳоҷирати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 октябри соли 1998, № 411) |
| Конвенсияи №143 дар хусуси суистифодаи муҳоҷират ва таъмини имкониятҳои баробарӣ ва муомила ба муҳоҷирони меҳнатӣ (аз 9 декабри соли 1978) |

Иловатан рисолаи таҳқиқотии мазкур дар асоси нақшаи дурнамои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар мавзуи «Омузиши масъалаҳои муҳимми таърихи халқи тоҷик аз даврони

қадим то замони муосир» барои солҳои 2024-2029 тасдиқ гардида (суратҷаласаи №1, аз 30.08.2024) ба амал баровarда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар тавсифи мухтасар ва мураттаби таҳқиқот ҷанбаҳои асосии таҳқиқ муайян гардида, мақсади таҳқиқот бо фарогирии бозбинии таърихи муҳоҷирати меҳнатии занон, бо вазифагузории иҷрои кори илмӣ, муайян намудани объекти муҳимми таҳқиқот, мушаххассозии мавзуи баррасишаванда, ҷамъбастнамоии кори илмӣ дар марҳилаҳои гуногун ва давраи таҳқиқот, асоснокии илмии мавзуъ ва робитаи он бо назарияҳои мавҷуда, маҷмуи натиҷаҳо, хулосаҳо ва дастовардҳои нави илмие, ки дар давоми пешбурди фаъолияти илмӣ ба даст омадаанд, мавриди баррасии амиқ қарор гирифтаанд. Дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда хулосаҳои асосии илмӣ ва комилан нав ба ҳимоя манзур гардидаанд. Ҷанбаҳои асосии аҳамияти назариявӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқатии диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии марҳилаҳои муҳимми раванди таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он яке аз масъалаҳои муҳимме мебошад, ки дар таҳқиқоти илмӣ пурра мавриди корбарӣ қарор гирифтааст.

**Мақсади таҳқиқот** муайянсозии марҳилаҳои муҳоҷирати меҳнатии занон, раванди коҳишёбии муҳоҷирати меҳнатӣ дар давраҳои гуногун, бозтоби таърихии муҳоҷират ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати кам шудани муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳисоби занон ва ба шуғли доимӣ фаро гирифтани онҳо, ҳамчунин, дар робита бо эълон гардидани “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ҷалби занону бонувон ба эҳёи ҳунарҳои миллӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот** вобаста ба вазифаҳои гузошташуда, амалҳои

мушаххас ва мантиқан асоснокшуда дар ҳар банди мазкур пурра пешбинӣ гардидааст. Зимни иҷрои кори илмӣ-таҳқиқотӣ марҳилаҳои таърихии муҳоҷирати меҳнатии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили нуктаҳои зерин чун ҳадафи диссертатсия мушаххас гардиданд:

- истифода ва таҳлили андешаҳои назариявии олимони ватанию хориҷӣ вобаста ба мавзуи мавриди назар;

- инъикос ва муайянсозии заминаҳои пайдоиши муҳоҷирати меҳнатӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ;

- баррасӣ ва муқоисаи давраҳои таҳқиқшаванда ва ошкорсозии мушкилоти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва вазъи таърихии муҳоҷирати меҳнатӣ;

- нақши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатии занон, дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ дар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ҷалби онҳо ба курсҳои кутоҳмуддат ҷиҳати фарогирӣ ба шуғл, таъмини онҳо ба ҷойи кори доимӣ, ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва таҳияи нақшаи дурнамо вобаста ба дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ;

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти таҳқиқот пайдоиш, раванд ва тамоюли камшавии муҳоҷирати меҳнатӣ, сиёсати давлатӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатии занон гирифта шуда, дар доираи илми таърихи ватанӣ аз рӯйи даврабандии таърихӣ таҳлил гардид.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот.** Дар доираи объекти таҳқиқот, предмети таҳлили илмиро таърихи муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991–2024 ташкил медиҳад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот** фарогири 3 давраи таърихӣ буда, аз раванди интихоби мавзуъ, гирдоварии маводҳои илмӣ, баррасии таҳқиқи мавзуъ дар матбуоти даврӣ, ҷамъоварии сарчашмаҳои маълумот, таҳияи дархостномаҳо ба Вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати

сохтани ҷадвалҳои қиёсӣ, таълифи мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва дигар манбаъҳо, супоридани имтиҳонҳои номзадӣ, гузаронидани пешдифои рисола дар кафедраи тахассусиро фаро мегирад:

**Марҳилаи аввал** солҳои 2021-2022-ро дарбар гирифта, дар ин давра интихоби мавзуи таҳқиқ, гирдоварии мавод сурат гирифтааст;

**Марҳилаи дуюм** солҳои 2022-2023 буда, дар ин марҳила таълифи мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда, маъруза дар конфронсҳои сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ сурат гирифта, ҷамъбасти ду боби аввали рисола давраи охири ин марҳила мебошад;

**Марҳилаи сеюм** солҳои 2023-2024-ро фаро гирифта дар ин давра диссертатсия пурра ҷамъбаст гардида, имтиҳонҳои тахассусӣ ва пешдифои кафедраи тахассусӣ  сурат гирифтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки дар рафти он маълумоти зиёд дар бораи таърихи муҳоҷирати меҳнатии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки то ҳол мавриди баррасӣ қарор нагирифта буд, дар шакли диссертатсия ба тасвиб расонида шуданд. Ҳамчунин, рисолаи мазкур аҳамияти методологӣ дорад, ки барои таҳқиқоти минбаъда роҳҳои таҳқиқ ва усулҳои корро нишон медиҳад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир  меёбад, ки дар шакли як рисолаи мукаммали илмӣ марбут ба муҳоҷирати меҳнатии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал сурат гирифта, дар он паҳлуҳои мухталифи ин раванд дар чаҳорчӯби илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки омилҳо ва сабабҳои пеш омадани ин раванд, танзими ҳуқуқӣ, коҳиш додани он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирад.

**Диссертатсия  дорои чунин навгониҳои илмӣ мебошад:**

- оғози муҳоҷирати меҳнатии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

маҳдудаи хронологӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст;

- хусусиятҳо, омил ва чараёни «феминизатсияи муҳоҷират» мушаххас карда шуд;

- зоҳир намудани хусусияти хосси муҳоҷирати меҳнатии занон (соҳаҳои хизматрасонӣ, саноати сабук, хизматрасонӣ ва амсоли инҳо);

- танзими ҳуқуқии раванди мазкур дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа дар сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ баррасӣ карда шуд;

- ҳадафҳо ва иқдомоти сиёсӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ дар коҳиш додани раванди таърихии муҳоҷирати меҳнатии занон дар қиёс ба давлатҳои ҳамҷавор муайян карда шуд;

- бори аввал масъалаи пайдоиш, таърихи муҳоҷирати меҳнатии занон аз дидгоҳи илмӣ ва усулҳои таҳқиқотӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, тамоми паҳлуҳои он ба таври ҳамаҷониба ва муфассал омухта шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Пайдоиш, раванд ва самтҳои фаъолияти муҳоҷирати меҳнатии занон, мониторинги раванди коҳишёбии муҳоҷират дар марҳилаҳои гуногун омили мутобиқсозӣ, вазъи таърихӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад;

2. Ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии раванди муҳоҷирати меҳнатии занон дар фазои ҳуқуқии ИДМ ва мутобиқсозию амалишавии талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро дар ин самт ба танзим даровард;

3. Ташкили инфрасохторҳои миллӣ танзими муҳоҷирати меҳнатии занонро дар давраи таърихи муосир ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ замина гузошт;

4. Нақши таърихии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатии занон ва рушди солимии генофонди миллӣ фазои мусоид фароҳам овард;

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои дар асоси таҳқиқот ба даст овардашуда метавонанд дар раванди таҳлили илмӣ ва амалии равандҳои муҳоҷират, пеш аз ҳама, муҳоҷирати меҳнатии занон васеъ истифода шаванд. Муқаррароти алоҳидаи кор метавонад дар фаъолияти мақомоти дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми қабули қарорҳо оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ истифода шавад. Натиҷаҳои таҳқиқотро, ҳамчунин, метавон дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар курсҳои таърих, сотсиология, сиёсатшиносӣ, иқтисод ва демография ва ғайра истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар рафти таҳқиқоти мазкур методологияи материализми диалектикии таҳқиқот бо истифода аз категорияҳои таърихӣ васеъ истифода гардид.

Истифодаи методи диалектикӣ имкон дод, ки омузиши мавзуъ ба тартиби муайян пеш бурда шавад. Аз ҷумла, афзоиши зиёди занони муҳоҷир ба мамлакатҳои муҳоҷирқабулкунанда, тарзи зисту зиндагонии онҳо, шароити кору зиндагии онҳо дар хориҷа, риояи ҳуқуқи занони муҳоҷир дар хориҷа ва дигар масъалаҳо мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтанд. Дар баробари ин ҳуқуқу уҳдадориҳои занони муҳоҷири тоҷик дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳимояи занони муҳоҷир аз тарафи Ҳукумати мамлакат, намуди имтиёзҳои занони муҳоҷир низ таҳқиқ гардиданд.

Мазмуни рисола, маҷмуан меҳнати хориҷии занони тоҷикро инъикос намуда, онро дар мисоли як кишвар нишон медиҳад. Дар рафти таҳқиқот моҳияти ҳодисаҳо, аз он ҷумла, таъмин намудани занони муҳоҷир бо ҷойи кор, бо ҷойи зист, шароити муайяни зиндагӣ, қонунҳои будубоши занони муҳоҷири тоҷик ва роҳҳои пешгирии қонунвайронкуниҳо ва ғайраҳо давра ба давра бо тартиби хоси даврабандӣ ва методи таърихият (историзм) пурра таҳлил гардид. Дар рафти таҳқиқот, ҳамчунин,

методҳои таҳлили структуравӣ ва синтез ҳамчун методи хулосабарорӣ барои тартиб ва муқоиса кардани далелу рақамҳо истифода гардид.

Дар раванди таҳқиқот ҷиҳати расидан ба мақсадҳои гузошташуда методҳои умумиилмӣ, категорияҳои илмии таҳлил, муқоиса, мантиқ, таҳлили оморӣ, омузиши бойгонӣ, хулосабарорӣ ва дигар услубҳои кори илмӣ ба таври васеъ истифода гардиданд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар замони истиқлол (1991 – 2024) (ҷанбаи таърихӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб** дар он аст, ки дар давоми таҳқиқот аз сарчашмаҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ҳисоботи ташкилотҳои давлатӣ ва дигар маводи муътамад истифода карда, саҳифаҳои муҳоҷирати меҳнатии занонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст. Ба сифати далелҳои таърихӣ, ҳамчунин, аз тарафи диссертант таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷаи онҳо бевосита аз шахсони маъруф ва занони муҳоҷири воқеӣ далелу рақамҳои қаблан ошкорнагардида дарёфт гардиданд. Ҳамчунин, дар таҳияи диссертатсия бо вазорату агентиҳои масъули самт ҷиҳати мушаххассозии рақамҳо ҳамкорӣ сурат гирифтааст. Аз ҷониби довталаб дар васоити ахбори омма вобаста ба мавзуи мазкур таҳлилҳо манзур шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар брошураҳо ва мақолаҳои диссертант инъикос гардидаанд. Инчунин, дар маърузаҳои муаллиф дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос гардидааст. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав баррасӣ ва барои дифоъ пешниҳод шудааст

(протокол аз 27.03.2025, №9).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии рисолаи диссертатсионӣ дар 9 интишороти муаллиф инъикос шудаанд, ки аз онҳо 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ дарҷ гардидаанд. Ҳамаи ин мақолаҳо ба мавзуи таҳқиқотӣ дахл доранд, ки муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферат ро инъикос мекунанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Хусусияти умумии кори диссертатсионӣ дар муқаддима пешниҳод шуда, интихоб ва мубрамияти таҳқиқот, ҳадафҳо ва вазифаҳо, принсипҳои методологӣ, навоварии илмӣ, аҳаммияти амалӣ, асосҳои методологӣ таҳлил шуда, манбаъҳои таҳқиқот ва адабиёт баррасӣ гардидаанд.

Ҳаҷми умумии рисола аз 192 саҳифаи матни компютерӣ иборат аст, ки бо истифода аз протсессори матнии Microsoft Word чоп карда шуд, 7 ҷадвал, 6 диаграмма ва 5 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 314 номгӯй иборат мебошад.

# БОБИ I. МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ЗАНОНИ БУРУНМАРЗӢ ДАР МАЪХАЗҲОИ ИЛМӢ (1991–2010)

## 1.1. Ҷанбаҳои назариявӣ, таърихӣ ва амалии муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар хориҷӣ кишвар

Дар ҳама давру замон омилҳои кучидан, ҳаракат, ҷойивазкунии одамон аз марз ба марз, аз ҳудуд ба ҳудуд мушоҳида мегардад, ки ин ҳолат дар сарчашмаҳои таърихӣ дар шаклҳои гуногун бо андешаҳои мухталиф мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Демографи маъруфи рус А.А. Ткаченко мафҳуми муҳоҷирати меҳнатиро дар асари бунёдии хеш чунин баён менамояд: «Мигратсия (муҳоҷират) калимаи лотинӣ буда, маънояш кучонидан, ҳаракат ва ҷойивазкунии одамон аз сарҳади ягон давлат ба ҳудуди давлати дигар бо иваз кардани ҷои зист бо муҳлатҳои гуногун, доимӣ ва дарозмуддат мебошад [62, 403]. Ҳатто агар фард ҷойи худро барои тағйири кор аз як ноҳия ба ноҳияи дигар иваз намояд дар илми демография ба унвони муҳоҷирати фардӣ шинохта мешавад [278, с.23].

Бо дарназардошти иқтидори иқтисодии кишварҳои абарқудрат қариб ҳамаи давлатҳо ниёз ба қувваи корӣ дошта, боиси шарҳи иҷтимоӣ ва илмии мафҳуми муҳоҷиратро ба бор овардааст. А.А. Вейнберг дар асари худ «Муҳоҷират ва мансубият: омузиши солимии равонӣ ва танзими шахсӣ...» қайд менамояд: «Муҳоҷирати аҳолӣ – тағйири доимӣ ё муваққатии макони зист (ба муҳлати нисбатан зиёд, масалан, дар вақти кори мавсимӣ) мебошад. Ба таври рамзӣ аз як ҷо ба ҷои дигар гузаштани инсон дар давраи ҳаёташ маҳз, ҳамин аст» [314, с.265-266]. Демограф, сотсиологи маъруф Ҷ. Мангалам раванди мазкурро чунин баён намудааст: «Муҳоҷират нисбатан доимӣ ҳузур надоштани фард ё гурӯҳи инсонҳост, яъне муҳоҷир аз як макони ҷуғрофӣ ба дигар макон мекучад. Заминаи ин кучиш тасмими муҳоҷир дар асоси тартиботи таърихии низоми арзишҳо ва дар натиҷаи тағйироти баамаломада дар низоми

муҳоҷирати ҷаҳонӣ падид меояд» [302, С.8].

Масъалаи баррасии ин мафҳуми тозаворидгардида аз ҷониби сиёсатшиносон ва демографҳои ватанӣ низ сурат гирифта, Маҳмадбеков М.Ш. вобаста ба убури марзи маъмурӣ ва ё давлатӣ дар китоби худ «Муқаддимаи муҳоҷиратшиносӣ» баён менамояд: «Муҳоҷирати аҳолӣ – ин муҳаррикии фардҳо ва гурӯҳҳои одамон аст, ки зимни он убури сарҳадоти маъмурӣ ё давлатӣ бо тағйир ё бе тағйири (муҳоҷирати ғайриқонунӣ) макони доимии сукунат сурат мегирад» [90, с.87].

Бо суқути ИҶШС ҳануз то расидан ба барҳамхӯрии ҳуқуқии он зуҳуроте чун муҳоҷират дар дохили ин кишвар ба вуҷуд омада буд. Фурӯпошии ин кишвар, ки ҳануз дар раванди бунёди он масъалаҳои марзӣ, миллӣ аксарият иҷборан ва бо истифодаи қувва матраҳ гардида буданд, дубора масъалаи мубрам гардида, дар радифи буҳрони сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ қарор гирифтанд. Дар чунин вазъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аксари ин кишварҳо тағйироти куллии сиёсӣ, иҷтимоӣ ба вуқуъ пайваст ва яке аз онҳо ҷалби одамон ба муҳоҷирати оммавии меҳнатӣ мебошад. Маҳз, дар ин давра, дар баробари бисёр мардон, занон низ ба муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ ҳамроҳ шуданд. Дар робита ба ин, консепсияи гендерии муҳоҷирати меҳнатӣ ҳам дар назария ва ҳам дар амал мушкилот ба бор овард.

Дар замони мавҷудияти ИҶШС соҳаҳое аз қабили сохтмон, нақлиёт, кишоварзӣ, хӯроки умумӣ ва амсоли инҳо ба таври анъанавӣ соҳаҳои мардона маҳсуб меёфтанд. Соли 1991 мардон дар сохтмон 80%, дар нақлиёт 91,5% ва дар кишоварзӣ 63,7% - ро ташкил медоданд. Соҳаи тандурустӣ бо сатҳи баланди иштироки занон 67% фарқ мекард. Ҳиссаи онҳо дар хизматрасонии иттилоотӣ-ҳисоббарорӣ 65,6%, дар қарздиҳӣ ва суғурта 53,9% ба назар мерасид: «Соҳаи анъанавии истифодаи қувваҳои занон дар соҳаи маориф, ҳамчунин бо иштироки назарраси онҳо фарқ мекард 49,2%, саноат 46,1%, алоқа 40,1%, фарҳанг ва санъат 42%, илм ва

хизматрасонии илмӣ 44,1%» [129, 10].

Дар такя ба гуфтаи И.В. Ивахнюк, хосатан, «Имзои созишномаҳои Беловежи аз паси худ маҷмуи раванд ва зуҳуроти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқиеро ба миён овард, ки дар он лаҳза, ҳатто пешгуйи онҳо душвор буд. Яке аз чунин падидаҳои нисбатан равшан, ин афзудани муҳоҷират байни Руссия ва ҳамсоягони наздики он – собиқ кишварҳои Шуравӣ мебошад. Муҳоҷирати байниҷумҳуриявии дохилидавлатӣ ба муҳоҷирати байналмилалӣ табдил ёфт. Махсусияти чунин «ҳолати сарбаста»-и кишварҳои собиқ иттиҳоди ягона ба он оварда расонид, ки акнун тариқи сарҳадҳои байнидавлатӣ гузариш карда, шаҳрвандон наметавонистанд мавқеи худро дар кишваре, ки сукунат доранд, танзим намоянд: онҳо метавонистанд ҷойи зист ва ҳатто ғизо ёбанд, вале имконият надоштанд, ҳамчун шаҳрванди Русия худро ба қайд гиранд» [73, с.199-200].

Шарҳи мафҳуми ҳуқуқии муҳоҷират дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» чунин омадааст: «Муҳоҷират - ин ба тарзи бебозгашт, муваққатӣ, ҳамчунин, мавсимӣ тағйири макон кардани ашхоси воқеӣ дар дохил ва хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст» [3].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ раванди муҳоҷирати аҳолӣ ба таври назаррас кам ва зиёд мегардад, ки ин ҳолат дар ҳамаи кишварҳо ба назар мерасад. Муҳоҷират омилҳои гуногун дошта, то андозае ниёзи табиии ҷараёнҳо маҳсуб меёбад. Дар рӯйхати ин гуна чолишҳои нав, яке аз ҷойҳои аввал ба зарурати танзими хатарҳое, ки дар муҳоҷирати «занҳо» ниҳон аст, тааллуқ дорад.

Дар таҳқиқоти Р. Козинский ва М. Прозеро тавсифи умумии муҳоҷират васеъ инъикос гардида, чунин шарҳ ёфтаанд: «Муҳоҷиратро бояд аз рӯйи меъёру натиҷаҳои гуногун баррасӣ кард. Онро ба намудҳои зерин тақсимбандӣ кардан мумкин аст: аз рӯйи давомнокӣ (муваққатӣ ва доимӣ); аз рӯйи масофа (дур ё наздик); аз рӯйи убури сарҳад (дохилӣ ё хориҷӣ); аз рӯйи ҷалби ҳудудӣ (минтақавӣ, вилоятӣ, ҷумҳурявӣ); аз рӯйи қабули тасмим (ихтиёрӣ, аз ноилоҷӣ, иҷборӣ); аз рӯйи теъдоди ҷалбшудагон (инфиродӣ, оммавӣ); аз рӯйи таркиби

иҷтимоии муҳоҷирон (оилавӣ, қавмӣ, инфиродӣ); аз рӯйи ташкили сиёсии муҳоҷират (кафолатӣ, ихтиёрӣ); аз рӯйи сабаб (иқтисодӣ ва сабабҳои дигар); аз рӯйи мақсад (навписандӣ, анъанавӣ)» [297, с.9].

Омили гендерии муҳоҷирати байналмилалӣ сол аз сол дар сайёра зиёд мешавад. Занҳо дар бисёр соҳаҳои сиёсат, иқтисод ва иҷтимоӣ ҳуқуқҳои баробар бо мардонро ба даст оварда, баробарии ҳуқуқ бо мардон дар чунин соҳа, ба монанди муҳоҷират, барои онҳо шароити вазнин фароҳам меорад. Хусусияти мушкилоти занони муҳоҷир дар фазои пасошуравӣ ин аст, ки онҳо ба зудӣ ба муҳити иҷтимоии шаҳрҳои калон ва марказҳои бузург, ки пур аз имкониятҳоянд, мутобиқ шаванд.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷират ҷузъи сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар буда, маҷмуи чорабиниҳоест, ки ба танзим ва идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират нигаронида шудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли бисёр кишварҳои хориҷаи дуру наздик муҳоҷирати аҳолиро яке аз василаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии кишвар медонад. Дар асоси ин, сиёсати давлатӣ дар самти муҳоҷират асосноккунии ҳадафҳо ва вазифаҳои асосиеро, ки ба рушди устувори иқтисодӣ, таҳкими амнияти давлатии кишвар, таъмини шароити зарурӣ барои амалисозии ҳуқуқҳои муҳоҷирон, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, урфу одатҳо, хусусиятҳои таърихӣ ва фарҳангии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад, пешбинӣ менамояд.

Вобаста ба андозаи гендерии муҳоҷирати меҳнатӣ, одатан, муҳоҷирати занонро дар назар доранд. Масъалаи гендерӣ масоили марбут ба кору фаъолияти бонувон мебошад. Мавқеи зан дар ҷомеа аз ибтидои таърих ба мушкилоти гуногун мувоҷеҳ будааст. Чунки дар ҷомеаи анъанавӣ мисли ҷомеаи мо назари масъулин, роҳбарон ва ҳатто донишмандони улуми мухталиф ва аз рӯйи ин масъала якранг набудааст. Масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ, ки дар он бештар мардон нақш доштаанд

ва охиран нақши занон низ дар он назаррас гаштааст аз ин масоил холӣ набудааст.

Гендер яке аз омилҳои асосии роҳандозии ҳаёти иҷтимоӣ маҳсуб ёфта, онро берун аз равандҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ омухтану баррасӣ кардан номумкин аст.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рушди табиии аҳолӣ дар он хеле зиёд мебошад, масъалаҳои таъмини он ба тамоми имконоти мавҷуда ва алалхусус, ҷойи кор хеле матраҳ аст. Ин масъала ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти олии сиёсии кишвар мебошад, ки дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ [44], ҳамчунин, дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016–2020 ва солҳои 2021–2025 борҳо таъкид шудааст.

| **Ишораи масъалаи муҳоҷират дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** |
|---|
| Бо мақсади танзими муҳоҷират ва ҳимояи ҳуқуқҳои ҳамватанонамон қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа", "Дар бораи ба низом даровардани масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ" ва "Барномаи давлатӣ оид ба Консепсияи муҳоҷирати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул карда шуданд. Дар асоси онҳо идораву корхонаҳои Тоҷикистон бо ширкатҳои хориҷӣ барои таъмин кардани талаботи шаҳрвандони Тоҷикистон бо кор дар хориҷи кишвар ва ҷалб намудани қувваҳои кории хориҷӣ ба Тоҷикистон якчанд шартномаҳо бастаанд (22.04.2002). |
| Вазоратҳои адлия, корҳои хориҷӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ бояд тамоми чораҳоро андешанд, то ин ки шаҳрвандони Тоҷикистон берун аз Ватан сарпарастӣ ва ғамхории давлати худро эҳсос намоянд. Дар соли равон низ дар назди сиёсати хориҷии Тоҷикистон як |

| |
|---|
| қатор вазифаҳои муҳим истодаанд. Ин аз як ҷониб ҳифз ва пойдории натиҷаҳои мусбии дар ҷодаи робитаҳои хориҷии кишвар бадастомада бошад, аз ҷониби дигар вусъати ҳамкориҳо бо кишварҳои мутараққӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бо Иттиҳоди Аврупо, андешидани чораҳои муассир барои дар амал татбиқ намудани паймону қарордодҳои ҳосилгашта мебошад. Дар ин бобат мақомоти дахлдори мамлакат бояд ташаббус зоҳир намоянд, зеро ҳамкорӣ бо давлатҳои пешрафта ба фоидаи тарафайн бошад ҳам, ба он қабл аз ҳама ҷониби мо манфиатдор аст (04.04.2003). |
| Масъалаи шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон низ яке аз проблемаҳои ҷиддӣ ва ҳалталаби рӯз аст. Мувофиқи маълумоти мавҷуда аз шумораи умумии аҳолӣ як миллиону 840 ҳазор нафар аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, яъне қобили кор аст. Дар ин масъала сиёсати давлат пеш аз ҳама ба таҳияи чорабиниҳо доир ба муҳайё кардани ҷойи кор ва таъмини шуғли аҳолӣ дар дохили кишвар нигаронида шудааст. Бо ин мақсад чанд рӯз пештар Қарори Ҳукумат доир ба тасдиқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2005 қабул шуд. Мувофиқи чорабиниҳои ин барнома таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҳамчун яке аз роҳҳои асосии таъмини шуғли аҳолӣ муайян шудааст. Дар муддати зикршуда бояд зиёда аз 210 ҳазор ҷойи нави корӣ ба вуҷуд оварда шавад. Татбиқи барномаи мазкур имкон медиҳад, ки дар давоми солҳои 2003-2005-ум зиёда аз 350 ҳазор нафар, аз ҷумла бештар аз 140 ҳазор нафар бо кумаки мақомоти дахлдори давлатӣ бо шуғл фаро гирифта шаванд (04.04.2003). |

| |
|---|
| Яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии мо ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони кишварамон дар қаламрави давлатҳои дигар мебошад. Ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дар куҷое набошад, бояд ҳимояту пуштибонии давлати худро эҳсос намояд. Мо аз муносибате, ки нисбат ба ҳамватанонамон дар кишварҳои дигар, бахусус дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил раво дида мешавад, сахт дар ташвиш ҳастем. Аз ин рӯ, дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба танзим даровардани масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандонамон дар хориҷа соли равон бояд вазифаи рӯзмарраи мақомоти дахлдор гардад. Ба ҳаллу фасли масъалаҳои зикршуда вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, корҳои хориҷӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои дахлдор бояд аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд. Ҳодисаҳое, ки имрӯз шаҳрвандони мо бо онҳо рӯбарӯ мешаванд, нишон медиҳанд, ки корҳои дар ин самт анҷомёфта кифоя нестанд 30.04.2004. |
| Масъалаи ниҳоят мураккаб ва ҳассоси муҳоҷирати меҳнатӣ низ ҳалли усулӣ ва пурраи худро ёфт ва тадриҷан танзим хоҳад шуд. Дар маҷмуъ, дар натиҷаи талоши пайгирона ва созанда равобити шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мазмуни сифатан нав ва баланд гирифта, табиати мутавозин ва созгор бо манфиатҳои дарозмуддати ҳарду кишвар ва минтақа пайдо намуд. Дар солҳои охир робита ва ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои пешрафтаи ғарбӣ низ майлони мусбат гирифта, онҳо фарогирӣ тақрибан ҳама соҳаҳо ва арсаҳо мебошанд. Бо давлатҳои мутараққии Ғарб ва қабл аз ҳама бо Штатҳои Муттаҳидаи Амрико равобити мо сол то сол густариши тоза ёфта, самти ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, гуманитарӣ, сарҳадӣ ва амниятро фаро мегиранд. Мо ҷонибдори рушду густариши минбаъдаи ин равобит ҳастем, ки ба нафъи мардумони Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ва Тоҷикистон аст ва |

ин раванд бояд дар доираи асноди байни ду кишвар имзошуда идома дода шавад (16.04.2005).

Ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ дар бахши муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоиву ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муваққатан дар хориҷа кор мекунанд, аз танзими рафтуомад, пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва пойдор намудани қонуният дар раванди муҳоҷират иборат мебошад.

Қабул шудани Барномаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2006-2010 омили муҳими ҳалли ин проблема хоҳад шуд.

Махсусан, ба имзо расидан ва тасдиқи Созишнома миёни Тоҷикистон ва Россия дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони мо дар Федератсияи Россия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти васеи танзими муҳоҷирати меҳнатиро фароҳам меорад.

Дар ин робита ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар сохторҳои дахлдори давлатӣ зарур аст, ки ҷиҳати татбиқи бевоситаи нақшаи шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ омодагии касбии кадрҳои коргариро бо роҳи омузиши касбӣ ва ба хориҷа муташаккилона фиристодани шаҳрвандон тадбирҳо андешанд.

Ҳамчунин вазоратҳои корҳои хориҷӣ, корҳои дохилӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадор карда мешаванд, ки дар бораи ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар кишварҳои дигар, хусусан дар Федератсияи Россия чораҳои мушаххас андешида, мавриди амал қарор диҳанд (20.04.2006).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои асосии вазъи ногувор дар бозори меҳнат ва умуман дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ набудани сифати захираҳои меҳнатӣ мебошад. Аз ин рӯ, мо бояд ҳарчи зудтар масъалаи касбомузӣ, бозомузӣ ва такмили

| |
|---|
| ихтисоси муҳоҷирони меҳнатӣ, бекорон ва дигар шахсони ба бозори меҳнат воридгаштаро бо дарназардошти талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ ҳаллу фасл намоем. Ҳамчунин ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш дода мешавад, ки бо тартиби муайянгардида лоиҳаи Стратегияи давлатии танзими бозори меҳнат ва нақшаи нави таъсиси ҷойҳои кориро барои давраи миёнамуҳлат таҳия намояд. Дар масъалаи ҳифзи иҷтимоии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ, яъне собиқадорони ҷангу меҳнат, ятимону маъюбон, пиронсолони бепарастор ва оилаҳои камбизоат сиёсати давлат тағйирнопазир аст. Мо дар ин самт маблағгузории умумии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоиро дар панҷ соли охир қариб 10 маротиба ва имсол нисбат ба соли гузашта ду баробар зиёд карда, кӯшиш дорем, ки шароити зистро дар онҳо торафт беҳтар созем (25.04.2008). |
| Ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар, тақвияти мавқеи мусбати мамлакат дар минтақа ва ҷаҳон, таъмини амнияти иттилоотӣ, таҳкими дипломатияи гуманитарӣ ҳамчун самти муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистон буд ва хоҳад монд. Хулоса, Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии худро тавре роҳандозӣ менамояд, ки он ба ҳалли масъалаҳои мубрам ва тақозоҳои нави дар пешорӯи давлат ва миллат қарор дошта фаъолона мусоидат намояд (15.04.2009). |
| Вобаста ба ин, ба парламент, ҳукумати мамлакат, тамоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ лозим аст, ки фаъолияти худро дар самти татбиқи ҳадафҳои муқарраршуда, аз ҷумла доир ба ҳалли масоили вобаста ба муҳоҷирати муҳнатӣ тақвият бахшида, ба масъалаҳои таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ диққати доимӣ диҳанд. Дар робита ба ин, ҳукумати мамлакат ва мақомоти дахлдори он вазифадор карда мешаванд, ки масъалаи зарурати ташкили сохтори |

| |
|---|
| алоҳидаро доир ба танзими масоили вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамаҷониба омӯхта, хулосаҳои худро пешниҳод намоянд (24.04.2010). |
| Бинобар ин, ба вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф супориш дода мешавад, ки ҳар сол ҷиҳати ба касбомӯзӣ, такмили ихтисос ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ ҷалб намудани то сад ҳазор нафар шаҳрвандони бекор, бахусус муҳоҷирони меҳнатӣ чораҷӯӣ намуда, бо ин мақсад дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар марказҳои таълими калонсолон, омӯзиши хизматрасонӣ ва соҳибкориро ташкил намояд. Ҳамзамон бо ин, ба тамоми сохторҳои давлатӣ ва дар навбати аввал вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки бо ҷалби имкониятҳои соҳибкорони ватанӣ ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои нави истеҳсолӣ, муҳайё намудани шумораи ҳарчи бештари ҷойҳои корӣ, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва сатҳи хизматрасонӣ, инчунин азхудкунии заминҳои нав чораҳои қатъӣ андешанд (20.04.2012) |
| Бинобар ин, ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, рушди иктисод ва савдо, Кумитаи занон ва оила, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бори дигар супориш дода мешавад, ки доир ба тақвияти низоми ягонаи омӯзиши касбии шаҳрвандони бекор, бахусус муҳоҷирони меҳнатӣ ва аҳолии калонсол, инчунин ташкили кори хонагӣ, ҳунарҳои дастӣ ва дигар намудҳои косибӣ барои занону духтарони хонашин ва бо ҳамин роҳ паст намудани шиддати бекорӣ чораҳои зарурӣ андешанд ( 23.04.2014). |
| Танзими масъалаҳои вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумат ва роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо мебошад. |

| |
|---|
| Дар ин самт зарур аст, ки ҷиҳати коҳиш додани муҳоҷират муҳайё намудани ҷойҳои нави кориро дар дохили кишвар ҳарчи бештар тавсеа бахшида, доир ба масъалаҳои танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони мо ҳамкорӣ бо мақомоти марбутаи кишварҳои қабулкунандаи нерӯи корӣ беш аз пеш тақвият бахшида шавад. Илова бар ин, дар бобати азхуд кардани касбу ҳунарҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ва забономузии шаҳрвандон чораҳои иловагӣ андешида, ҷиҳати такмили масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар то охири соли ҷорӣ лоиҳаи қонун "Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ" ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад ( 23.01.2015). |
| Дар доираи чорабиниҳои зиддибуҳронӣ бо мақсади бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта "Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2016-2017" қабул гардид, ки бояд дар асоси он беш аз 300 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис ва барқарор карда шаванд. Танзими давлатии муносибатҳои меҳнатӣ, шуғли аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, касбомузӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ ба суботи иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири бевосита дорад. Дар баробари ин, вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илмро зарур аст, ки ҷиҳати тақвият бахшидан ба омодагии касбии шаҳрвандон ва муҳоҷирони меҳнатӣ раванди таълими касбиро ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва талаботи воқеии бозори меҳнат мутобиқ гардонанд. Бо дарназардошти вазъи имрӯзаи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ ва бо ҷойи кор таъмин кардани шумораи ҳарчи бештари шаҳрвандон Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар вазорату идораҳо, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, ташкилоту корхонаҳо, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, инчунин соҳибкорон, масъулони муассисаҳои |

| |
|---|
| таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро зарур аст, ки бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо барои фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ чораҷӯӣ намуда, ҷиҳати таъсиси курсҳои таълими касбу ҳунар ва забономӯзии муҳоҷирони меҳнатӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд. Боиси таассуф аст, ки баъзе созмонҳои байналмилалӣ аз ҷониби як қатор доираҳо ва давлатҳову фондҳо ошкоро маблағгузорӣ гардидани созмонҳои террористиву ифротгаро, поймолшавии ҳуқуқи инсон, аҳволи тоқатфарсо ва дар роҳи муҳоҷират дар баҳрҳо ғарқ шудани ҳазорон нафар гурезаҳо, аз ҷумла занону кӯдаконро нодида мегиранд (20.01.2016). |
| Аз ин рӯ, ба вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм супориш дода мешавад, ки оид ба ҳалли мушкилоти мавҷуда чораҳои зарурӣ андешида, камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намоянд.<br>Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, занон ва оила, рушди сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки масъалаи шуғли аъзои ҳар як оилаи кишварро таҳлил карда, ҷалби онҳоро ба соҳаи кишоварзӣ, корҳои хонагӣ, косибӣ, ҳунарҳои мардумӣ, инчунин, корҳои мавсимӣ ва хизматрасонӣ таъмин созанд.<br>Аз ҷумла, содир шудани чунин ҷиноятҳо аз ҷониби кормандони вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, кумитаҳои андоз, кор бо ҷавонон ва варзиш, судҳо ва бонкҳо бештар ба қайд гирифта шудааст (22.12.2017).<br>Вобаста ба ин, Ҳукумати мамлакат, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, инчунин, раисони вилоятҳо ва |

шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки дар муддати панҷ соли оянда шаҳрвандони аз 18-сола болоро, ки касбу ҳунар надоранд, ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намуда, ҷиҳати саросар соҳибкасб кардани аҳолӣ тадбирҳои ҷиддиро роҳандозӣ намоянд. Ҳамчунин, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро зарур аст, ки сифати таҳсилот ва касбомузиро дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар созад ва ихтисосу ҳунарҳоеро, ки барои кишвар заруранд, таъсис дода, ҷиҳати ба шуғл таъмин шудани сокинони мамлакат, бахусус, занону духтарон тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд. Бо ин мақсад, мо бояд то ҷашни 30 - солагии истиқлолияти давлатӣ фаъолияти худро боз ҳам беҳтар карда, бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо барои сокинони кишвар ҳар сол на кам аз 100 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳем ва бо ҳамин роҳ шиддати муҳоҷирати меҳнатиро паст намоем (26.12.2019).

Ҳамзамон, бо ин, ба вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм супориш дода мешавад, ки барои таҷдиди назар кардани барномаву нақшаҳои таълими касбҳои коргарӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва таъмини муассисаҳои зикршуда бо китобҳои дарсӣ чораҳои заруририро ба роҳ монанд ( 26.01.2021).

Дар баробари ин, таъкид месозам, ки дар шароити ниҳоят ҳассосу мураккаби минтақа ва ҷаҳон дар назди мо вазифаҳои бағоят мубрами амниятӣ, аз ҷумла мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводди мухаддир, силоҳ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, инчунин, муҳоҷирати ғайрирасмӣ қарор доранд, ки вобаста ба ҳодисаҳои Афғонистони ҳамсоя торафт шиддат гирифта истодаанд (21.12.2021)

Дар ин раванд, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҷиҳати таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ҳамкории фаъол бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва омода кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои Вазоратҳои маориф ва илм,

меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд, уҳдадоранд, ки тавассути роҳандозии барномаҳои таълимии муосир омода кардани кадрҳои лаёқатманд ва баландихтисосро таъмин намояндандихтисоси техникиву муҳандисӣ чораҷуйӣ намоянд.

Вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд, уҳдадоранд, ки тавассути роҳандозии барномаҳои таълимии муосир омода кардани кадрҳои лаёқатманд ва баландихтисосро таъмин намоянд (28.12.2023).

Бояд қайд намуд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини «Бо мақсади танзими муҳоҷират ва ҳимояи ҳуқуқҳои ҳамватанонамон қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа", "Дар бораи ба низом даровардани масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ" ва "Барномаи давлатӣ оид ба Консепсияи муҳоҷирати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул карда шуданд. Дар асоси онҳо идораву корхонаҳои Тоҷикистон бо ширкатҳои хориҷӣ барои таъмин кардани талаботи шаҳрвандони Тоҷикистон бо кор дар хориҷи кишвар ва ҷалб намудани қувваҳои кории хориҷӣ ба Тоҷикистон якчанд шартномаҳо бастаанд».

Арзёбии муҳоҷирати меҳнатии беруна нишон медиҳад, ки ба мақсад мувофиқ будани муҳоҷирати меҳнатии занон дар ҷомеаи Тоҷикистон хеле норавшан аст. Аз як тараф, ҳама вазъи молии хонаводаҳо ва моҳияти иҷбории муҳоҷирати занонро дарк мекунанд, аз тарафи дигар, бахши қобили мулоҳизае аз мардон ва ҳатто занон аз тақсими анъанавии нақши марду зан ёдовар мешаванд. Муносибати норавшан ба муҳоҷирати меҳнатии занон аз низоми зиддиятноки муносибатҳои иҷтимоии байни

марду зан вобаста аст, ки он меъёрҳои шӯравӣ, унсурҳои анъанавии патриархалӣ, хусусиятҳои нави ғайрианъанавии нақши марду занро дар бар мегирад.

Тибқи маълумоти расмӣ, дар 6 моҳи соли 2022 24 ҳазору 698 шаҳрванди Тоҷикистон барои истиқомати муваққатӣ ва 51 ҳазору 463 нафар иҷозатномаи иқомат гирифтаанд ва 76161 нафар барои гирифтани шаҳрвандии Руссия номзад шуданд.

Бояд гуфт, ки муҳоҷирати меҳнатӣ аз Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, таваҷҷуҳи пажуҳишгаронро ба худ ҷалб кардааст. Бо вуҷуди ин, ин зуҳурот ҳануз кам омухта шудааст. Тавре, ки Н.П. Космарская соли 1998 зикр карда буд: «Омузиши муҳоҷират аз рӯйи мавқеи равиши гендерӣ хеле заиф аст: ...на монографияҳо, на мақолаҳои муфассал, на камтар аз маҷаллаҳо ва конференсияҳои махсус» [65].

«Ҳангоми таҳлили якчанд корҳои дастаҷамъӣ бояд зикр кард, ки дар онҳо мушкилоти муҳоҷирати занон ба кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, аз ҷумла, муҳоҷирати меҳнатӣ аз Осиёи Марказӣ, махсусан, Тоҷикистон ба Русия баррасӣ карда мешаванд» [197].

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсири муҳоҷират ба бозори меҳнат дар Русия, андоза ва сохтори интиқоли пул аз Русия ба ватани муҳоҷирон таваҷҷуҳ доранд. Аз ҷониби С.А. Панарин дар маҷмуаи мақолаҳои соли 2003, тамоюлҳои асосии ӯ, хусусиятҳои ҷойгиркунии фазои муҳоҷирон дар Русия хулосаҳо ва пешгӯиҳои ҷолиб баён гардидаанд. Онҳо рушди минбаъдаи муҳоҷирати ихтиёриро аз минтақа тасдиқ мекунанд [196, с.33].

Омилҳои таъсиргузори муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷониби пажуҳишгарони хориҷӣ чунин матраҳ мешаванд:

1. Е.С. Ли «Дар раванди тасмимгирӣ дар хусуси аз як ҷо ба ҷои дигар рафтани муҳоҷирони меҳнатӣ омилҳои асосиро ба омилҳои макони

баромад ва маскуншавии муҳоҷирон ва ҳамчунин идроки фардӣ ва рафтори фардӣ ҷудо кардааст» [300, с.47-57];

2. Я. Уолперт «Ҷои муфид» ҳамчун «бақияи фоидаҳои бадастовардаи фард дар натиҷаи муҳоҷират» муайян мешавад, гузашта аз ин ҳамгирой дар ҳама гуна намуд ва фазо низ метавонад муфид бошад» [315, с.118];

3. Р. Козинский ва М. Прозеро: «Омилҳои ибтидоӣ, омилҳои аутогенӣ ва аллогенӣ» [306, с.256-266];

4. Я. Мангалам «Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки он дар худ бандҳои зеринро фаро мегирад: таъмини хидматрасониҳои тиббӣ ва маърифатӣ» [311, 194];

5. П. Ҷорҷ «Муҳоҷират ҳамчун натиҷаи таъсири омили иқтисодӣ ба зарурат ё кучиши иҷбории оммавӣ мебошад» [292, с.49];

6. Д.Ҷ. Богуе «Шароити иҷтимоӣ-иқтисодии ба муҳоҷират таъсиркунанда (сармоявӣ; саҳмгузорӣ дар макони баромад), тағйир додани технологияи истеҳсолот, танзими муҳоҷират ва таъмини шароити хуби иҷтимоӣ барои муҳоҷирон» [287, с.917];

7. Е.Б. Бреева «Дар демография таҳти мафҳуми муҳоҷирати аҳолӣ ҷойивазкунии одамон (муҳоҷирон) тавассути марзҳо ё дигар ҳудуд бо тағйирёбии абадӣ ё нисбатан тӯлонии ҷои истиқомат, ё бозгашти мунтазам ба он фаҳмида мешавад» [58, с.112].

Таҳлили муфассали муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистонро дар нашрияи ҳамноми С. Олимова ва И. Боска [57] пайдо кардан мумкин аст. Пайравии онҳо амалан ягона маводеро мемонад, ки дар он феномени муҳоҷирати меҳнатии Тоҷикистон дар тамоми кишвар муфассал ва мукаммал таҳлил карда шудааст. Дар асоси ин таҳқиқот муаллифон маълумоти арзишмандро дар бораи касби муҳоҷирон, намудҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, хусусиятҳои ташаккули шабакаҳои муҳоҷират, таъсири экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии муҳоҷират ба ҷумҳуриро ба даст оварданд. Аз ҷумла, зикр мешавад, ки дар сохтори муҳоҷирати меҳнатии

занон аз Тоҷикистон тақрибан 15% рост меояд [57].

Аксари кишварҳое, ки пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ истиқлол ба даст оварданд, бо масъалаи муҳоҷират, бахусус муҳоҷирати бонувон рӯ ба рӯ шудаанд. Сабабҳое, ки занонро ба рафтан ташвиқ мекунанд, объективӣ ва субъективӣ, ангезаҳои шахсии занон ва мақсадҳои эшон мебошанд. Вақте занону бонувон ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд онҳо аз муҳити оила дур шуда, аз иҷрои вазифаҳои аслии худ то андозае дур мемонанд. Яъне, дур аз хонавода аз парастории аҳли хонавода мемонанд ва метавон гуфт, ки ин масъаларо то андозае ба боди фаромӯшӣ месупоранд.

Барометри ҳассосият ин афзоиши таваҷҷуҳи намояндагони сохторҳои гуногуни манфиатдор ва дар маҷмуъ, ҷомеа ба мавзуи муҳоҷирати меҳнатии занон ва ба заноне, ки дар ҷараёни муҳоҷират иштирок мекунанд, мебошад. Мо имрӯзҳо дар ин ё он ВАО ба мавзуи масъалаи муҳоҷират ва шароити сахти кории онҳоро дучор меоем. Дар ҳақиқат муҳоҷират ва он ҳам муҳоҷирати корӣ ҷараёни хеле мураккаб мебошад, чунки инсон дар муҳити бегона бо як идда мушкилоте рӯ ба рӯ мешавад, ки ҳаллу фасли онҳо кори саҳлу осоне нест. Аз ин рӯ, дар матбуоти даврӣ ва тамоми расонаҳои ахбор перомуни ин қазия ва мушкилоти он зиёд менависанд ва ёдоварӣ мекунанд. Албатта солҳои охир ҳукуматдорон ва ашхоси марбута перомуни ин масъала иқдомҳои гуногуне ба кор гирифта истодаанд, аммо то чи андоза ин иқдомот муфид ва муассиранд, замон  онро қазоват мекунанд.

Пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ боиси таконҳои бузурги иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ гардид. Ин боиси оғози равандҳое гардид, ки қаблан дар минтақа ба қайд гирифта нашуда буданд, аз ҷумла, муҳоҷирати берунии васеъмиқёс. Афзоиши босуръати шумораи муҳоҷирон боиси тағйироти ҷиддии сохторӣ дар ташкили ҷамъият гардид. Ҳамин тариқ, мавҷи бузурги муҳоҷирати меҳнатии мардон боиси

сафари занон ба кишвари бегона барои кор шуд, занон қисми намоёни ҷараёни муҳоҷират шуданд. Дар Осиёи Марказӣ расм набуд, ки занон ба муҳоҷирати меҳнатӣ бираванд, аз ин рӯ, ин зуҳурот барои ин минтақа омили нав мебошад. Коршиносон бар ин назаранд, ки симои занона касб кардани ҷараёнҳои муҳоҷират аз солҳои 1990-ум хусусияти хоси марҳилаи ҷадиди рушди муҳоҷирати байналмилалии меҳнатӣ мегардад [289].

Аксари муҳоҷирон, ҳам мардон ва ҳам занон, ки бе ҳуҷҷат мебошанд (масалан, онҳо метавонанд бақайдгирии ҷойи зист ва ё иҷозати кор надошта бошанд), дар натиҷа, онҳо аз ҷониби корфармоён ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавриди истисмор, фишор ва таҳдид қарор мегиранд. Дар ин ҳолат, дар муқоиса бо муҳоҷирони мард, занон аз сабаби нобаробарии гендерӣ, ки мушкилоти марбут ба мақоми ҳуқуқии онҳоро меафзояд, осебпазиртаранд.

Ҳоло дар Тоҷикистон насли шаҳрвандоне ба воя расидаанд, ки дар оилаҳои онҳо муҳоҷирони меҳнатӣ ҳастанд. Агар пештар муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун намунаи мусбати шуғли аҳолӣ ба мардон дахл дошт, ҳоло бо мардон занон низ ба муҳоҷирати меҳнатӣ бештар ҷалб карда мешаванд, ки онҳо низ тамоми душвориҳо ва маҳрумиятҳои кориро аз ватан дур мекашанд [46].

Коршиносони соҳаи муҳоҷират бар ин назаранд, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ афзоиши шумораи занони муҳоҷири меҳнатӣ мушоҳида мешавад ва Тоҷикистон низ истисно нест. Барои занон дар муқоиса бо мардон кор кардан осонтар аст, зеро онҳо содиқтар муносибат мекунанд. Аммо муҳоҷират ва куллан кор кардан дар дурӣ аз ватан кори хеле сахту сангин аст. Якчанд омилҳои дигар дар ин робита қарор доранд, ки онҳо бешак корро дар ин самт мушкил мегардонанд. Аммо сарфи назар аз тамоми мушкилоти мавҷуда занону бонувони тоҷик ба иллати норасоии молиявии оилаи хеш даст ба ин кор мезананд [46].

Яке аз омилҳои тақвияти муҳоҷирати меҳнатии занон ба даст овардани сатҳи муносиби зиндагии аҳолии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, занон тавассути барномаҳои телевизионӣ, филмҳо, васоити ахбори омма, шабакаҳои интернетӣ ва ғайра бо ҳаёти одамон дар дигар кишварҳо шинос мешаванд ва кӯшиш мекунанд, ки дар шароити муқаррарӣ зиндагӣ кунанд ва яке аз роҳҳои расидан ба ин ҳадаф муҳоҷирати меҳнатиро берун аз кишвар мебинанд. Омили дигари ҷалби занон ба муҳоҷират маслиҳат ва тавсияҳои занон дар муҳоҷират мебошад. Омили сеюм пароканда шудани оилаҳои ҷавон аст, ки дар натиҷа занон худро «занони озод» меҳисобанд. Яъне, занони бешавҳар метавонанд бо хоҳиши худ дар хориҷа кор кунанд, то зиндагии худро пеш баранд.

Маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон аксари занон бо оилаҳои худ ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд [176]. Яъне, таҳқиқоти мо ин ақидаро тасдиқ мекунад, ки муҳоҷирати оилавӣ дар Тоҷикистон оғоз шудааст. Мо бовар дорем, ки ин як нуқтаи мусбат дар муҳоҷирати меҳнатии занон аст. Аммо, занони бешавҳар ва талоқшуда дар ин раванд мавқеи дуюмро ишғол мекунанд.

«Бисёр таҳқиқоти илмии солҳои охир, ки олимону мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ гузаронидаанд, ҳақиқати ногузири онро тасдиқ мекунанд, ки дар тули ҳазорсолаҳои таърихи тамаддуни инсонӣ, муҳоҷират қисми ҷудонашавандаи ҳаёти халқҳо будааст ва мебошад» [183, 48].

«Дар байни коршиносон фарзияе мавҷуд аст, ки асос надорад, ки инсон ба зиндагӣ дар сайёра чандон мутобиқ нашудааст, балки бештар аз ин, масъалаи зинда мондани одамон то ҳол ҳалношуда боқӣ мондааст» [156, 35]. «Эҳтимол, тасодуфӣ нест, ки баррасии вазъияти демографии ҷаҳон, ки аз ҷониби СММ нашр мешавад, дар байни олимон, сиёсатмадорон, рӯзноманигорон як рӯйдоди намоён гардида, таваҷҷуҳи

зиёди ҷамъиятро ба худ ҷалб мекунад» [45].

Бояд гуфт, ки дар шароити Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатии занон танҳо баъди соли 2000 оғоз гардида, дар давоми 20 соли баъдӣ тағйир ёфтааст. Ба муҳоҷират рӯ овардани бонувон иллати гуногун дошта, солҳои охир хислат ва характери нав касб кардааст, аз ҷумла беҳтар шудани шароити зиндагӣ, ҷалби кӯдакон ба муассисаҳои таҳсилоти олии дохилӣ ва ҳатто хориҷӣ, баргузории маросимҳои арусӣ ва дигар маросимҳо.

Зикр намудан ба маврид аст, ки гурӯҳи якум ва дуюми заноне, ки ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ҷалб шудаанд, асосан ба Федератсияи Русия ва Қазоқистон мераванд. Зеро маҳз дар ин кишварҳо онҳо метавонанд бо маоши баландтар ва шароити мусоиди кор ва зиндагӣ шуғл пайдо кунанд. Ғайр аз он, аксари заноне, ки доимо муҳоҷират мекунанд, каму беш забони русиро медонанд ва ин метавонад ба пешрафти онҳо дар соҳаи кор ва фаъолият мусоидат кунад.

Омузиши масъалаи мазкур ба мо маълум мекунад, ки қисмати бештари бонувон ва заноне, ки ба муҳоҷиртаи меҳнатӣ рӯ меоваранд, онҳо дар маҳалли буду боши хеш дар муҳоҷирати меҳнатӣ ба корҳои зерин аз қабили рӯбучин, нигоҳубини атфоли ашхоси сарватмандон ва ё волидайни нафақахӯри ашхоси сарватманд, кори саҳро ва фурӯшанда дар бозору мағозаҳо машғул мешаванд. Маъмулан барои чунин анвои корҳо маблағҳои ночизе пардохт карда мешавад, аммо чун ин бонувон ва занон аз рӯйи иҷборӣ рӯ ба муҳоҷират овардаанд, ба ҳамон маблағҳои ночиз ҳам кифоят мекунанд, то дар ин росто кори пурмаблағтареро дарёфт кунанд.

Дар маҷмуъ, соҳаи фаъолияти занони вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ хеле танг аст. Ин аз он сабаб аст, ки қисми зиёди занони муҳоҷир забони русиро хуб намедонанд ва илова бар ин, касбе надоранд, ки барои ин муҳит заруранд.

Шумораи муҳоҷирони узбек дар Русия нисбат ба тоҷикон якчанд

маротиба зиёдтар аст ва шаҳрвандии онҳо якчанд маротиба камтар аст. Инро бо қоидаҳои мавҷудаи шаҳрвандии дугона байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Русия шарҳ додан мумкин аст.

Тибқи таҳлили коршиносон, ҳар сол тақрибан 35-45 фоизи ҷавонони қобили меҳнат аз Тоҷикистон ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, ки аксари онҳо ҷавонони аз 18 то 45 сола мебошанд. Аксарияти ин ҷавонон асосан Федератсияи Русия ва Қазоқистонро интихоб мекунанд ва бояд гуфт, ки дар байни ин шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ занону духтарон зиёданд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир як қисми ҷавонони Тоҷикистон барои муҳоҷирати меҳнатӣ кишварҳои Аврупо ва Осиё, аз ҷумла Англия, Олмон, Кореяи Ҷанубӣ, Чин ва Ҷопонро интихоб мекунанд ва бисёре аз онҳо ҳатто бо оилаҳои худ ба ин кишварҳо сафар мекунанд. Дар байни ин муҳоҷирон бештар табибон, омузгорони забонҳои хориҷӣ, муҳандисон, агрономҳо, муҳосибон ва намояндагони касбҳои гуногун ҳастанд [221, 21].

Бо назардошти афзоиши шумораи занони муҳоҷири меҳнатӣ, муҳаққиқон дар омӯзиши хусусиятҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва касбии онҳо, таҷрибаҳои меҳнатӣ, хусусиятҳои шуғл ва хатарҳои марбут ба истисмор ва табъиз ба мушкилот дучор мешаванд. Натиҷаҳои ин таҳқиқот метавонанд мушкилоти зиёдеро дар ин замина ҳаллу фасл намоянд.

Аз нимаи дувуми солҳои 80-уми асри гузашта, якчанд ташкилоти сатҳи ҷаҳонӣ барои муайян кардани мушкилоти занони муҳоҷир дар доираи раванди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии муҳоҷирати меҳнатӣ чораҳо андешиданд.

Тибқи як назарсанҷии гузаронидашуда дар байни ҷавонон, мусоҳибон изҳор доштанд, ки барои духтарон модар ва зани хуб будан таҳсилоти мактабӣ кифоя аст. Таҳқиқоти дигар нишон медиҳанд, ки тақрибан нисфи занон пас аз хатми таҳсил бо сабаби фишори меъёрҳои

иҷтимоӣ дар бозори меҳнат ғайрифаъол мешаванд. Сатҳи таҳсилот, ҳамчунин, қобилияти занон дар ёфтани кор нақши муҳим мебозад. Дар Тоҷикистон таҳқиқоти зиёде дар заминаҳои мухталиф анҷом дода мешаванд ва охиран оморе, ки дар ин ҷода ба даст омад, баёнгари он аст, ки занони таҳсилоти олидошта дар мамлакат 54%-ро ташкил медиҳанд ва зимни пазируфтани эшон ба кор фоизи онҳое, ки таҳсилоти олӣ доранд ба маротиб боло буда, нисбат ба рақаме, ки эълон шуд 18%-ро ташкил медиҳад. Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки бидуни босаводсозии занону духтарон, ягон кишвари ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон, наметавонад ба рушди фарогири иқтисодӣ ва аз байн бурдани камбизоатӣ ноил гардад.

То оғози асри нав муҳоҷирати меҳнатии дохиливу хориҷӣ, хусусан дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, ба мардон бештар дахл дошт. Дар ин муҳит, аксари занон одатан корҳои хонагӣ, нигоҳубини кӯдакон, корҳои саҳроӣ ва амсоли инҳоро анҷом медоданд.

Аз соли 1980 инҷониб ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк кардааст, ки барои ҳалли мушкилоти занони муҳоҷир дар сатҳи иҷтимоӣ бояд ба сиёсати иҷтимоӣ ва муҳоҷират баргардад. Шуъбаи аҳолии СММ гурӯҳи коршиносонро оид ба сиёсати байналмилалӣ дар соҳаи муҳоҷират ва вазъи занони муҳоҷир ташкил кардааст. Соли 1990 аввалин ҷаласаи ин гурӯҳ баргузор шуд, ки дар он барномаи рушди муносибати ҳассоси гендерӣ ба муҳоҷират муҳокима ва қабул карда шуд.

Яке аз сабабҳои муҳоҷирати меҳнатии занон дар Тоҷикистон дар он аст, ки вақте шавҳарон оиларо бе дастгирии моддӣ ва маънавӣ ба ихтиёри худ мегузоранд, занону фарзандон дар вазъияти душвори зиндагӣ қарор мегиранд. Оилаҳои таркшудаи коргарони муҳоҷир категорияи махсусан осебпазири аҳолиро ташкил медиҳанд, зеро занони чунин оилаҳо аксар вақт на омӯзиши касбӣ доранд ва на малакаи корӣ  ва кӯдакон асосан ноболиғон мебошанд. Баъзан волидони пиронсол низ дар нигоҳубини ин оилаҳо қарор доранд.

Дар асоси иттилоти расонаҳои ахбор ва Созмони Милали Муттаҳид дар ҳоли ҳозир дар кураи замин беш аз 1 млрд аҳолӣ дар ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ ширкат варзида истодаанд. «Муҳоҷирони дохилӣ, ки маҳалли зисти хешро дар кишвари худ иваз мекунанд, қариб 4 маротиба зиёдтар аз муҳоҷирони байналмилалӣ мебошанд» [227]. «Дар ин замина, динамикаи шумораи муҳоҷирони байналмилалӣ чунин ба назар мерасад: агар дар миёнаи солҳои 1990 – 100 млн муҳоҷирон бошанд, пас дар соли 2005 – аллакай 192 млн ва соли 2010 – 217 млн буданд» [238].

Мутаассифона, бисёре аз занони тоҷик дар бораи ҳаёти худ дар муҳоҷират ва зарурати беҳтар фаҳмидани онҳо хомӯш мемонанд. Ин овозҳои одатан ношунаво муҳиманд, зеро вақте ки мо онҳоро мешунавем, онҳо маънои фарогирӣ ва бегонагиро барои ин занон ошкор мекунанд. Муҳим он аст, ки таҳлили мо ба дарёфти заминаи миёна байни мавқеъгирии муҳоҷирати меҳнатии занон ё ҳамчун фазои озодии занон ё танҳо ҳамчун таҷрибае, ки онҳоро аз ҳуқуқ ва имкониятҳо маҳрум мекунад, бахшида шудааст.

Ба андешаи мо, яке аз масъалаҳои муҳимме, ки муддати тулонӣ дар сохторҳои марбут ба фаъолияти муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишвар ҳал мешавад, набудани суғуртаи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад, ки аз таҷрибаи кишварҳои дигар, танҳо чунин сохтор метавонад масъалаҳои марбут ба муҳоҷиратро ҳал кунад. Фонди суғуртаи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ бояд барои суғуртаи ҳаёт, пардохти маблағ дар ҳолати маъюбӣ, суғуртаи тиббӣ ва барқарорсозӣ пас аз садамаҳо, иштирок дар семинарҳо дар доираи омодагии пешазинтихоботӣ, расонидани кумаки иҷтимоӣ дар асоси корти шиносоӣ (чунин корт барои муҳоҷирон ҳатмӣ аст), хизматрасонӣ дар сафоратхонаҳо ва консулгариҳои Тоҷикистон, ки дар давлати қабулкунанда фаъолият мекунанд, инчунин, барои гузаронидани муоинаи тиббӣ пешбинӣ карда шавад.

Ба андешаи коршиносони СММ, муҳоҷират ба феҳристи масъалаҳои ҳассостарин, ки инсониятро нигарон мекунад, ворид шудааст ва ҳамчун қувваи мусбат, ки ба рушди инсон мусоидат мекунад, эътироф гаштааст. Донишманди амрикоӣ Питер Сталкер, дар ин робита чунин мегӯяд: «Муҳоҷирон аксар вақт зиёдтар ҷойҳои корӣ эҷод мекунанд, аз онҳое, ки ишғол мекунанд, бештар андоз месупоранд, аз онҳое, ки кумакпулӣ мегиранд ва миллатҳои асосиро суст намекунанд, балки ҷамъиятҳои бисёрфарҳангиро, ки ба онҳо ҳамроҳ мешаванд, доимо бой ва тақвият мебахшанд» [114, 8].

Соли 2009 дар робита ба ин қазия дар гузориши СММ чунин омадааст: «Бартараф кардани монеаҳо: мобилии инсон ва рушд» [227, 8], истилоҳи «муҳоҷират» бештар дар заминаи «мобилӣ» баррасӣ мешавад, ки дар доираи илмии ғарбӣ ҳамчун ҷанбаи калидии озодии инсон фаҳмида мешавад.

Дар маҷмуъ, дар ақсои олам далоили ба муҳоҷират рӯ овардани аҳолӣ мухталиф мебошад ва донишмандони соҳа низ перомуни ин масъала назароти мухталиферо ироа мекунанд.

Дар ҳамин ҳол, тавре коршинос Тамара Шкел зикр мекунад, барои лоиҳаи қонуне, ки тирамоҳи соли 2005 аз ҷониби вакил Н. Курянов пешниҳод шуда буд, ки занони рус, ки бо хориҷиён издивоҷ кардаанд, аз шаҳрвандӣ маҳрум карда шаванд, ҳамагӣ 3 вакили Думаи давлатии Федератсияи Русия овоз доданд [222]. Чунин ба назар мерасад, ки ин вазъият ва бо ҳамин натиҷа имрӯз низ такрор шуда метавонад [183].

«Муҳоҷирати занон дар фазои пасошуравӣ пас аз пошхӯрии ИҶШС хусусият ва анъанаҳои худро дорад, ки яке аз самтҳои афзалиятноки он барои шаҳрвандони ҷумҳуриҳои собиқ иттифоқӣ, аз ҷумла Федератсияи Русия гардидааст» [116]. «Ҳамзамон, муҳоҷират дар кишвари мо торафт бештар хусусияти феминистӣ мегирад, ки дар як қатор таҳқиқоти илмӣ» [273, 92] ин масъала инъикос ёфтааст. «Тақсимоти анъанавии гендерӣ

дар оилаҳои Осиёи Марказӣ, ки дар он мард бо кор кардани пул оиларо таъмин мекунад ва зан вазифаҳои репродуктивӣ, аз таваллуд ва тарбияи фарзандон то идораи хоҷагӣ, нигоҳдории ҳаёти оиларо ба зимма дорад, тағйироти ҷиддӣ дидааст. Занҳо бештар маҷбуранд, ки бо сабабҳои гуногуни шахсӣ ва оилавӣ мустақилона пул кор кунанд ва қариб ҳар кадоми онҳо эътироф мекунанд, ки барои кор ба хориҷи кишвар омодаанд» [273, 93].

Бо таваҷҷуҳ ба он ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳоли ҳозир яке аз бахшҳои муҳимми баланд шудани сатҳи сифати зиндагии мардум гаштааст, давлат дар навбати хеш чораҳои фавриро дар ин замина меандешад, то ба кумаки муҳоҷирон бирасад. Қабули консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон яке аз ин иқдомҳо мебошад.

Санаи 31 январи соли 2006 таҳти №61 «Барномаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2006–2010» қабул гардида буд [269]. Ин Барнома низ дар амри ба танзим даровардани ин ҷараён нақши арзишманди худро бозида буд.

Дар солҳои баъд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ ба хотири ба танзим даровардани ин ҷараён Барнома ва Стратегияҳои дахлдорро қабул намуд. Ба ин мисол шуда метавонад «Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2011–2015», ки санаи 4 октябри соли 2011 №460 қабул шуда, ба тасвиб расида буд. Ин Стратегия ва санаду мадорики расмие, ки дар ин замина таҳия гардида ба тасвиб расидаанд, баёнгари он мебошанд, ки масъулони давлат ва Ҳукумат ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Ҳамин тавр, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занони кишварро таҳлил намуда, гуфтан мумкин аст, ки мушкилот дар чорабиниҳои муҳимми марбут ба оилаҳои муҳоҷирон ва

ширкати онҳо дар ҷараёни рушди мамлакат ҷой дошта, дар миёни кишварҳои ИДМ нишондоди баландтарин ба души Украина 59%, Қирғизистон 50%, Молдова 41% рост меояд. Дар Тоҷикистон бошад, ин раванд дар ҳоли афзоиш қарор дорад.

## 1.2. Хусусиятҳои омузиши масъалаҳои мубрами муҳоҷирати меҳнатӣ аз нуқтаи назари таърихшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар баробари самтҳои дигари таҳқиқоти таърихнигории муҳоҷирати меҳнатӣ, муҳоҷирати меҳнатии занон низ аз ҷониби муаррихони варзидаи ватанӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки аксаран ба замони шуравӣ марбут мебошад. Муаррихоне монанди Р.А. Абулҳаев, З.А. Дадабаев, Ф.С. Исломов, А.Ю. Николаев, М.Б. Бабаханов, Ф.М. Абдурашитов, Қ.Ҷ. Базаров, Н. Бозорова дар осори худ роҷеъ ба масъалаи мазкур ибрози андеша намудаанд.

Дар соли 2015 дар Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодии бозори меҳнат ва муҳоҷират дар шароити дигаргунии иқтисодӣ» баргузор гардид, ки аз ҷониби муҳаққиқон 57 маъруза ба таъб расид.

Мушкилоти муҳоҷирати меҳнатӣ, ки дар нимаи дувуми солҳои 90-уми асри XX фаъол гардидааст, ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Тавре ки дар сархатҳои қаблии диссертатсия зикр гардид, оғози муҳоҷирати меҳнатӣ дар давраи буҳрони сиёсию иқтисодии шуравӣ дар солҳои 80-уми асри XX ва ибтидои давраи истиқлоли кишвар асосан барои мардон хос буд. Пас аз анҷоми низоъҳои дохилӣ дар Тоҷикистон, дар давраи барқарорсозии иқтисодиёти сахт зарардидаи кишвар сатҳи зиндагии мардум хеле вазнин шуд. Маҳз дар ин давраи душвор аксари оилаҳои кишвар тавонистанд танҳо муҳоҷирати меҳнатии берунаро аз ин вазъ берун

кунанд ва аз ин рӯ ҳазорҳо мардон ба роҳи муҳоҷирати меҳнатӣ ба Русия роҳ ёфтанд. Дар ҷадвали зерин раванди муҳоҷират аз кишварҳои собиқи ИҶШС дар даҳаи аввали фурӯпошии он инъикос гардидааст, ки бо дарназаргирии теъдоди умумии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нишондоди камтарин қарор дорад [120].




**Расми 1. Сатҳи зиндагии аҳолӣ**

Агар сатҳи зиндагии аҳолиро вобаста ба Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса намоем, хуб дарк месозем, ки сатҳи зиндагии аҳолӣ дар панҷ соли охир хеле хуб гаштааст. Маоши вазифавии кормандони соҳаҳои буҷетӣ ба андозаи 100% зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 1. Раванди муҳоҷирати занон дар кишварҳои ИДМ**

| | 1994 | | 1995 | | 1996 | | 1997 | | 1998 | | 1999 | | 2000 | | 2001 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Давлат | Ҳаз. одам | % | Ҳаз. Одам | % | Ҳаз. одам | % | Ҳаз. одам | % | Ҳаз. одам | % | Ҳаз. одам | % | Ҳаз. одам. | % | Ҳаз. одам. |
| Арманистон | 1,7 | 1,3 | 6,1 | 2,2 | 7,2 | 2,5 | 6,9 | 2,9 | 7,5 | 3,1 | 5,2 | 2,4 | 5,5 | 2,6 | 8,5 |
| Ҷумҳурии Белорус | 5,8 | 4,5 | 111 | 4,0 | 103 | 3,5 | 1,0 | 0,4 | - | - | - | - | 0,1 | 0 | 0,2 |
| Гурҷистон | 0,9 | 0,7 | 7,0 | 2,5 | *.1 | 2,77 | 6,7 | 2,8 | 6,3 | 2,6 | 5,2 | 2,5 | 5,2 | 2,4 | 4,9 |
| Қазоқистон | 1,0 | 0,8 | 2,1 | 0,7 | 2,2 | 0,8 | 1,8 | 0,7 | 1,8 | 0,7 | 1,7 | 0,8 | 2,9 | 1,4 | 3,6 |
| Молдова | 3,7 | 2,9 | 6,7 | 2,4 | 9,5 | 3,2 | 9,9 | 4,1 | 10,5 | 4,3 | 8,.6 | 4,1 | 119 | 5,6 | 13,3 |
| Тоҷикистон | 0,6 | 0,4 | 1,5 | 0,5 | 2,0 | 0,7 | 3,1 | 1,3 | 3,3 | 1,4 | 4,1 | 1,9 | 6,2 | 2,9 | 100 |
| Узбекистон | 1,5 | 1,1 | 3,5 | 1,3 | 4,1 | 1,4 | 3,2 | 1,3 | 3,0 | 1,2 | 3,4 | 1,6 | 6,1 | 2,9 | 10,1 |
| Украина | 551 | 47 | 942 | 335 | 987 | 33,8 | 766 | 317 | 73,7 | 304 | 620 | 297 | 641 | 301 | 989 |

Манбаъ: Раванди муҳоҷират аз кишварҳои собиқ ИҶШС дар солҳои 1994-2001.

Абатта, аз ин нишондод теъдоди зиёд мардҳо буда, занҳо қисми камтари онро фаро мегиранд. Умуман, дар илми таърихнигории тоҷик муҳоҷирати занон як падидаи навест, ки таваҷҷуҳи муаррихонро ба худ ҷалб намудааст. Аксари занони муҳоҷир, ҳамчунин мардон, ҳатто кӯшиш накарданд, ки тавассути сомонаҳои расмии шуғл кор пайдо кунанд (мутаносибан 80% ва тақрибан 60%) [108, с.31]. Ҳамин аст, ки бахше аз ширкатҳои хусусӣ барои ҷалби неруи корӣ даст ба ин кор зада, теъдоди зиёди муҳоҷиронро барои кор ҷалб мекарданд. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки зарурати фаъолияти ширкатҳои хусусии ҷиҳати ҷалби неруи кории хориҷӣ дар чаҳорчӯби қонун бо тартиби содакардашудаи кироя хеле зиёд аст. Дигар гоми муассир метавонад қонунӣ кардани муҳоҷирони ғайриқонунӣ бошад. Зарурати он кайҳо боз ба миён омада буд, аммо қадамҳои амалӣ дар ин самт танҳо дар моҳи сентябри соли 2004, вақте ки гурӯҳи кории Шурои экспертӣ дар назди вакил оид ба ҳуқуқи инсон дар Федератсияи Русия оид ба танзим даровардани муҳоҷират ба кор даромад, гузошта шуд.

Тамоми маблағҳои коркардшударо занон ё худашон сарф мекарданд ё ба наздиконашон мефиристоданд. Ҳиссаи охирин 38% буд, ки аз онҳо 70% хешовандони худро қисман таъмин мекарданд ва 12% ҳатто онҳоро пурра таъмин мекарданд. Бо мақсади сафар барои зиёрати хешовандон тақрибан сеяки занон мерафтанд.

Сабабҳои имтиёзҳои маҳдуди (маргинализатсия) муҳоҷирати занонро бояд дар соҳаи объективии иқтисодӣ, пеш аз ҳама дар хусусияти меҳнати занони муҳоҷир ва нақши онҳо дар сохторҳои иқтисодии ҷомеа ҷустуҷу кард. Занони муҳоҷир дар бахшҳои аз ҳама табъизшаванда, ғайрирасмӣ ва сояи шуғли муҳоҷирон машғуланд. Кор дар соҳаи хизматрасонӣ, ки асосан ба он занони муҳоҷир ҷалб карда мешаванд, дорои як қатор хусусиятҳое мебошад, ки кормандони ин соҳаро нисбат ба кормандони дигар соҳаҳои иқтисодиёт осебпазиртар ва аз ҷиҳати

иҷтимоӣ камтар муҳофизат мекунанд. Меҳнати истеҳсоли хизматрасониҳо, хоҳ дар соҳаи хусусӣ ва хоҳ ҷамъиятӣ, анъанавӣ эътироф нашудааст ва то ҳол айнан (de facto - де факто) аз ҷиҳати аҳаммияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба дигар намудҳои меҳнат баробарҳуқуқ эътироф нашудааст. Ин махсусан ба хидматҳои ба истилоҳ хонагӣ дахл дорад [88].

Хусусияти муҳоҷирати меҳнатии занон на танҳо бо мавҷудияти бахшҳои маъмулии шуғли занони муҳоҷир ва хусусияти номуносиби меҳнат дар ин бахшҳо, балки бо дигар нуқтаҳо низ алоқаманд аст. Ин чандирии бузурги меҳнати занон аст, ки дар шартномаҳо танзим кардан душвортар аст, хусусияти инфиродӣ дорад. Он ҳамчунин, хусусиятҳои иҷтимоӣ-демографии муҳоҷирон (синну соли ҷавон ва хеле ҷавон, таҳсилоти нопурра) мебошад. Хусусияти муҳимми муҳоҷирати меҳнатии занон шумораи зиёди ангезаҳои пинҳонӣ (никоҳ, муҳоҷират) мебошад [199, с.110].

«Яке аз тамоюлҳои муосири байналмилалӣ муҳоҷирати коршиносон ба феминизатсияи ҷараёни муҳоҷират (муҳоҷирати занон) табдил меёбад - ҷараёни муҳоҷират мебошад» [175, с.35]. «Дар аввали солҳои 1990-ум занон қариб 50%-ро ташкил медоданд, дар аксари давлатҳои пешрафта «муҳоҷирони меҳнатӣ» мустақил буданд. Ин асосан бо сохтори давлат алоқаманд аст» [137, с.77].

«Тағйирот дар иқтисоди ҷаҳонӣ: рушди соҳаи хизматрасонӣ дар натиҷа сохтори шуғл ва шакл дигар шуд, ин нишонаҳои устувори бозори меҳнат, кишварҳои қабулкунанда (саноати бофандагӣ, саноати истироҳат ва вақтхушӣ, соҳаи хизматрасонии ҷамъиятӣ, хизмат ва ғайра) буд. Ин боис ба афзоиши доимӣ мегардад - талабот ба занони муҳоҷир, аз ҷумла барои беихтисос ба кор гирифтан мусоидат мекард» [137,с. 81].

Донишмандоне аз қабили М.М. Малишева, Е.В. Тюрюканова, Ж.А. Зайончковская, Л.Б. Карачурина, Н.В. Мкртчян, Д. Полетаева, Ю.Ф. Флоринская, А.А. Илимбетова ва дигарон ин масъаларо матраҳ намудаанд

[88, с.192]. «Дар онҳо хусусиятҳои иҷтимоӣ-демографии занони муҳоҷир, мушкилоти шуғл, ҷустуҷуи манзил, ёрии тиббӣ, ҳуқуқӣ, саволҳо, вобаста ба мутобиқшавии занони муҳоҷир ва кӯдакон, маълумот оварда мешаванд. Мутахассисон таъкид мекунанд, ки муҳоҷирати меҳнатии занон - чунин падидаи сермаъноест, ки аллакай тамоми бахшҳои бозори меҳнати Русия дар зери таъсири он ташаккул меёбанд» [200, с.68]. «Занон ҳиссаи назарраси ҳамаи муҳоҷирон дар Русия ва эҳтиёҷот ва ниёзҳои худро ба таври гуногун арзёбӣ мекунанд» [118, с.64].

«Русия маҷбур аст, ки қувваи кории хориҷиро бо сабаби норасоии пешниҳоди меҳнати коргарони маҳаллӣ дар як қатор соҳаҳои шуғл ҷалб кунад. Муҳоҷирон аз Осиёи Марказӣ қисми зиёди онро ташкил медиҳанд ва муҳоҷирати меҳнатии занон торафт гуногунтар мешавад» [67, с.4].

Дар мавод маълумоти омори расмии ФМС Русия Росстат ва ду таҳқиқот истифода мешавад: «Феминизатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон ва Қирғизистон дар Русия» (2015), ки бо дастгирии DFID ва лоиҳаи «Таҳлили конъюнктураи бозори меҳнат дар Федератсияи Русия бо мақсади самаранок ба кор даровардани муҳоҷирони меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2016), ки бо дастгирии маркази таҳлилии Тян-Шан (АУЦА- МТТШ) иҷро шудааст.

«Тибқи яке аз аввалин таҳқиқоти махсус, занони муҳоҷири меҳнатӣ дар соли 2010, занони 35 - сола ва калонтар 50% - ро ташкил медоданд» [64, с.10].

«Дар миёнаҳои охири солҳои даҳуми асри XXI, тибқи назарсанҷиҳои интихобӣ, занон то 30% - и ҳамаи муҳоҷирони меҳнатиро ташкил медоданд [63], гарчанде, ки тибқи маълумоти расмии ХФМ Русия, дар соли 2010 занон 14% ҷараёни муҳоҷирати меҳнатиро ташкил медоданд [65, с.6] ва дар соли 2015 ҳиссаи занон дар байни шаҳрвандони Осиёи Марказӣ, ки дар Русия буданд, дар байни зодагони Қирғизистон - 40%, аз Узбекистон - 18% ва аз Тоҷикистон - 13% - ро ташкил дод» [108, с.68-70].

Таҳлилҳо нишон доданд, ки хусусиятҳои хоси муҳоҷирати меҳнатии занон чунинанд:

1. Дар соли 1995 мутобиқ ба оморе, ки аз ин марҳила дар даст дорем, 48 % муҳоҷирони меҳнатиро занон ташкил медоданд.

2. Барои ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтан синну сол хеле муҳим аст, тибқи оморе, ки аз идораҳои дахлдори Федератсияи Русия ба дасти мо расид, 24 % муҳоҷирон аз ҳисоби бонувонро занони аз 20 то 29 сола ташкил медиҳанд. Инҳо аксаран бонувоне мебошанд, ки дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил кардаанд, 13,1 %-ро занони 30-34 – сола ташкил медиҳанд. Вақте мо ба ин рақамҳо дар солҳои баъдӣ нигоҳ мекунем он рақамҳо дар байни занони нисбатан калонсолтар коҳиш ёфтаст. Соли 2017 танҳо 8,0 % муҳоҷирони зан дар синни 40-44 сола ва 6,4 % муҳоҷирони зан дар синни 45-49 сола буданд [257].

Тибқи натиҷаҳои пурсиши соли 2010, дар сохтори хориҷии занони муҳоҷир зодагони Узбекистон (30,2%), Украина (17,2%), Қирғизистон (13%) бартарӣ доранд. Ин нишондиҳандаҳо шумораи занони ин ё он кишварро, ки дар Русия кор мекунанд, тавсиф мекунанд, аммо дараҷаи феминизатсияи ҷараёни ин кишварҳоро инъикос намекунанд. Тақсимоти гендерии иҷозатномаҳои кории солҳои 2011–2012 нишон медиҳад, ки сатҳи камтарини феминизатсия дар ҷараёни Тоҷикистон ҳамагӣ 8% заноне, ки расман дар Русия кор мекунанд, мебошад (Ҷадвали 1).

Гарчанде, ки омори расмӣ ҳамаи тағйироти гендериро дар муҳоҷирати меҳнатӣ ба Русия инъикос намекунад, аммо баъзе тағйиротҳо аз он низ пайгирӣ карда мешаванд. Ҳануз дар миёнаи солҳои 2000-ум ҳиссаи занон дар ин ҷараёнҳо аз Тоҷикистон, Узбекистон, Қирғизистон, Арманистон ва Озарбойҷон камтар буд [83].

Натиҷаҳои пурсиши соли 2010 мавҷудияти гурӯҳҳои ташаккулёфтаи истифодаи меҳнатӣ асосан муҳоҷиронро дар Русия тасдиқ мекунанд. Дар пайи ҷойҳои шуғли мардон дар сохтмон ва

маконҳои дигар ин масъала ҳаллу фасли худро ёфтааст. «Ин хидмати ҷамъиятӣ (тиҷорати тарабхона ва меҳмонхона, фаррош дар идораҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ), хидматрасонии манзил (таъмир, фаррош, хидматрасонии маишӣ), хидматрасонии инфиродӣ (хизматрасонии тиббӣ ва косметологӣ, дӯзандагӣ ва таъмири либос), хидматрасонии хусусӣ дар хона, нигоҳубини кӯдакон ва пиронсолон мебошад» [159, с.96].

**Ҷадвали 2. Ҳиссаи занон дар ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ аз кишварҳои ИДМ ба Русия, солҳои 2011-2012**

| Кишвари баромадан | Ҳиссаи занон, % | |
|---|---|---|
| | Соли 2011 | Соли 2012 |
| Озарбойҷон | 10,7 | 9,7 |
| Арманистон | 11,0 | 10,4 |
| Беларус | 22,5 | 26,8 |
| Қазоқистон | 28,0 | 24,3 |
| | | **Идомаи ҷадвали 2.** |
| Қирғизистон | 48,0 | 31,8 |
| Молдова | 32,5 | 23,3 |
| Тоҷикистон | 8,6 | 8,0 |
| Узбекистон | 12,6 | 11,0 |

**Манбаъ: Маълумоти ФМС Россия дар бораи шумораи иҷозатномаҳои додашуда барои кор дар солҳои 2011-2012 [34, 96].**

«Афзоиши симои занона пайдо кардани ҷараёни муҳоҷират дар фазои Авруосиё дар доираи модели мавҷудаи ҷараёни муҳоҷират, ки асосан бо кучидан ба ҷойи истиқомати доимӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҳамаи давлатҳои узви Иттиҳоди иқтисодии Аврупо ва ИДМ ба Русия идома дорад, аз ҷониби мутахассисон аз солҳои 2000-ум сар карда қайд карда мешавад. Тибқи арзёбии коршиносон, дар соли 2020 ҳиссаи занон дар ҷараёни муҳоҷират аз Қирғизистон ба 40% расид, аз Узбекистон ва Тоҷикистон камтар аз 20%. Бояд зикр кард, ки феминизатсияи муҳоҷират бо афзоиши ҷалби занон ба бозори меҳнат, ишғоли мақоми бештарро дорад» [147, с.24-37].

«Вазифаҳои махсуси иҷтимоӣ, ки аз ҷониби зан дар ҷомеа иҷро карда мешаванд ва табъизи муштарак, эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ ба таъмини баробарӣ ҳуқуқ ва имконияти мардон ва занон дар татбиқи худ андозагирии гендерии равандҳои муҳоҷиратро ҷорӣ мекунанд. Дар

солҳои охир майдони таҳқиқотии муҳоҷирати занон пайваста меафзояд. Аммо то ҳол маълумоти ҷудогона ба низом даровварда нашудааст, таҳлили ҳамаҷонибаи нашрияҳои мавзуӣ дода нашудааст, тамоюлҳои рушди дониши илмӣ дар ин мушкилоти иҷтимоӣ ошкор карда нашудаанд» [194,с.129-132].

Дар асарҳо таҳлили соҳаҳои шуғли занон бо истинод ба маълумоти эмпирикӣ оварда шудааст. Тибқи таҳқиқоти солҳои 2015 ва 2016, занон аз Тоҷикистону Қирғизистон дар соҳаҳои зерин кор кардаанд: иқтисоди хизматрасонӣ (43% - хӯроки умумӣ, соҳаҳои фароғат, тиҷорати меҳмонхона ва ғайра), савдо (31 %), меҳнати хонагӣ (8 %), хоҷагии манзилӣ (5 %), нақлиёт ва алоқа (2 %), маориф (1 %) ва тандурустӣ (1 %) [200, с.68; 180, 169].

«Баъзан занони муҳоҷир аз Осиёи Марказӣ қурбони хушунат мешаванд ва бо мушкилоти ташкили кӯдакони ғайриқонунӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Тарси аз даст додани ҷойи кор ва даромади устувор дар сурати нигоҳ доштани кӯдак, мушкилии ҷустуҷуи манзил бо кӯдак, хатари рад кардани хешовандон, дар ватан мондани кӯдак, дар муҳоҷират таваллуд шудан, номумкин будани нигоҳубини муносиби кӯдакони дар муҳоҷират таваллудшуда боис ба он мегардад, ки аксари онҳо дар таваллудхонаҳо ва хонаҳои кӯдакон мемонанд» [142, с.90-95].

Принсипҳои асосии муносибати гендерӣ ба таҳқиқи муҳоҷират дар корҳои П. Пессар [301, с.441-446] ва С. Малер, Х. Лутс [299, с.89-98], Й. Карлинга [288, с.2-27], П. Хондагнеу Сотело [295, 393-425], Н. Оиши [304] низ зери таҳқиқот қарор гирифтааст.

Барои пурратар ворид шудан ба масоили муҳоҷирати меҳнатии занон муҳаққиқоне дар байни хонаводаҳои маҳалҳои гуногуни Тоҷикистон аз Суғд гирифта, то Бадахшон пурсиш доир карда, бисёр аз масоили мавзуи мазкурро аз диди худи муҳоҷирони меҳнатӣ матраҳ кардаанд, ки хеле ҷолиб мебошанд.

Бино ба иттилои Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд давоми даҳ моҳи соли равон (2018) дар мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ҳудуди вилоят 416 нафар муҳоҷири меҳнатии ба ватан баргашта сабти ном шудаанд, ки 352 нафари онҳо мард ва 64 нафари дигар зан мебошанд. Аз ҷумлаи онҳо бо мусоидати масъулини соҳа 101 нафарашон бо ҷойи кори доимӣ таъмин ва 28 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок ҷалб шуданд. Дар ин радиф, 51 нафар барои омухтани касбу ҳунар сафарбар гардиданд ва ба 37 нафар барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ қарзи имтиёзнок дода шуд. 198 нафари боқимонда аз ҷониби мутахассисон машварати касбӣ гирифтанд. Мутаассифона, бинобар кам будани музди кор аксар шаҳрвандон корҳои ба онҳо пешниҳодшавандаро маъқул намешуморанд.

Маълумоти оморӣ аз самтҳои гуногун шаҳодат медиҳад, ки муҳоҷирон миллатҳои гуногуни аврупоӣ ва кавказӣ ҳастанд. Ҳамин тариқ, ҷараёни муҳоҷират гуногун буд, яъне гурӯҳҳои этникӣ, на бо як миллати мушаххас маҳдуд буданд.

Ҳамин тавр, муҳоҷират аз Тоҷикистон бо омилҳои гуногун ба вуҷуд омадааст, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандӣ, ки паёмадҳои манфии иқтисодию иҷтимоӣ ба бор овард, бештар сабаб гардид.

Дар солҳои 1989–2000 ҳиссаи русҳо аз 3,7 то 0,4 коҳиш ёфт, ҳиссаи қазоқҳо аз 0,1 кам шуд, ҳиссаи тоторҳо аз 1,0 то 0,2 кам шуд; олмониҳо аз 0,2 қариб ба сифр ва ғайра. Дар соли 2000 шумораи бештари аҳолии Тоҷикистонро тоҷикон ташкил медоданд - 81,4, узбекҳо -14,5, русҳо 0,4, қирғизҳо -2,6 ва тоторҳо 0,2% [216, 68].

Афзоиши муҳоҷирати занон ва насли ҷавон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои охирин солҳо муҳим аст. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин созишномаҳои байниҳукуматӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии аз ҷониби кишвар имзошуда вазифаҳо, ҳуқуқҳо ва имкониятҳои баробар барои мардон ва занон муҳоҷирони меҳнатиро дар қаламрави

кишвари қабулкунанда пешбинӣ мекунанд.

Ин маънои онро дорад, ки қонунгузорӣ баробарҳуқуқиро кафолат медиҳад ва имкониятҳои баробар барои занон ва мардон дар соҳаи меҳнат ва муҳоҷиратро фароҳам меорад. Занон метавонанд ҳамон ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мардонро дошта бошанд, аз ҷумла дастрасӣ ба кор, ҳифзи ҷойи кор ва имтиёзҳои иҷтимоӣ.

Чунин тадбирҳои қонунгузорӣ ба дастгирии баробарии ҷинсҳо ва пешгирии табъизи ҷинсӣ дар соҳаи меҳнат ва муҳоҷират пешниҳод мегардад. Онҳо инчунин барои таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва некуаҳволии занон ва насли ҷавоне, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ иштирок карданро интихоб мекунанд, заруранд.

Рӯ овардани занон ба муҳоҷирати меҳнатӣ қабл аз ҳама ниёзи худи занону бонувон ва хонаводаҳои онҳо бошад ҳам, аз сӯйи дигар дар бозори меҳнати Русия пайдо шудани ниёз ба неруи кории занону бонувон низ сабаб гаштааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи заноне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, зиёд буда, 78 фисади онро ҷавондухтарони аз 20 то 29 сола фаро мегирад. (Шояд аз ин ҳам зиёд бошад, зеро бештари онҳо то ҳол дар қайди муҳоҷирон қарор надоранд). Сатҳи муҳоҷирати меҳнатии занон хуб набошад ҳам, вале он ба тадриҷ меафзояд.

Муҳоҷирони тоҷик, қабл аз ҳама ба Федератсияи Русия сафар мекунанд, чунки ба ин кишвар бидуни раводид сафар кардан мумкин аст ва то андозае шаҳрвандони мо ин маконро бо дарназардошти мансубият ба як иттиҳоди собиқ ва шарики стратегии феълӣ бо фарҳангу тамаддуни ин давлат ошноӣ доранд ва худро дар он макон бегона намепиндоранд. Ин кишвари паҳновар макон ва имконоти беҳудуд дорад ва онро шаҳрвандони мо хуб медонанд ва аз афзалиятҳои ин кишвар истифода мекунанд. Аммо солҳои охир ин тасвир ранги дигар гирифта истодааст, давлатҳои Осиёӣ ва Аврупоӣ дарҳои худро ба рӯйи шаҳрвандони мо боз

карда истодаанд ва баъзан ба ин кишварҳо рӯ оварда истодаанд. Ҳамчунин, давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон дар навбати худ корҳоеро дар заминаи корофаринӣ ба сомон расонида, ки он боис ба афзоиши ҷойҳои корӣ дар дохили кишвар шуда истодааст.

Мушкилоти муҳоҷирони меҳнатии кишвар, аслан пастии дараҷаи касбият, надонистани забон ва қонунҳои кишвари бегона мебошад, ки дар натиҷа ба корҳои мушкили каммузд ҷалб шуда, аз ҳуқуқҳои худ дифоъ карда наметавонанд. Сарфи назар аз он ки солҳои охир ин масъала то андозае ҳаллу фасл шуда мушкилот дар ин самт бартараф шудаанд. Табиист, ки ин ҳолат ба занон низ хос аст ва занон вобаста ба хусусиятҳои биологиву равонии худ дар чунин маврид бештар азият мекашанд.

Чунин ба назар мерасад, ки бештари ин занон фирефтаи ваъдаи гурӯҳҳое мегарданд, ки пули зиёд ва даромади хубро ваъда намуда, онҳоро ба дигар давлатҳо бурда, бесаробон мегузоранд. Чунин занон аз фош намудани номи ин ашхос дар ҳарос буда, аз он хавф доранд, ки боз бо мушкилие дучор мешаванд. Ба замми ин ҳама ранҷу азобҳо, мавридҳое низ мешавад, ки онҳо аз «хоҷа»-гони худ қарздор шуда, барои пардохти қарз солҳои зиёд дар мусофират мемонанд.

Муҳоҷирони меҳнатии тоҷик барои фаъолияти меҳнатӣ асосан Федератсияи Русияро интихоб мекунанд. Солҳои охир гурӯҳи муайяни онҳо барои кор ба Ҷумҳурии Қазоқистон низ мерафтагӣ шуданд. Дар асоси Созишномаи байниҳукуматие, ки соли равон Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Қазоқистон ба имзо расониданд, барои муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар ин ҳамсоякишвар баъзе сабукиҳо ва имтиёзҳо муқаррар гардид.

Таҳлили рақамҳои оморӣ нишон медиҳад, ки дар қиёс бо шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ саҳми масъулин дар самти бо кортаъминкунӣ ниҳоят ночиз аст. Аз ин рӯ, зарур ҳаст, ки дар ин самт ниҳодҳои дигаре ҳам таъсис ва даст ба кор шаванд, то қазия сурати

воқеии худро касб кунад ва дар бастари аслии хеш ҷараён бигирад ва ҳадафҳо таҳаққуқ бипазирад. Муҳоҷирати меҳнатӣ дар канори мушкилот ва ҷавониби манфии хеш ҷонибҳои мусбат низ дорад. Шаҳрвандони кишвар чи марду чи зан дар канори он ки соҳиби маблағ мешаванд, таҷриба ва ҳунар низ касб мекунанд, ки ин барои онҳо дар идомаи зиндагии минбаъдаашон хеле муҳим ва асосӣ маҳсуб меёбад. Имрӯз басароҳат метавон гуфт, ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар радифи дигар самтҳо дар масири таҳияи буҷаи мамлакат ва роҳандозии шуғлу корҳои ҷадид дар Тоҷикистон такони ҷиддиеро ба бор овардааст.

Ҳамин тавр, хусусиятҳои омузиши мушкилоти мубрами муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занонро дар таърихшиносии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, аз он чунин бардошт шуд, ки ин раванд раванди ҷадид ва тоза маҳсуб ёфта, коршиносони соҳаро лозим аст, ки паҳлуҳои гуногуни онро вобаста ба шароити феълӣ ва тағйирпазирии авзои сиёсӣ ва иқтисодӣ чи дар дохил ва чи дар хориҷ аз кишвари азизамон Тоҷикистони соҳибистиқлол ба риштаи таҳқиқ бикашанд. Мо низ дар навбати хеш бо такя ба корҳои дар ин самт анҷом додашуда ва имконоту зарфияте, ки дар ихтиёр доштем, корҳоеро дар масири омӯзиши ин раванди барои ҷомеаи тоҷик дар шароити феълии ҷадиду тоза анҷом додем. Аммо ба ҳеҷ ваҷҳ мо муддаии таҳқиқи ниҳоӣ дар ин масир нестем. Доманаи васеи ин мавзуъ барои муҳаққиқони дигар низ замина дорад ва онҳо низ бо таваҷҷуҳ ба тақозои вақт ва замон паҳлуҳои мухталифи ин масъаларо метавонанд ба риштаи таҳқиқ кашида, далелу бурҳонҳои қотеи иллати доман задани ин проблемаро мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Боиси тазаккур аст, ки ин майдон барои муҳаққиқони дигар низ боз аст, то онҳо бо такя ба корҳои анҷомдодашуда ва равияҳои маъмул андешаҳои худро мактуб кунанд.

Дар натиҷаи омузиши масъалаҳои баррасишавандаи боби аввал мо ба чунин хулоса омадем:

1. Муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занон неруи корӣ ва ҳаракати

аҳолӣ дар натиҷаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, тахассуси кишварҳо ва манотиқ, ҳамчунин рушди саноатикунонӣ, ҷараёнҳои ҳамгирой ва ҷаҳонишавӣ таърихи тулонӣ доранд. Дар иртибот ба ин қазия, ҳаракат ва муҳоҷирати меҳнатӣ омили муҳим дар рушду тараққии неруҳои истеҳсолӣ, интиқоли сармоя байни давлатҳо ва минтақаҳо гардид.

2. Дар ин боб масъалаҳои таъсис ва пайдоиши самтҳои илмии гуногун дар омузиши муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занони Тоҷикистон, ки аз ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мушкилот, ҳамчунин хусусиятҳои омӯзиши мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занон иборат аст, таҳқиқоти илмӣ бурда мешавад.

3. Ҳаракати аҳолӣ ва ҷараёнҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занону бонувон мавзуи пажуҳиши донишмандон, макотибии илмии мутахассисон ва сиёсатмадорон гардид. Омузиш ва баррасии ин мавзуъ аз ҷониби намояндагони илмҳои гунонгуни ҷомеашиносӣ сурат гирифт. Аксаран бар он назаранд, ки муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занон ин падидаи ҷадиди муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ маҳсуб меёбад ва он аз ташкили шароити корӣ ва музди меҳнати муайян аз сӯйи корфармоён алоқамандӣ дорад.

4. Ин ки бонувон ва занон вориди ин раванд, яъне муҳоҷирати меҳнатӣ гардидаанд, дар маҷмуъ, раванди мусбат мебошад ва боиси ташкили шароити меҳнатӣ ва дигар артибутҳои корӣ мегардад.

5. Равандҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занони кишвар ва ҳаракати аҳолӣ бо омезиши омилҳои пешгирикунанда ва ҷалбкунанда (ҳавасмандкунанда) вобаста аст, ки табиати сиёсӣ, иқтисодӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва психологӣ доранд.

6. Номутаносибии демографӣ, сераҳолӣ, суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ, сатҳи баланди таваллуд, ақибмонии иқтисодӣ, масъалаҳои мубрами ҳалношудаи иҷтимоӣ, кам будани ҷойҳои корӣ, сатҳи пасти зиндагӣ ва дигар омилҳо аҳолиро ба муҳоҷират маҷбур мекунанд.

7. Равандҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занон ва ҷараёни муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчунин бо афзоиши талабот дар кишварҳои пешрафта ба неруи кории хориҷӣ, норасоии даврии неруи кории камтахассус барои кор дар ҷойҳои кории каммузд мебошад. Пайдо гардидани ҷойҳои кории муваққатӣ дар чунин соҳаҳо ба монанди хизматрасонии рӯзгор, тоза кардани ҳудудҳо, кор дар хонаҳои шахсӣ ва ғайра мебошад.

8. Ба андешаи мо, механизми омузиши мушкилоти мубрами муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ занони кишвар маҷмуи хоси стратегияҳо, тадбирҳо ва воситаҳоест, ки барои танзими ҷараёни муҳоҷирати кории занон дар кишварҳои қабулкунанда пешбинӣ шудаанд.

# БОБИ II. ХУСУСИЯТ ВА ТАМОЮЛИ ОМОРИИ МУҲОҶИРАТИ КОРИИ ХОРИҶИИ ЗАНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ХОРИҶА (2011-2023)

## 2.1. Ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии муҳоҷирати меҳнатии занон дар Тоҷикистон

Дар қарни XX кишварҳои аз назари иқтисодӣ мутараққӣ ба як падидаи наву тоза пиршавии аҳолӣ мувоҷеҳ шуда истодаанд. Далелҳои ба ин падида мувоҷеҳ шудани ин кишварҳо мухталиф аст ва донишмандони соҳа барои мушаххас намудани авомили он даст ба кор шудаанд. Агар дар соли 1950 шумораи аҳолии синни 65 ва зиёда аз он дар ҷаҳон 205 млн нафарро ташкил медод, пас дар соли 2000 он аллакай 590 млн нафарро ташкил дод. То соли 2020 ин шумора ба зиёда аз 1 млрд 700 млн нафарро расид. Натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки то соли 2050 ин шумора се маротиба зиёд мешавад. Дар муқаддимаи диссертатсия дар бораи афзоиши шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон муфассалтар таваққуф кардем. Дар миқёси ҷаҳонӣ суръати афзоиши шумораи аҳолии пиронсол солона 2,6%-ро ташкил медиҳад, ки ин аз суръати афзоиши аҳолӣ дар маҷмуъ, ки дар як сол 1,1% арзёбӣ мешавад, хеле пеш аст [234, с.50-54].

Албатта, ҷойивазнамоии аҳолии ғайри қобили кор бо муҳоҷирони меҳнатӣ бештар сурат мегирад, ҳамин аст, ки дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ 270 ҳазор нафар, ё 17% аз шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ (аз он ҷумла занони муҳоҷири тоҷик) банд буданд [106, с.49-50]. Мумкин аст, ки шумораи воқеии муҳоҷирони бандшуда дар ин соҳа метавонад ба 350-400 ҳазор нафар расад. Дар ин соҳа низ ҳисаи шаҳрвандони Тоҷикистон хеле зиёд аст. Шаҳрвандони тоҷик дар кишвари пазирандаи хеш асосан ба савдогарӣ машғул мешаванд ва дар бозорҳо кор мекунанд, иқдоми гирифтаи мақомоти ин кишвар дар масири кам кардани теъдоди коргарони муҳоҷир феълан натиҷаи назаррасе ба бор наовардааст.

Муҳоҷирзанони тоҷик барои корҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои коллективӣ ва хусусӣ ҷалб карда мешуданд, маҳсулоти кишоварзиро

парвариш ва ҷамъоварӣ менамуданд.

Ғайр аз ин, дар Маскав ва дигар шаҳрҳои калони Русия чунин нақшаҳое ба вуҷуд омадаанд, ки дар онҳо дар рӯйхати маоши шаҳрвандони Русия нишон дода мешаванд, дар асл шаҳрвандони кишварҳои ИДМ кор мекунанд ва фарқият ба ҷайби соҳибони чунин ширкатҳо (масалан, ширкатҳои тозакунии ҳудудҳо) меравад. Коргарони муҳоҷир сари вақт маош намегиранд, зиёд аз меъёрҳои муқарраршудаи қонунӣ кор мекунанд, дар таҳхонаҳо, болохонаҳо, дар шахтаҳои партов зиндагӣ мекунанд [106, с.50].

Тавре ки таҳқиқоти соли 2012 нишон медиҳад, дар хонаводаҳо низ мушкили истисмори меҳнатӣ вуҷуд дорад [18]. Аз 1 июли соли 2010, дар асоси тағйирот ба Қонуни «Дар бораи мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Федератсияи Русия» барои қонунӣ кардани муҳоҷирони меҳнатие, ки назди шахсони воқеӣ кор мекунанд, асоси ҳуқуқӣ ҷорӣ карданд. Ҳадафи асосии ҷорӣ намудани он – танзими мақоми ҳуқуқии муҳоҷирзанони зиёди меҳнатӣ, ки дар назди шахсони алоҳида, дар хоҷагиҳои хонаводагӣ кор мекарданд, мебошад. Ин гурӯҳи муҳоҷирзанон солҳои тулонӣ дар ҳолати ғайрирасмӣ қарор доштанд. Метавон якчанд бахшҳои иқтисодиёти «хонаводагӣ»-ро номбар кард, ки дар онҳо меҳнати занони муҳоҷири тоҷик бо патент фаъолона истифода мешавад.

Дар ин ҷо шумораи зиёди занони муҳоҷир, хусусан дар давраи тобистон, ба ҳайси коргарони оддӣ, фаррошон, коргарони ёрирасон ба кор ҷалб карда мешуданд [106, с.49].

Дар байни занони муҳоҷири тоҷик одамони мавсимӣ бартарӣ доранд: 86% занони муҳоҷир аз баҳор то тирамоҳ дар Русия кор мекунанд [146, с.69]. Ҳиссаи занони муҳоҷири деҳот дар шумораи умумии муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ то 15%-ро ташкил медиҳад, аммо занони деҳот одатан одамоне мебошанд, ки сатҳи маълумоти ҳуқуқии паст дошта, ихтисос надоранд ва амалан забони русиро намедонанд.

Тааҷҷубовар нест, ки занони муҳоҷири тоҷик дар байни шаҳрвандони ИДМ яке аз нишондиҳандаҳои камтарини даромадро доранд, аз ин рӯ, онҳо аз муҳоҷират даромади хеле кам мегиранд. Таҳқиқоти чунин хоҷагиҳо нишон дод, ки ба ҳисоби миёна як зани муҳоҷири тоҷик дар соли 2006 ба наздиконаш ҳар моҳ аз 30 то 80 доллар мефиристод [186, с.11].

Ба назари мо, вақте мехоҳем муҳоҷирати меҳнатии занонро биомузем, бояд, вижагиҳои ин ё он маҳалро, ки занон зодаи он ҷо ҳастанд ва ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд, хеле муҳим мебошад. Инсонҳо ба маҳалли будубоши худ иртиботи зич доранд ва зимни сафар кардани хеш аз он ҷо ба ҷойи дигар ҳатман хислат ва рафтори хешро ба ҷойи дигар мунтақил мекунанд. Бонувони тоҷик аз манотиқи гуногуни Тоҷикистон ба муҳоҷират рӯ овардаанд ва инро мо зимни омузиши ҳаракати онҳо бармало мебинем. Ҳатто инқилоби Октябр, истиқрори сохти шуравӣ ва дигаргун сохтани тамоми соҳаҳо дар иҷтимоъ натавонист ин фарқият ва гуногуниро аз байн бибарад. Занони манотиқи гуногуни Тоҷикистон ва куллан Осиёи Марказӣ вобаста ба маҳаллу зодгоҳи хеш аз худ ибтикороти мухталиф нишон медиҳанд. Таърих чунин аст, ки занони манотиқи шимоли мамлакат дар қиёс бо занони ҷануби мамлакат фаъолтар буданд. Ин албатта, сабабҳои объективӣ ва субъективии худро дорад, масалан шимоли кишвари мо зудтар ба империяи Русия мулҳақ шуда буд ва дар он минтақа корхонаҳои саноатӣ ва маданию равашннамоӣ зуд арзи ҳастӣ намуда, аҳолии маҳаллиро дар бораи ахбори охирин ҷаҳон ва минтақа муталеъ месохтанд ва аз ин рӯ, ин манотиқ дар бисёре аз умур аз манотиқи ҷануби кишвар пеш рафт.

Кишварҳои пазиранда низ дар байни муҳоҷирон корҳои зиёдеро аз назари омузишӣ анҷом дода сиёсати хешро бо таваҷҷуҳ ба он масоил ба роҳ мемонанд.

«Ин самтро кишварҳои Осиёи Марказӣ намояндагӣ мекарданд ва маҳз Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбекистон буданд. Барои 10 моҳи соли

2014 аз шумораи воридшудагон (228065 нафар) шаҳрвандони Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ 78% - ро ташкил доданд: Узбекистон - 88720 нафар, Тоҷикистон - 37493 нафар, Қирғизистон - 29221 нафар буданд [41]. Дар байни пурсидашудагон занон 70 нафар (13,4%) ва 453 нафарро ташкил доданд – мардон (86,6 %). Таҳқиқот дар маҷмуъ роҳнамоест барои занони муҳоҷир. Аммо, дар намуна ба маълумоти расмӣ (занон 14-17% – и ин рақамро ташкил медиҳанд) муҳоҷирони сабтиномшуда) мувофиқат мекунад» [118, 64-66]. Пурсиш ва паҳн кардани саволнома ва дарёфти маълумот хеле аз масоили муҳоҷирати занону бонувонро бармало месозад. Ҳамзамон, бештар аз нисфи онҳое, ки дар назарсанҷӣ ширкат варзиданд, изҳор доштанд, ки тасмим гирифтаанд, ки шаҳрвандии Русияро дарёфт кунанд. Ҳамчунин, ин пурсиш ва назарсанҷӣ нишон дод, ки аз ин теъдод аллакай 8 % шаҳрвандиро дарёфт кардаанд ва наздики 7 % дарсади дигар барои дарёфти шаҳрвандии Русия асноду мадорики хешро ба идороти марбута пешгиҳод намудаанд. Дар ҳамин ҷо зикр кардан ба маврид аст, ки шаҳрвандони Тоҷикистон, ки феълан низ аксаран барои кор ба Русия меоянд ва кишвари Русияро барои худ бегона намепиндоранд ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки хотираи як замон шаҳрванди як кишвари бузург будан ҳануз ҳам побарҷо мебошад. Дар ин масъала донистани забон низ нақши муҳим мебозад.

Таҳлили назарсанҷии доиркардашуда ба мо кумак намуд, ки мушаххас кунем, аз нисф бештари пурсидашудагон занонанд, ки тасмим гирифтаанд дар Новосибирск ба таври доимӣ соҳиби кор гарданд (55 %), дигаронашон кори мавсимӣ ва муваққатӣ мехоҳанд.

Ҳамчунин, 17 дарсади бонувоне, ки ба ин минтақа барои кор ташриф овардааанд, тасмим гирифтаанд, шаҳрвандии ин давлатро дарёфт кунанд. Муҳоҷират ба ин ё он минтақаи давлате бо тарзи гуногун сурат мегирад. Гоҳан барои интихоб ва муҳоҷират дӯстон, шиносҳо ва хешу табороне, ки дар ин ё он минтақа ба сар мебаранд сабаб мешаванд

ва ё як касе, ки дар бораи ин минтақа маълумоти бештар дорад тавсия медиҳад ва боз иллат ва сабабҳои дигар низ дар ин радиф қарор дорад. Сабабҳои ин қулай будани алоқаи нақлиётӣ ба ватан, нархҳои дастрас ва ёфтани кор дар ш. Новосибирск барои занони муҳоҷир омили асосӣ аст.

«Саволҳои асосие, ки мусоҳибонро ба ташвиш овардаанд, пеш аз сафар, ин саволҳо дар бораи ҳуҷҷатҳои зарурӣ мебошанд, дар бораи шароити кор, дар бораи манзил, 85% гуфтанд, ки манбаъи иттилоот суҳбат бо хешовандон ва шиносҳое, ки дар Новосибирск зиндагӣ мекунанд, мебошад. Барои зиндагӣ намудан дар ш. Новосибирск аксари занони муҳоҷири пурсидашуда гуфтанд, ки аз суҳбатҳо бо хешовандон ва шиносон чунин қарор қабул карданд. 84% чунин ҷавоб доданд, ки аз манбаи иттилоотии шабакаи Интернет (9 %), сайтҳои махсус (3%), рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо (4%) истифода бурдаанд. Пас аз омадан ба Новосибирск, пурсидашудагон ба масъалаҳои ҳуҷҷатгузорӣ (30%), ҷустуҷӯи кор ва манзил (20%), таълими кӯдакон (5%), гирифтании ёрии тиббӣ (7%), дорухонаҳо (5%), дар наздикии зиндагӣ мағозаҳо бо нархи паст (7%), кор умумии нақлиёту сохтмонӣ (3%) сару кор гирифтанд. Дар Новосибирск зиндагикунанда, боз 9% барои кӯмак ба ҳамватанони худ муроҷиат карданд (баъзан барои пардохти тақсимшуда). Дар 22% ҷавобҳо манбаъҳои иттилоот сокинони маҳаллиро ҷашн мегиранд. Рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, сомонаҳои иттилоотии Сибир 23% истифода мебаранд. Ҳамин тариқ, ахбори ғайрирасмии гирифтани маълумот бартарӣ дорад. Тақсимоти ҷавобҳои занони муҳоҷир дар маҷмуъ аз тақсимоти ҷавобҳо дар омӯзиш фарқ мекунад» [175, с. 23-26].

Бонувон ва заноне, ки барои муҳоҷирати меҳнатӣ ба Русия ва ё дигар манотиқи дунё сафар мекунанд, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки фаъолияти хешро дар макони ҷадид дар чаҳорчӯбаи қавонини амалкунанда ба роҳ монанд ва аз ин рӯ, дунболи маълумоти аниқу дақиқ мегарданд, то дар чаҳорчӯби он маълумот кору фаъолияти хешро ба роҳ

монанд. Аз ин рӯ, онҳо маълумотҳои барои хеш заруриро аз сарчашмаҳои гуногун дарёфт мекунанд.

Аксари муҳоҷирони меҳнатии занони тоҷик Русияро ҳамчун ҷойи истиқомати доимӣ намешуморанд: онҳо ба ин ҷо ба муддати номуайян меоянд, то пул кор кунанд ва ба ин васила аъзои оилаи худро дастгирӣ кунанд ва сипас ба Тоҷикистон баргарданд. Аммо шакли муваққатии муҳоҷирати кӯчонидашуда дар баъзе ҳолатҳо хусусияти тулонӣ мегирад: муҳоҷирон ё ба муддати тулонӣ нигоҳ дошта мешаванд ё дар тули солҳои зиёд барои кор ба шаҳрҳои бузурги Русия, ба монанди Москва (аз ҷумла вилояти Москва), Санкт - Петербург, Екатеринбург, Самара, Челябинск, Новосибирск ва ғайра меоянд. Муддати тулонӣ аз оила дур будан наметавонад дар тамоми маҷмуи иҷтимоӣ аз пӯшидан, амалия, намоишҳо, аз ҷумла дар соҳаи издивоҷ ва оила барканор бошанд [160, 82-91].

«Роҳандозии сомонаҳо бо тафсири фаҳмои қонунҳо, имконоти ба даст овардани иттилоот ҳам ба забони русӣ ва ҳам ба забони модарӣ, брошюраҳо оид ба масъалаҳои муҳимми ободонӣ дар кишвари будубош иттилооти муҳим мебошанд, ки тавсияи онҳо ба бонувон имкон медиҳад, роҷеъ ба муҳоҷирони меҳнатӣ, ба ҷой ва шароити будубош ва ҳамкорӣ бо ҷомеаи қабулкунанда маълумоти кофӣ гиранд» [175, 23-32].

Назарсанҷӣ дар соли 2016 маълум кард, ки дар соҳаҳои шуғли муҳоҷирон фарқи ҷиддӣ вуҷуд дорад: агар пештар ин асосан тиҷорат ва сохтмон буд, ҳоло дар Русия он хеле густардатар шудааст...

Дар соҳаи хизматрасонӣ танҳо 19% тоҷикистониҳо ва дар тиҷорат тақрибан чоряки тоҷикистониҳо кор мекунанд. Дар байни мардони тоҷик сохтмон соҳаи бартаридошта буда 43%-и онҳо аз рӯйи касбҳои сохтмонӣ кор мекунанд. Дар айни замон, занони тоҷик дар соҳаи сохтмон хеле кам кор мекунанд (1-2% занони пурсидашуда). Дар соҳаи хизматрасонӣ нисбат ба мардони Тоҷикистон се маротиба бештар занон аз Тоҷикистон

(39 фоиз нисбат ба 12 фоиз) кор мекунанд.

**Ҷадвали 3. Тақсимоти пурсидашудагон аз рӯйи соҳаҳои шуғл дар Тоҷикистон ва Русия %**

| Соҳаи шуғл | 2015 | | | | | | 2016 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дар ватан | | | Дар Русия | | | | |
| | Дар Тоҷикистон | | | Дар Тоҷикистон | | | Ҳамагӣ | Занони Тоҷикистон |
| | Ҳамагӣ | Мардони Тоҷикисто | Занони Тоҷикисто | Ҳамагӣ | Мардони Тоҷикисто н | Занони Тоҷикисто н | | |
| Сохтмон | 15,6 | 23,8 | 0,0 | 22,1 | 43,0 | 1,6 | 2 | 2,3 |
| Савдо (яклухт ва чакана) | 19,9 | 17,9 | 26,9 | 26,0 | 25,0 | 32,0 | 31,2 | 30,7 |
| Саноат | 8,4 | 10,3 | 7,5 | 2,2 | 1,2 | 0,8 | 3,1 | 2,8 |
| Хонаҳои истиқоматӣ-коммуналӣ | 1,0 | 0,4 | 0,0 | 5,9 | 2,4 | 3,1 | 4,9 | 5,1 |
| Соҳаи хизматрасонӣ (хӯроки умумӣ, соҳаи вақтхушӣ, меҳмонхона ва ғайра) | 13,7 | 11,2 | 20,9 | 23,7 | 12,3 | 39,0 | 42,5 | 42,1 |
| Нақлиёт ва алоқа | 14,4 | 16,1 | 1,5 | 6,9 | 7,5 | 1,6 | 2,4 | 1,3 |
| Маориф | 11,7 | 9,0 | 25,4 | 0,4 | 0,3 | 1,6 | 1 | 1,5 |
| Тандурустӣ | 5,0 | 0,4 | 14,9 | 0,4 | 0,0 | 0,0 | 1,3 | 1,7 |
| Хизматрасонӣ дар хонаводаи хусусӣ | 10,4 | 10,9 | 2,9 | 6,5 | 4,6 | 17,2 | 7,8 | 7,1 |
| Дигар намуди шуғл | 15,6 | 23,8 | 0,0 | 5,8 | 3,0 | 3,1 | 3,8 | 5,4 |
| Дар маҷмуъ: | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

**Манбаъ:** маълумоти таҳқиқоти сотсиологӣ.

Фарқияти калонтарини шуғл байни мардон ва занон дар соҳаи хизматрасонӣ дар хонаводаи хусусӣ ба назар мерасад. Ҳамин тавр, 17% занон аз Тоҷикистон дар ин соҳа ва дар байни мардон мутаносибан 5% кор мекунанд.

Дар байни ронандагон мардони Тоҷикистон (8%) зиёдтаранд, дар ҳоле ки дар байни занон онҳо хеле кам ҳастанд (мувофиқан 1 ва 2%).

Дар соҳаи савдо одатан занон нисбат ба мардон бештар кор мекунанд. Ин барои муҳоҷирон аз Тоҷикистон хос аст. 32% занон аз Тоҷикистон дар ин соҳа кор мекунанд, дар байни мардон бошад, мутаносибан 25% рост меояд.

Теъдоди занон солҳои охир дар бархе аз ин намуди фаъолиятҳо рӯ ба афзоиш буда, дар маҷмуъ, раванди муҳоҷират бо таваҷҷуҳ ба вазъияти

феъли хусусиятҳои тоза касб карда истодааст.

Дар айни замон раванди муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба Федератсияи Русия қатъ намешавад.

Тибқи гузориши федератсияи Байналмилалии ҳуқуқҳои инсон, шумораи муҳоҷирони тоҷик, ки дар хориҷа кор мекунанд, зиёда аз 520 ҳазор нафар то 1 млн нафарро ташкил медиҳад ва ҳаҷми интиқоли пуле, ки онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мефиристанд, дар 40-50% ММД ҷумҳурӣ арзёбӣ карда мешавад [160, 82-91].

Афзоиши муҳоҷирони меҳнатӣ миёни шаҳрвандони Тоҷикистон яке аз масъалаи доғ буд ва ҳаст. Гуфта мешавад, ки агар қаблан ҷомеашиносон дар умум аз ҳиҷрати мардон шикоят карда, аз таъсири манфии он ба ҷомеа мегуфтанд, ҳоло таҳлилгаронро бештар афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ миёни занони тоҷик нигарон кардааст. Бинобар гуфтаи онҳо муҳоҷирати мардон, агар як гуна шарҳ дода шавад, муҳоҷирати занон дар оянда барои ҷомеаи кишвар таъсирҳои манфии зиёде хоҳад дошт [238].

Бояд зикр намуд, ки ҳар як зани муҳоҷир бо роҳи худ ва диди худ қадам мезанад. Пайдост, ки дар ин ҷода занҳо аз мардҳо дида, орзуву ниятҳои бештар доранд, чаро ки онҳо бо диди худ амал мекунанд, зиндагии оилавиашонро беҳтару хубтар бунёд кардан мехоҳанд [242].

«Ин падидаи ногузир аст. Яке аз сабаби ба муҳоҷирати меҳнатӣ рӯй овардани занон, ин афзоиши теъдоди занон-сардори оила дар Тоҷикистон мебошад. Пӯшида нест, ки давоми чанд соли охир таъмини хонаводаҳо ва нигоҳубинии фарзандон бар дӯши зан афтидааст», гуфт Ф.С.

Масъули маркази таҳқиқоти стратегии Тоҷикистон бар ин назар аст, ки занон дар муҳоҷират бештар бо таъмини маҳсулоти ғизоӣ машғул шуда, аз ҷиҳати таъмини амният ва ё умуман пайдо кардани ҷойи кор нисбат бо мардон андак имконияти бештар доранд.

«Бахусус Русия барои занон нисбатан бехатар аст. Мардҳо зиёд бо мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд. Аммо набояд фаромӯш кард, ки афзоиши муҳоҷират барои ҷомеа таъсири мусбат ва манфӣ дорад», илова намуд кор- манди МТС.

Аксарияти ғолиби муҳоҷирони меҳнатие, ки Тоҷикистонро тарк мекунанд, мардҳоянд ва аз ин пайомад бисёр занону кӯдакон дар ҷомеаҳои асли худ танҳо боқӣ мемонанд. Оилаҳои таркшуда таҳти хавфи зиёди тарки мактаб қарор мегиранд, иштироки нерӯи корӣ ё худихтиёрии занонро коҳиш медиҳанд, ба тандурустии руҳиву ҷисмонӣ таъсир мегузоранд, ки аз ҷумлаи бисёр мушкилоти дигаранд. Барои бартараф кардани ин хавфҳо, СБМ Тоҷикистон ба занону кӯдакон аз оилаҳои ирсолкунандаи муҳоҷир кумаки ройгони ҳуқуқиву равонӣ мерасонад ва доираи хидматрасониҳоеро такмил медиҳад, ки ба онҳо пешниҳод мешаванд. Фаъолиятҳои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ низ барои шарикони (ғайри) давлатӣ ва аҳли ҷомеа бо дарназардошти зарурате амалӣ мешаванд, ки кӯдакон аз оилаҳои ирсолкунандаи муҳоҷир дар таҳсили мактабӣ бимонанд.

Яке аз омилҳои дигари муҳим, ки хоси муҳоҷират маҳсуб меёбад, хароҷоти ҷойгиршавӣ дар мулки бегона аст. Бубинед, ҳоло қисми муайяни ҳамдиёрони мо дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд. Аммо шароити будубоши эшон чандон хуб нест. Махсусан, дар Русия онҳоро лозим аст, сари вақт худро дар қайди зист сабт намоянд. Аз муоинаи духтур гузашта, аз забон ва таърихи ин кишвар имтиҳон супоранд. Барои ҳамаи ин маблағ лозим. Аз ҳама муҳим барои муҳоҷирони тоҷик ҳатмист, ки соҳиби патент бошанд. Новобаста аз он ки онҳо ҷойи кор меёбанд ё не, ҳар моҳ бояд маблағи муайян ба буҷаи ин кишвар пардохт намоянд. Агар ба ҳамаи ин хароҷоти манзили иҷора ва хӯрокаро илова намоем, маблағи зиёдро дар бар мегирад. Сари вақт напардохтани ҳаққи патент бошад, ба супурдани ҷарима оварда мерасонад. Ва ин ҳолат боиси мавридҳои дигар

низ мешавад, аз қабили ихроҷи муваққатӣ ва ё доимии муҳоҷирон, ки ин ҳодиса барои онҳо фоҷиа маҳсуб меёбад. Чунки барои баъзе шаҳрвандони мо сарчашмаи таъмини зиндагии аҳли хонаводаи онҳо, фақат ва фақат маблағҳои аз муҳоҷирати меҳнатӣ ба даст овардаи эшон мебошад. Дар чунин ҳолат барои чунин хонаводаҳо аз даст додани ин сарчашма фоҷиа мебошад.

Яке аз масъулин ин бахши кишвар изҳор дошт, ки мувофиқи маълумот дар 7 моҳи соли равон (2015) беш аз 300 ҳазор нафар шаҳрванди кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. То 90 фоизи онҳо дар Русия қарор доранд.

Дар замони шуравӣ ҳам як қисм ҳамватанони мо ба кишварҳои ҳамсояи Узбекистон, Туркманистон барои деворзанӣ ё кор дар корхонаҳои саноатии азим сафар доштанд. Имрӯз бошад, дар тақсимбандии раванди муҳоҷират мо ба як иштибоҳ роҳ дода ҳамаи онҳоеро, ки беруни кишвар мераванд, муҳоҷир мешуморем [225].

Соли 2013 ба ихроҷи муҳоҷирон рекорд гузошт ва ҳисси муҳоҷирбадбинӣ дар миёни мардуми Русия афзуд. Дар ин сол тибқи маълумоти расмӣ зиёда аз 2 ҳазору 600 нафар ҳамватанони мо, аз ҷумла 169 нафар зан аз қаламрави Русия бинобар вайрон кардани қоидаҳои будубош ихроҷ шуданд, ки ин нишондиҳандаи баландтарин аст [240].

Соли 2014 мушкилиҳои зиёде муҳоҷирони меҳнатиро домангир мешаванд [240]. Пештар низ чунин раванд вуҷуд дошт, муҳоҷирони тоҷик аз марзи кишварҳои ҳамсояи Русия, мисли Украина, Белорус, Казоқистон ва Абхозистон гузашта, баъди як соат ва ё пас аз як рӯз дубора вориди ин кишвар мешуданд. Дар сурати риоя накардани қоидаи нави муҳоҷират шаҳрвандони хориҷӣ чанд соли дигар аз ҳуқуқи ворид шудан ба қаламрави Русия маҳрум мешаванд.

Мувофиқи маълумоти ҷадвал дар соли 2010 нисбат ба соли 2023 шумораи занони муҳоҷири меҳнатӣ аз ҷумҳурӣ 441610 нафар коҳиш

ёфта, таносуби фоизӣ 7,9 фоиз афзудааст, бояд гуфт, ки шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ аз кишвар 471725 нафар низ дар давраи таҳлилшаванда коҳиш ёфтааст [216, 236-237].

**Ҷадвали 4. Динамикаи рафтани занон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳоҷирати меҳнатӣ дар солҳои 2010-2021**

| Солҳо | Шумораи умумии муҳоҷирони рафтагӣ | Аз он ҷумла | | % шумораи умумӣ (занон) |
|---|---|---|---|---|
| | | Занон | Мардон | |
| 2010 | 736446 | 79632 | 656814 | 10,81 |
| 2011 | 750391 | 86733 | 663658 | 11,56 |
| 2012 | 744368 | 87015 | 657353 | 11,69 |
| 2013 | 799698 | 100894 | 698806 | 12,62 |
| 2014 | 670806 | 106416 | 564390 | 15,86 |
| 2015 | 552596 | 64667 | 487929 | 11,70 |
| 2016 | 517308 | 81851 | 435457 | 15,82 |
| 2017 | 487757 | 68036 | 419721 | 13,95 |
| 2018 | 484176 | 64512 | 419664 | 13,32 |
| 2019 | 530883 | 77013 | 453870 | 14,51 |
| 2020 | 129807 | 16880 | 112927 | 13,00 |
| 2021 | 373773 | 49174 | 324599 | 13,16 |

**Манбаъ: ҷадвал дар асоси маълумоти солномаи оморӣ тартиб дода шудааст // Бозори меҳнат дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – С.114-117.**

Ба гуфтаи коршиносон ҳар сол аз Тоҷикистон шумораи зиёди муҳоҷирон барои ҷустуҷуйи кор ва маоши муносиб ба манотиқи гуногуни Русия сафар мекунанд. Аксари онҳо ҷойи муайяни кор надоранд ва баъди расидан ба қаламрави ин ҷумҳурӣ моҳҳоро дар ҷустуҷӯйи кор мегузаронанд. Аз ибтидои соли 2014 кулли муҳоҷирони кории хориҷӣ, аз ҷумла шаҳрвандони Тоҷикистон, вазифадор ҳастанд, ки суғуртаи иҷтимоӣ дошта бошанд. Бо ин мақсад ширкати давлатии «Тоҷиксуғурта» ва ширкати суғуртаи «Русский дом» байни ҳам шартнома ба тасвиб расондаанд, ки ин мушкилоти муҳоҷирони кории тоҷикро осон мекунад. Аммо дар сурати надоштани суғуртаи иҷтимоӣ мақомоти Русия метавонанд муҳоҷирро аз қаламрави кишварашон берун кунанд [240].

Ҷумҳурии Қазоқистон кишвари пур аз нафту газ ва дигар маъданҳои фоиданок дар Осиёи Марказӣ, ки маҷмуи маҳсулоти дохилаш ҳудуди 37 миллиард долларро ташкил медиҳад, баъди Русия дуюмин

бозори бузурги кор дар паҳнои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ маҳсуб мешавад. Дар қонуни муҳоҷирати ин ҷумҳурӣ низ тағйирот ворид шудааст. Акнун бар асоси ин тағйирот муҳоҷирони корӣ вазифадоранд, ки ҳар моҳ ба андозаи 24 доллари амрикоӣ хироҷи давлатӣ супоранд. Шумораи муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дар Қазоқистон дар соли 2013 ба 174 ҳазор нафар расидааст, ки наздики 130 ҳазорашон аз Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Узбекистон ва Қирғизистон будаанд. Соли 2012 бошад, ин теъдод ҳудуди 100 ҳазор нафарро ташкил медод [240].

Иқдоми Ҷамъияти тоҷикон (дар шаҳри Перми Федератсияи Русия бунёд намудани маҳаллаи миллии тоҷикон) ба доираи маҳдуди миллатгарои шаҳр хуш наомад [178].

Муаллифи мақола Семен Ситих бо пешгуфтори тамасхуронаи «Сармоягузорӣ аз Тоҷикистон» бонги хатар заданӣ шудааст, ки «бино ба маълумоти омори кишвари Перм соли гузашта ба минтақа 1440 тоҷик омадааст». Шаҳрвандони собиқ ҷумҳуриҳои шуравӣ дар Заостров сарҷамъона ҷойгир шудаанд.

Р. Юшков, котиби масъули рӯзномаи «За человека»-и назди Маркази минтақавии дифои ҳуқуқ бошад, ба масъалаи мазкур бархурди тунд намуда, мутолиби буҳтономезе ба табъ расонида аст. [178, с.46].

Ҳолатҳое ҳастанд, ки занон дар Русия кор мекунанд ва шавҳарон бо кӯдакон дар Тоҷикистон мемонанд. Гарчанде, ки он ба таври васеъ амалӣ карда намешавад, ин равиш дар ҳаёти воқеӣ пайдо мешавад. Агар заноне, ки ба фарзандон ё хешовандони худ дар Русия ҳамроҳ шуданд, шавҳаронашон бо як қатор сабабҳо дар хона монданд (онҳо шояд дар хона кори ҷолиб дошта бошанд, ё бо сабаби саломатӣ ё нохостагӣ «муҳоҷир» шаванд, онҳо қарор доданд, ки нараванд), аксар вақт аз ҷониби атрофиён маҳкум карда мешуданд. Дар бораи чунин занон аксар вақт ишораҳо ба он шунида мешуданд, ки маълум нест, ки онҳо дар муҳоҷират чӣ кор мекарданд. Бо вуҷуди ин, хусусияти оммавии муҳоҷирати занон кори

худро анҷом медиҳад, муҳоҷирати занонро ба эътидол меорад ва бо мурури замон ин тамоюл хеле содиқтар ба назар мерасад [49, с.236-238].

Муҳаққиқ Сайфиддинов Ҷ. дар мақолааш менигорад: «Пӯшида нест, ки зарурияти иҷтимоӣ фаҳмишҳо ва андешаи мардумро оид ба оила ва нақши он дар зиндагии инсонҳо тағйир медиҳад. Ҳоло ки ҷомеаи Тоҷикистон мувоҷеҳи пурдоғтарин масоили иҷтимоӣ - афзоиши пошхӯрии оилаҳо шудааст, мебояд решаҳои ин иллати хатарборро дарёфт» [213, с.34-35].

Мутаассифона, имрӯз модарон ба тарбияи духтарон барои омода шудан ба ҳаёти мустақилона камтар аҳаммият медиҳанд. Ин аст, ки дар бештар мавридҳои ҷудошавии оилаҳои ҷавони наварусон сабаб мешаванд.

Муҳайё шудани воситаҳои муосири иттилоотӣ - фарҳангӣ ва ҳамроҳи онҳо ворид шудани фарҳанги бегона арзишҳои миллиро тағйир дода, маънавиёти ҷомеаро дигар мекунад. Дар ҷомеаи мо сол ба сол ҳолатҳои аз телефонҳои мобилӣ пайдо шудани баҳсҳо ва ҷудошавии оилаҳо зиёд мешаванд. Таъсири фарҳангу синамои хориҷӣ, ки ба маънавиёти ҷавонон таъсири манфӣ мерасонад, солҳо мавриди муҳокима қарор дорад, вале то ҳол алайҳи ҳуҷумҳои идеологии беруна «имунитет» пайдо накардаему сабаби пошхӯрии бештари оилаҳои мо ин дар раванди ҷаҳонишавӣ маънавиёти бегонаро қабул кардани ҷавонон мебошад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ як омили дигари афзоиши пошхӯрии оилаҳо дар кишвари мо аст. Бинобар гуфтаи К. Сафарова, муовини раиси ноҳияи Бохтар, муҳоҷирати меҳнатӣ паҳлуҳои наомухта зиёд дорад, ки он дар рафти зиндагӣ эҳсос мешавад. «Муҳоҷирони кории мо оқибати аз зану фарзандон дур зистанашонро вақте эҳсос мекунанд, ки оилаи онҳоро хатари пошхӯрӣ таҳдид кунад. Муҳлатҳои тулонӣ дар муҳоҷират қарор доштани мардон ба руҳияи ҳамсарони онҳо бе таъсир намемонад. Муҳоҷирони корӣ ба дарки он нарасидаанд, ки солҳо дар хона набудан

барои занон фоҷиаи бузург аст» [213, 35].

Дар воқеъ, ҳиҷрати тулонии мардон як мавзуест, ки дар ҳама давру замонҳо мавриди баҳс қарор дошт. Зимни баррасии ин мавзуъ занони водии Вахш иброз доштанд, ки муҳоҷирони тоҷик дар боби қонуну қоидаҳои оиладорӣ ва муҳоҷират ба машварату роҳнамоӣ ниёз доранд: «Ба онҳо фаҳмонида шавад, ки дар чанд муҳлат як бор ба назди зану фарзандони худ баргарданд, зеро шартҳое, ки дар ақди никоҳ назди шавҳар гузошта мешаванд, баъдан фаромӯш мешаванд» [213, 36].

Камшавии аз ҳама зиёди теъдоди мардони ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта дар ВМКБ, НТҶ ва шаҳри Душанбе, занон дар ВМКБ, вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе ва НТҶ ба мушоҳида мерасад. Дар маҷмуъ дар ҷумҳурӣ теъдоди мардони ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта 2,6 баробар ва занон 3 баробар кам гардидааст. Коҳишёбии чунин ҳиссаи калони мардон дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ барои таркиби иҷтимоӣ оқибатҳои манфӣ дорад. Бидуни меҳнати арзанда ва воситаҳои рӯзгузаронӣ, муҳоҷирони меҳнатии баргашта барои аъзои боқимондаи коркунандаи оила бори иловагӣ мегарданд ва ба онҳо лозим меояд бештар кор кунанд, то ки оила ва худи муҳоҷирро бихӯронанд.

## 2.2. Махсусиятҳои муҳоҷирати меҳнатии занҳо дар Тоҷикистон ( охири асри XX ва аввали асри XXI)

Дар банди 16,17 Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 вобаста ба оқибатҳои мусбат ва манфии чунин дарҷ ёфтааст: «Раванди муҳоҷират оқибатҳои мусбат ва манфӣ низ дорад. Дар байни ҷанбаҳои мусбати раванди муҳоҷират беҳтар шудани тавозуни пардохт дар кишварро аз ҳисоби интиқоли пул, ҳалли мушкилоти бекорӣ, афзоиши талаботи самараноки аҳолӣ, болоравии нерӯи инсонӣ ва тахассуси коргарон ва ғайра қайд кардан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, вазифаи асосии давлат дар идоракунии равандҳои муҳоҷират ба ҳадди ҷанбаҳои мусбати он расонидан ва кам

кардани оқибатҳои манфии он мебошад.

Яке аз ҷанбаҳои манфии муҳоҷирати меҳнатии беруна ин аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа сафаркардашуда монда рафтани оилаҳои худ дар дохили Тоҷикистон, хусусан ҳамсарон ва фарзандони онҳо ба шумор меравад. Маврид ба зикр аст, ки шумораи муайяни муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳисоби мардон баъди ба хориҷа барои кор рафтан дар кишвари бокортаъминкунанда оилаи нав ташкил карда, ба оилаи худ дар Тоҷикистон дигар кумак намекунанд ва ё аз онҳо ҷудо мешаванд. Дар натиҷа садҳо оилаҳои тоҷик вайрон гардида, онҳо аз манбаи асосии таъминоти пулию моддӣ маҳрум мемонанд ва ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дохил мешаванд. Дар ин раванд кӯдакони чунин оилаҳо бештар ба ҳолати камбизоатӣ ва осебпазирӣ дучор мегарданд».

Аксари таҳқиқоти анҷомдодашуда дар мавзуи муҳоҷирати меҳнатии занон аз Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ асосан муҳоҷирати меҳнатии занонро ба Русия инъикос мекунанд. Ин ба он вобаста аст, ки тибқи омори расмӣ ва ғайрирасмӣ, аксари муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон барои кор ба Федератсияи Русия мераванд, ки шумораи онҳо аз ҷониби мақомоти дахлдори Федератсияи Русия беш аз 1 млн нафар арзёбӣ мешавад.

«Вазъи қонунии кор ва будубоши занони пурсидашударо хуб номидан душвор аст: бисёре аз онҳо суғуртаи тиббӣ (58%) надоранд, зиёда аз сеяки онҳо иҷозатномаи корӣ доранд. Умуман, 25% шахсони ҳуқуқӣ патент барои кор доранд ва 29% занони пурсидашуда патент барои кор чун шахсони воқеӣ доранд» [200, 68-74].

Вобаста ба паҳлуҳои гуногуни ин раванд ибрози андеша намуда, зимни таҳқиқот ва омӯзиш перомуни масъалаи мазкур ба гуфтаҳои донишмандони мухталиф рӯ оварда, аз андешаҳои ҷолиби онҳо барои тасдиқ ва андешаҳои хеш иқтибосҳо низ овара шудааст. Маҷроҳои мухталифро зимни ҷараёни гирифтани хеш касб намудааст, ки чанде аз

онҳоро зимни омузишҳо бармало сохтем:

- ҳадафи кор дар кишвари дигар;

- ҷустуҷуйи мустақили кор дар бозорҳои хориҷии меҳнат;

-интихоби огоҳонаи ширкатҳо барои амалӣ намудани иқтидори меҳнатии худ;

- ангезаҳои иқтисодии шуғл аз рӯйи ихтисос ва амсоли инҳо.

Ин чанд банде, ки инҷо зикр намудем, маромҳои асосии ин раванд буда, он мисли маҷрои баҳре мемонад, ки ҳар чи қадар ба он бештар ғутавар шавед, маҷрои поёнии он зудтару бештар ҷараён мегирад, манзурамон ин ҷараён тоза суръати бештар касб карда истода аст ва ба тамоми шууни зиндагии суннатии мо таъсиргузор мебошад. Хонаводаҳои суннатӣ ва анъанавии моро аз реша ба масири тағйир кашида, ҷойгоҳи занонро дар зиндагии суннатӣ ва анъанавии мо тағйир дода истодааст. Ҳоло ин равандҳо мусбатанд ё манфӣ бармало ва возеҳу рӯшан гуфтан амрест маҳол, ки онро вақт мушаххас хоҳад кард.

Тибқи маълумоте, ки Хадамоти муҳоҷирати Русия паҳн кардааст, шумораи муҳоҷироти меҳнатии тоҷик дар ин кишвар 1 млн. 80 ҳазор нафар аст, ки аз ин 904,2 ҳазор нафар мардҳо ва шумораи наврасони (то 17-сола) тоҷик дар Русия дар умум 128 ҳазору 628 нафар аст [181].

Занон дар бозори меҳнат шаклҳои гуногуни даромадро меҷӯянд. Агар дар аввали солҳои 1990-ум аксари занон – воҳидҳои нави меҳнатӣ, хонашинҳои собиқ, асосан аз деҳот, маҷбур буданд, ки меҳнати вазнин ва беихтисосро ба даст оранд, пас бо гузашти вақт онҳо аз душвориҳои меҳнатӣ гузашта, аз имкониятҳои меҳнатии худ истифодаи нав пайдо карданд.

Ба сатҳи шуғли занон вазъи издивоҷи онҳо таъсир мерасонад. Аз шумораи занони оиладор, то моҳи июн-июли соли 2009, танҳо 36% кор мекунанд. Дар байни талоқшудагон сатҳи шуғл аз 72% то 81% - ро ташкил медиҳад.

Тибқи маълумоти расмии соли 2009, ҷараёни асосии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ба кишварҳои ИДМ равона карда шудааст, ки 99,3% - и онҳо ба Федератсияи Русия мераванд.

Муносибатҳои дохилии оилаҳо дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон байни аъзои он қисми мушкилоти мубрами вазъи занон дар соҳаи шуғл ва умуман дар иқтисодиёт мебошад. Ташвишҳои оилавӣ ва манфиатҳои кор дар берун аз хона занро маҷбур мекунанд, ки дар ҳама ҷо кор кунад.

Ҳузури муҳоҷирон ва машғулияти доимии онҳо дар иқтисод на танҳо сохтор ва шаклҳои муносибатҳои иқтисодиро дар кишвари мо тағйир доданд, балки намудҳои нави муносибатҳои иҷтимоиро низ ба вуҷуд оварданд [200, с.69].

Дар байни омилҳое, ки ба муҳоҷирон ҳангоми кироя ба кор дар Русия бартарӣ медиҳанд, розӣ будани онҳо ба шуғли ғайрирасмӣ нақши муҳим мебозад, ки аксар вақт маънои розӣ будан ба истисмори шадидро дорад. Тибқи пурсиши соли 2003, муҳоҷирон ба ҳисоби миёна 11 соат дар як рӯз ва 6 рӯз дар як ҳафта кор мекунанд. Аммо баъзан рӯзи корӣ 16 ва ҳатто 18 соат давом мекунад. Шароити кории муҳоҷирон одатан вазнин аст; танҳо 10-13% пурсидашудагон онро муқаррарӣ донистанд.

Мисолҳоро аз ҳаёти муҳоҷирон ва бахусус занон овардан мумкин аст, ки онҳо дар бадтарин шароит ва гоҳан шароитҳои хеле сангин кор намуда ҳатто аз маҳалли кории хеш ба берун намебароянд. Макони кории онҳо низ ба ҳеҷ гуна талаботи беҳдоштию инсонӣ ҷавобгӯ намебошад. Поёнтар андешаҳои баъзе аз таҳлилгаронро роҷеъ ба ин масоил меорем.

Дар ин ҷо ба вазъи зиндагии занони муҳоҷирон назаре меафканем. Масалан, яке аз таҳлилгарони ин раванд В. Бонинг чунин мешуморад, ки раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити муосири ҷаҳонӣ «ҷанбаи муҳимтарини ҷаҳонишавии босуръати иқтисодиёт ва вобаста ба нобаробарии қувваи корӣ ба тамоми кишварҳои ҷаҳон таъсири мусбат ва манфӣ мерасонад» [206, с.76-78]. Ин назария дар якҷоягӣ бо фарзияҳои

якчанд олимон ва коршиносони сатҳи ҷаҳонӣ зиёда аз 30 сол пеш амалӣ карда шуд. Дар он давра баъзе муҳаққиқон бо ишора ба ин ибора «сарвати инсонӣ» нақши занро ҳамчун «хазинаи тиллоии меҳнати хонагӣ» тафсир мекарданд.

Бо такя ба назарияи дар боло зикршуда метавон гуфт, ки дар шароити муосири Тоҷикистон афзоиши солонаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳои хориҷи дур, бахусус Русия, хароҷоти зиёди иҷтимоӣ ба бор меорад ва ҳамзамон боиси хароб шудани оилаҳо мегардад. Бо сабаби тағйир ёфтани шароити зиндагии муҳоҷирон, издивоҷ ҳамчун озмоиши ҷиддӣ, яъне муҳоҷирон қабул карда мешавад оҳиста-оҳиста ба арзишҳои фарҳангии кишварҳои қабулкунанда муроҷиат мекунанд. Яке аз тамоюлҳои асосии аввали солҳои 2000-ум афзоиши ҳисса ва шумораи занон дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ буд. Муҳоҷирати меҳнатии занон таваҷҷуҳро ба худ ҷалб мекунад ва омӯзиши махсусро талаб мекунад, зеро шумораи занони муҳоҷирони меҳнатӣ аз кишварҳои хуруҷ, ба монанди Тоҷикистон тақрибан 20% - ро ташкил медиҳад. Гарчанде, ки ин рақам дар соли 2003 5,44% буд [144, с.30].

Занон метавонанд ба кишвари таъйиншуда ҳам ҳамчун коргари мустақили муҳоҷир ва ҳам ҳамчун узви оилаи коргари муҳоҷир ворид шаванд. Мардон барои ҳамроҳии ҳамсаре, ки иҷозати кор дар кишвари дигарро гирифтааст, камтар ба кишварҳои таъйиншуда сафар мекунанд. Ҳамчунин, ҷалби фаъолонаи занон ба муҳоҷирати меҳнатӣ таваҷҷуҳи бештарро ба имкониятҳои вуруд ва будубоши онҳо дар кишвари таъинот бо кӯдакон талаб мекунад.

Асосан, муҳоҷирони меҳнатӣ ба кишварҳо сафар мекунанд, то барои нигоҳубини оилаашон пул кор кунанд ва ҳар моҳ як қисми маблағҳои ба даст овардаашонро ба ватан фиристанд. Аммо баъзеҳо ҳастанд, ки ба кишвари таъинот (қабул) ворид шуда, ба зудӣ дар кишварҳои қабул оилаҳои дуюмро ба вуҷуд меоранд ё ғамхории оилаҳои таркшударо дар

кишварҳои хуруҷ қатъ мекунанд. Дар натиҷа, тайи чанд соли охир ҷомеаи занони таркшуда дар натиҷаи хуруҷи оммавии муҳоҷирони меҳнатии мард ва талоқҳои зиёд ба таври назаррас афзоиш ёфт. Масалан, тибқи маълумоти Вазорати адлияи Тоҷикистон, дар соли 2022 дар кишвар 70802 никоҳ ба қайд гирифта шудаанд, дар ҳоле ки дар гузашта 74863 никоҳ ба қайд гирифта шуда буданд. Аммо шумораи талоқҳо, баръакс, афзуд - 41,991 талоқ дар соли 2022 бар зидди 38,326 дар соли 2021 [15]. Дар Тоҷикистон дар 6 моҳи соли 2023 5 ҳазору 370 талоқ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 1 ҳазору 895 ҳолат камтар аст [253, 13].

Дар соли 2020 67 ҳазор издивоҷ ва 10,5 ҳазор талоқ ба қайд гирифта шудааст. Бештари ҳолатҳои талоқ дар Душанбе ба қайд гирифта шудаанд. Пойтахт дар соли 2020 нисбат ба шумораи издивоҷҳои ба қайд гирифташуда 27% талоқро ташкил дод. Мутаассифона, дар натиҷаи талоқ 10085 кӯдак дар ихтиёри як волидайн, асосан модарон қарор гирифтанд. Ин нисбат ба соли гузашта 5 ҳазору 327 кӯдак камтар аст. Дар маҷмуъ, дар 12 маврид кӯдакон бо падарон монданд ва модарон алимент пардохт карданд. Дар соли 2023 132 ҳазору 957 зан ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтанд, ки нисбат ба соли гузашта 58 ҳазору 418 нафар зиёд аст [57, 283].

Яке аз сабабҳои асосии афзоиши талоқ дар ҷумҳурӣ маҳз муҳоҷирати меҳнатӣ буд. Сабабҳои талоқ дар Тоҷикистон гуногунанд. Сабаби асосӣ зӯроварӣ дар оила ва дувум муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Ҷавонон муддати тулонӣ берун аз кишвар мераванд ва аксар вақт барои гирифтани шаҳрвандии кишвари дигар барои осон кардани тақдири худ дар муҳоҷират бо шаҳрвандони он издивоҷ мекунанд. Барои қонунигардонии муносибатҳо онҳо бояд аз ҳамсари расмии худ дар ватан ҷудо шаванд. Ё онҳо танҳо издивоҷи худро дар ин ҷо ба қайд намегиранд. Аз ин рӯ, омор нишон медиҳад, ки шумораи издивоҷҳо коҳиш меёбад ва шумораи талоқҳо, баръакс, меафзоянд. Тибқи маълумоти расмӣ, дар соли

2020 бештар дар вилояти Хатлон (24809 нафар) ва камтар дар ВМКБ (1369 нафар) издивоҷ кардааст. Дар маҷмуъ, дар Бадахшони Кӯҳӣ шумораи издивоҷҳои ба қайд гирифташуда сол аз сол кам шуда, шумораи талоқҳо меафзояд. Дар соли 2023 дар ин ҷо шумораи камтарини издивоҷҳо дар 10 соли охир, ҳамагӣ 1369 ва шумораи талоқ дар 10 сол қариб зиёдтарин 173 ҳолат ба қайд гирифта шудааст. Дар Тоҷикистон дар соли 2023 шумораи талоқҳо нисбат ба соли гузашта 3 ҳазору 578 ҳолат коҳиш ёфтааст [144].

Таҳқиқот нишон дод, ки вайронкунии ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва инсонии занони муҳоҷири меҳнати хориҷӣ хусусияти дастаҷамъона ва муназзам касб намудааст. Зӯроварӣ ҳануз дар оғози сафар ва кироя ба амал меояд. Роҷеъ ба фиреб зимни кироя 7%, дар бораи фишори равонӣ 3% изҳор доштаанд. Бисёре аз пурсидашудагон ба саволҳо ҷавоб дода натавонистанд, зеро онҳо сатҳи пасти арзёбии вайронкунии ҳуқуқҳоро доранд.

Дар аксар маврид новобаста аз карордоди меҳнати, расман фаъолият намудан ва риояи қоидаҳои буду бош аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишвари иқомат аз ҷониби корфармоён музди меҳнати муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақт ва ё пурра пардохт карда намешавад. Ҳолати мазкур буду бош, барасмиятдарорӣ ва пардохти ҳуҷҷати ичозатномаи кор (патент)-ро барои муҳоҷирони меҳнатӣ мушкил мегардонад.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Федератсияи Русия ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд, дар аксар маврид бо соҳибкорон тавассути шахсони миёнарав бе бастани шартномаи меҳнатӣ, надонистани ному насаби кордиҳандаи аслӣ ва суроғаи корхонаи ҳуқуқӣ ба кор шуруъ менамоянд ва дар холе, ки аз касбу кори худ, муҳлати кор, андозаи маош ва муҳлати пардохти он маълумоти дақиқ надоранд, ба доми фиреби корфармоён гирифтор мешаванд.

Вобаста ба масъалаи мазкур Намояндагӣ бо корфармоёни хурду

бузуруг, вазорату идораҳо, макомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ ва дигар шарикони ичтимоӣ ҳамкории густурдаро ба рох монда, барои фароҳамоварии шароити корӣ, баргардонидани музди меҳнати муҳоҷирони меҳнати дар Федератсияи Русия тадбирҳои зарурӣ ва саривақтиро пайваста роҳдндозӣ менамояд.

Таҳлилҳо аз рӯи муроҷиати муҳоҷиронӣ меҳнатӣ ва ҳамкориҳо ба мақомоти марбутаву корфармоён нишон медиҳад, ки дар аксар маврид корфармоён ва миёнаравҳо аз боварии муҳоҷирони меҳнатӣ, надонистани забон ва қоидаҳои давлатии иқомат истифода намуда, қувваи қобили меҳнатро бо роҳи қаллобӣ истифода менамоянд. Яъне, муҳоҷирони меҳнатиро ваъдаи маоши калонҳаҷм, барои онҳо ҷойи хоб ва таъмини хӯроки шабонарӯзиро дода, бо корфармоён қарордоди меҳнатиро амалӣ намекунанд, ки ин бар хилофи Кодекси меҳнати Федератсияи Русия мебошад. Моддаи 52 Кодекси меҳнати Федератсияи Русия бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳои меҳнатӣ корфармоёнро вазифадор менамояд, ки ҳангоми ба кор қабул намудани коргар ҳатман бо ӯ шартномаи меҳнатӣ ба имзо расонанд. Вале баъзе корфармоён бо мақсади дарёфти манфиатҳои молиявӣ бо кормандон қарордоди меҳнатиро ба сомон нарасонида, аз андози илованамудаи мақомоти дахлдори Федератсияи Россия аз ҳисоби кормандон сарпечӣ менамоянд.

Дар Федератсияи Русия чанд омилҳое мавҷуданд, ки музди маоши муҳоҷирони меҳнатӣ саривақт пардохт ва ё умуман аз ҷониби корфармо пардохт карда намешавад.

Нахустин масъалае, ки корфармо музди маоши муҳоҷиронро саривақт пардохт намекунад, ин аст, ки корфармо бо муҳоҷирони меҳнатӣ қарордоди меҳнатӣ ба имзо нарасонида, фаъолияти кории онҳоро тавассути қарордоди шифоҳӣ амалӣ кардан мехоҳад. Дувум, ин аст, ки корфармоёни хориҷӣ ба боварии шаҳрвандон даромада, онҳоро

ғайриқонунӣ ба фаъолият ҷалб менамоянд, ки дар ниҳояти кор музди маоши муҳоҷирони меҳнатиро пардохт намекунанд ва ё қисман пардохт менамоянд.

Лозим ба зикр аст, ки дар ин миён як гурӯҳ қаллобон низ вуҷуд доранд, ки миёни корфармо ва коргар барои ба даст овардани маблағи муфт фаъолият мекунанд. Ин гурӯҳи қаллобон ба боварии шаҳрвандон – муҳоҷирони меҳнатӣ на танҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон аз дигар кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои мустақил низ ворид гашта, онҳоро ғайриқонунӣ ва дар шароити вазнин кор мефармоянду музди маошашонро пардохт намекунанд.

Қонунгузории Федератсияи Русия нахуст корфарморо вазифадор менамояд, ки бо корманд шартномаи меҳнатӣ ба имзо расонад, вале баъзе корфармоёни Федератсияи Русия бо мақсади пардохт накардани андоз аз ҳисоби истифодаи қувваи корӣ даст ба қаллобӣ мезананд. Муайян намудани шартномаи меҳнатӣ миёни корфармо ва коргарро модаи 52 Кодекси меҳнати Федератсияи Русия танзим менамояд.

Лозим ба зикр аст, ки ҳангоми муроҷиат намудани муҳоҷирони меҳнатӣ ба Намояндагии Вазорати мехнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия оид ба муҳоҷират нахуст ба корфармо ҷиҳати пардохт нагардидани музди маош номаи расмӣ ирсол мегардад. Дар ҳолати пардохт нашудани музди маоши шаҳрвандон баъдан тибқи тартиби муқаррааргардидаи қонунгузории Федератсияи Русия ба Бозрасии давлатии ҳифзи меҳнат, прокуратура ва Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Русия чиҳати поймол шудани ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мактуби расмӣ ирсол гашта, ба ҳар роҳу восита маблағи музди маоши муҳоҷирони мехнатӣ-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида мешавад. Вале, мутаассифона, дар ин миён бо сабаби надоштани шартномаи меҳнатӣ баргардонидани маблағи музди маоши муҳоҷирон, ки суроғаи воқеии корфарморо

намедонанд ва бо қаллобон ҳамкорӣ кардаанду ному насаби корфармоpo намедонанд ва мушкилиҳои зиёдро пеш меорад.

Муҳоҷирони зан бештар бо: маҷбурӣ ба кор бе музд дар вақти иловагӣ (62%); зиёд шудани шиддати меҳнат (44%); дер кардани музди меҳнат (39%); маҷбурӣ ба иҷрои корҳое, ки розӣ нашуда буданд (38%) рӯ ба рӯ мешаванд.

Вақте хабарнигорон бо занони муҳоҷир ҳамсуҳбат мешаванд, кулли онҳо аз мушкилот дар ҳамаи масири зиндагии хеш ҳарф мезананд, чи дар хона, чи дар маҳалли муҳоҷират ва чи дар муносибати бо шавҳарони хеш. Дар маҷмуъ, зану бонуи муҳоҷир дар заҳру сахтӣ қарор дорад ва роҷеъ ба ҳамин ҳам сухан мегӯяд.  Тамоми сӯҳбат дар бораи таҷрибаи муҳоҷират дар атрофи он аст, ки зиндагии зани муҳоҷир чӣ қадар душвор аст. Бе тафсилот, қайд карда мешавад, ки ҳаёти занони муҳоҷири меҳнатӣ рӯзҳо ва моҳҳои хастакунанда ва беохир аст, ки бо изтироб ва маҳрумият ҳамроҳӣ мекунанд. Сарфи назар аз ин қазия занону бонувон озими муҳоҷирати меҳнатӣ мегарданд: «Занони тоҷикро бекорӣ ва дарёфти зиндагии беҳтар маҷбур мекунад, ки дар кишвари дигар кор ҷустуҷӯ кунанд» [72].

Танҳо муҳоҷирони меҳнатии қонунӣ дар ҷаҳон аз 120 то 200 млн нафар (дар муқоиса бо 75 млн дар соли 1965) мебошанд. Тафовут дар сатҳи зиндагӣ ва имкониятҳои иқтисодӣ дар кишварҳои гуногун қувваи асосии пешбарандаи чунин муҳоҷират мебошад. Дар соли 1995 музди меҳнати соатбайъ дар истеҳсолот 0,25 доллар дар Ҳиндустон ва Чин, 0,6 доллар дар Русия, 2,09 доллар дар Лаҳистон дар муқоиса бо 17,20 доллар дар ИМА, 23,66 доллар дар Ҷопон, 31,88 доллар дар Олмон буд.

Дар сурати авҷ гирифтани муҳоҷирати меҳнатӣ бозори меҳнат дар кишварҳои пазиранда бахшбандӣ шуда, ҷой ва бахши кори муҳоҷирони меҳнатӣ мушаххас гардид.

Инҳо, пеш аз ҳама, ҷойҳои кории беэътибор мебошанд, ки тахассуси

баланд, шароити вазнини кор ва музди зиёдро талаб намекунанд, онҳо бахшҳои аз ҳама табъизшаванда, ғайрирасмӣ ё сояи шуғл мебошанд.

Феминизатсияи (баробарҳуқуии расмии занон) ҷараёни муҳоҷират, яъне афзоиши ҳиссаи занон дар шумораи умумии муҳоҷирон аз ҷониби мутахассисон хусусияти хоси марҳилаи навтарини рушди муҳоҷирати байналмилалии меҳнатӣ эътироф карда мешавад [289].

Баромадан аз ҷудошавии минтақаи Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ, аз ҷумла фазои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, тақсимоти нави бозори муҳоҷирати меҳанатиро дар Ғарб оғоз кард [88].

Қиматгул Алибердиева, муовини аввали раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҷумҳурӣ, дар нишасти матбуотӣ зикр намуд, ки дар нимсолаи аввал ба кумита аз вазорату идораҳо 410 нусха мактубу барқия, 86 нусха аризаи хаттии шаҳрвандон ворид шуда, 641 шаҳрванд шифоҳӣ муроҷиат намуд.

86 муроҷиати хаттии занон барои омузишу чораҷуӣ ба идораву кумита ва вазоратҳои дахлдор ирсол гардид. Бо мусоидати онҳо 4 нафар ба оилаҳои худ баргашта, 7 нафар муолиҷа гирифт. Дар айни замон 3 ҳазору 915 зан дар мансабҳои гуногуни давлатӣ фаъолият дорад. Тибқи квотаи президентӣ дар соли таҳсили 2008-2009 1007 нафар ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил шуд, ки 550 нафараш духтар мебошад.

Муқоисаи натиҷаҳои пурсишҳои солҳои 2015 ва 2016 нишон медиҳад, ки шумораи занони Тоҷикистон, ки бо корфармо шартномаи хаттӣ бастаанд (аз 42 то 67%) афзоиш ёфтааст. Дар аввалҳои кор худи занони муҳоҷир ақди созишномаро қабул надоштанд ва як чизи нолозим меҳисобиданд. Аммо вақтҳои охир ин тарзи фикррони тағйир кардааст. Занону мардони муҳоҷири тоҷик феълан моҳият ва аҳаммияти созишномаро хуб дарк мекунанд. Аз ин рӯ, талош бар он доранд, ки тамоми асноду мадорики будубоши хеш ва аз ҷумла созишномаи кории хешро ба танзим дароранд.

Худи пурсидашудагон бар ин назаранд, ки шартномаи меҳнатӣ бо онҳо бештар баста мешавад. (Ҷадвали 2). Ҳиссаи воқеии занони Тоҷикистон аз рӯйи ин нишондиҳанда нигоҳ доштани статус 39-40% мушоҳида намешавад, аммо коҳиши аз 38 то 23% қайд карда шудааст.

**Ҷадвали 5. Тақсимоти пурсидашудагон аз рӯйи шакли гирифтани маош, %**

| Намуди гирифтани маош | 2016 | | | 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Мардони Тоҷикистон | Занони Тоҷикистон | Ҳамагӣ | Занони Тоҷикистон |
| Тибқи расмият бо ведомост, тавассути бонк, дар корти бонкӣ | 33,3 | 25,7 | 18,0 | 26,6 | 31 |
| Пули нақд бе ведомост (дар лифофа) | 54,7 | 60,2 | 75,8 | 61,8 | 57,7 |
| Қисман расмӣ, қисман ғайрирасмӣ | 9,6 | 10,4 | 4,7 | 7,7 | 7,2 |
| Маошро бо пул намегирад | 0,3 | 0,8 | 0,0 | 0,2 | 0,2 |
| Дигар | 2,1 | 2,9 | 1,5 | 3,7 | 3,9 |
| Дар маҷмуъ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

**Манбаъ: маълумоти таҳқиқоти сотсиологӣ.**

50% муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон, ки соли 2016 пурсида шуданд, гуфтанд, ки ба онҳо «шартномаи меҳнатӣ лозим нест». Ба ин қарор на танҳо номумкин будани эътироз ба вайронкунии қонунгузории меҳнатӣ аз ҷониби корфармоён дар судҳои Русия, балки, масалан, (хусусан ин барои кормандони хонагӣ хос аст), хатари мутақобилаи вайрон кардани шартномаи шифоҳӣ бо корфармо низ онҳоро водор мекунад. Вайрон кардани шартномаи шифоҳӣ ҳам барои корфармо хароҷоти ҷиддӣ ва талафот дорад.

Дар маҷмуъ, на бештар аз сеяки пурсидашудагон дар соли 2016 аз рӯйи варақаи расмӣ ё тавассути бонк ба корт маош мегиранд. 55% пурсидашудагон бо пули нақд маош мегиранд; қисман расман,ё қисман ғайрирасмӣ 10%. Дар байни муҳоҷирони пурсидашуда дар байни тоҷикистониҳо ду баробар камтар (24%). Мардоне, ки ба таври қонунӣ маош мегиранд, аз занон зиёдтаранд: 35% нисбат ба 28%. Дар баробари ин, аз ҳисоби мардони Тоҷикистон тибқи омори расмӣ 25% маош

мегиранд; занон 18% [200].

«Тибқи таҳқиқоти соли 2015, соҳаҳои асосии шуғл барои занони Тоҷикистон шуғл дар иқтисоди хидматрасонӣ мебошанд. Ҳамин тавр, 43% - и онҳо дар соҳаи хизматрасонӣ ва 31% - и онҳо дар соҳаи савдо кор мекарданд. Соҳаи сеюм аз рӯйи аҳаммият меҳнати хонагӣ (набера, ҳамшира, корманди хона) мебошад: дар он тақрибан 8% занони пурсидашуда кор мекарданд. Хоҷагии коммуналӣ (5%), нақлиёт ва алоқа (2%), маориф (1%) ва тандурустӣ (1%) дар маҷмуъ барои камтар аз 10% ҳамаи занони коргар бо ҷойҳои корӣ таъмин мешаванд» [180].

Коршиносон бар он ақидаанд, ки занонро танҳоӣ ва бори гарони зиндагӣ маҷбур месозад, то муҳоҷир шаванд ва аз сабаби оне, ки имконияти бо худ бурдани фарзандонашонро надоранд, онҳоро зери нигоҳубини волидайн ё дигар хешовандон вогузор мекунанд.

Тибқи иттилои ниҳодҳои дастандаркори мамлакат дар Тоҷикистон дар соли 2018 484 ҳазору 176 нафар шаҳрвандон кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар кардаанд, ки аз ин шумора 415 ҳазору 664 нафари онро мардон (86,7%) ва 64 ҳазору 512 нафарро занон (13,3%) ташкил медиҳанд. Тайи ин фосилаи замонӣ 463 ҳазору 252 нафар муҳоҷирони меҳнатии кишвар ба Русия (95,7) ва 13 ҳазору 58 (2,8%) нафар ба Қазоқистон сафар кардаанд. Ҳамзамон, дар ин муддат аз хориҷи кишвар 424 ҳазору 490 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ба Тоҷикистон баргаштаанд, ки аз ин теъдод 352 ҳазору 245 нафарро мардон ва 72 ҳазору 245 нафари дигарро занон ташкил медиҳанд [200].

Созмони ЮНИСЕФ низ бо анҷоми як таҳқиқот фарзандони муҳоҷиронро бо сабаби аз волидон дур будан «саркаш, осебпазир ва таҳдиде ба ояндаи субот дар ҷомеа», унвон карда буд. Дар ин таҳқиқот, ки чанд сол қабл аз ҷониби ЮНИСЕФ анҷом дода шудааст, вазъи 5 ҳазор нафар аз хонаводаҳои муҳоҷирон пурсида шудааст. Аксари фарзандони то 15-сола гуфтаанд, ки худро танҳову азёдрафта ва бепуштибон эҳсос

мекунанд.

Созмонҳое, ки бо занон сарукор доранд, мегӯянд, шароити зиндагӣ, аз ҳам ҷудо шудани оилаҳо занҳоро маҷбур мекунад, то роҳи муҳоҷиратро пеш гиранд. Вале бештари онҳо баъди дубора баргаштан ба ватан дигарбора намехоҳанд ба ғарибӣ рӯ оваранд. Аммо ҳудуди 25 ҳазор нафар зан изҳор доштанд, ки намехоҳанд, дубора барои кор ба Русия раванд.

Коршиносон бар он назаранд, ки барои ба воя расонидани насли солим бояд бо ворид намудани тағйирот дар қонунгузорӣ, масъалаи нафақапулии кӯдакони оилаҳои аз ҳам пошхӯрда, ҷиддан зери назорат гирифта шавад ва барои занон танҳо дар дохили кишвар шароити корӣ фароҳам гардад, то тавонанд ҳадди ақал, то ба воя расидани кӯдакон онҳоро аз меҳр ва тарбияи худ дур накунанд.

Тағйири қавонин дар Федератсияи Русия дар заминаи муҳоҷират, мушкилоти дар дохили кишвари Русия, ҷанги ӯ бо кишвари Украина ва боз як идда аз масоили дигар муҳоҷирони тоҷикро водор месозанд, ки бозори нави меҳнатӣ ёбанд. Иддае бо ин мақсад ба ҷумҳуриҳои Белорус ва Қазоқистон, ки индекси рушди инсон дар ин кишварҳо 2,5 баробар аз Тоҷикистон баландтар аст, мераванд.

Дар канори Муассисаи давлатии «Агентии бо кортаъминкунӣ дар хориҷа» бархе аз воҳидҳои тиҷоратии ҷудогона коркунонро ба Кореяи Ҷанубӣ ва ва Арабистони Саудӣ равона карда истодаанд. Зеро кишварҳои сарватманди халиҷи Форс метавонанд барои як қисми шаҳрвандони мамлакат алтернативаи беҳтарини бозори меҳнат бошанд.

Аслан таҳлилгарон муҳоҷирони меҳнатиро як падидаи ҳамафарогир арзёбӣ менамоянд, чунки бархӯрди тамаддунҳо бо ҳамин роҳҳо сурат мегиранд. Зимни муҳоҷират миллатҳои мухталиф бо якдигар дар тамос мешаванд ва ин ҳамгирой ва ҳамкорӣ боиси радду бадал шудани тарзи тафаккурҳо ва одобу русми якдигар мешавад ва бо ҳамин роҳ арзишҳои умумибашарӣ пайдо мешаванд.

Аммо ин ҷо сухан дар бораи ду навъи муҳоҷират меравад:

а) маҷбурӣ, ки он барои таъмини рӯзгор дар ҷустуҷуйи ҷойи кору манбаи даромад маҷбуран сарҳади давлатҳои дигарро убур карда, бо садҳо монеаҳо сабру таҳаммул намуда, соҳиби ҷойи кор мешаванд. Аксарияташон муддатҳои тулонӣ ва қисмате аз онҳо бебозгашт зану фарзанд ва падару модарашонро бе такягоҳ монда, он ҷо мемонанд, ки оқибати хуб надорад;

б) ихтиёре, ки давлатҳо ҳавасманди онанд, ки соҳибкасбони миллатҳои дигар ба кор оянду дар иқтисодиёташон саҳм гузоранд. Агар муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои дигар касбу кореро ёд гиранд, ки ҳангоми ба Ватан баргаштан донишу таҷриба ва ихтисоси гирифтаашонро корбаст намоянд, он гоҳ ин раванд пешқадам аст.

Агар муҳоҷирони меҳнатӣ расму оин ва суннатҳои хуби миллаташонро муаррифӣ намоянду ҳамзамон аз сарватҳои маънавии кишваре, ки дар он ҷо машғул ба кор шудаанд, истифода бурда, ҷаҳони маънавиашонро ғанӣ гардонида бошанд, ҳамчунин ба ҳодисаю зуҳуроти иқтисодию сиёсӣ, илмию техникӣ баҳо доданро аз худ намуда бошанд, он гоҳ муҳоҷират хусусияти пешқадамро касб менамояд. Бешак, муҳити зиндагӣ ба инсон ва рафтори ӯ таъсиргузор мебошад. Вақте одам ба як ҷойи аз назари иқтисодӣ пешрафтару аз назари тамаддуну фарҳанг низ инкишофёфта сафар мекунад ва он ҷойро муваққатан ва ё барои доимӣ ҳамчун макони зисти хеш интихоб мекунанд бидуни шакку тардид он фазо ва он макон ӯро тағйир медиҳанд ва табъан ба самти боло ва хуб, агар ҳамон тавре гуфтем иқтисоду фарҳанги пешрафтатар нисбат ба маҳалли сукунати қаблии ӯ дошта бошад. Инсон метавонад беҳтарин чизҳои макони зисти ҷадиди хешро чи аз назари корӣ ва чи аз назари расму русум ба орият бигирад ва онҳоро ба макони буду боши аслии хеш мунтақил намояд. Ин агар аз як сӯ, таъсирпазирӣ бошад, аз сӯйи дигар, боис ба  пешрафт ва инкишофи макони аслии буду боши муҳоҷир хоҳад

шуд. Вале набояд фаромӯш кард ки «... фарҳанг ин он чизе ҳаст, ки одамонро муттаҳид месозад ва ҳам онҳоро аз ҳам ҷудо мекунад» [228]. Гузашта аз ин, муҳоҷирони соҳибкасб дар коллективҳои калони меҳнатӣ бо онҳо баробар фаъолият намуда, бо мардуми бумӣ шиносу ёру рафиқ гашта, муносибатҳои неки дӯстона барқарор менамоянд. Ин бошад, ба мустаҳкамшавии муносибатҳои дӯстона табдил ёфта, робитаҳои байни ду миллат ривоҷ ва устувор мегарданд, ки онро як навъи дипломатияи мардумӣ номидан мумкин аст.

«Мувофиқи ҳисоботҳои оморӣ, айни замон тахминан аз 620 ҳазор (тибқи маълумоти ВКД Федератсияи Русия - 870 ҳазор) шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Федератсияи Русия ба ҳайси муҳоҷири меҳнатӣ қарор доранд. Ҳамзамон, вобастагии Тоҷикистон аз маблағи муҳоҷирон сол то сол коҳиш ёфта истодааст» [228, с.65].

Дар ин масир мақомоти расмии Федератсияи Русия бобати муҳоҷирон як қатор имтиёзҳо ва роҳҳои сабуки гирифтани шаҳрвандиро фароҳам сохтааст. Чунин раванд метавонад дар оянда барои таъмини амнияти Тоҷикистон мушкилоти ҷиддиеро ба бор биорад:

1. Федератсияи Русия барои шаҳрвандони соҳибмаълумот, дорои касбияти баланд ва ихтисосҳои барои ҷомеа муҳимму муфид (табибон, омузгорони фанҳои дақиқ, забонҳои хориҷӣ, муҳандисон, олимони илмҳои техникӣ, технологӣ ва муҳандисӣ) афзалият медиҳад. Дар натиҷа, мутахассисони баландихтисос, Тоҷикистонро тарк карда, раванди хуруҷи мағзҳо афзуда истодааст.

2. Теъдоди бештари муҳоҷирони тоҷик, ки шаҳрвандии Федератсияи Русияро қабул менамоянд, мардони аз 18 то 45 сола мебошанд. Ин гурӯҳи иҷтимоӣ асоси захираи эҳтиётии Қувваҳои мусаллаҳ буда, дар ҳолати зарурати сафарбарии умумӣ таъмини пурраи ҳайати шахсиро ғайриимкон мегардонад.

3. Муҳоҷирони меҳнатӣ фирефта ва пойбанди ақидаҳои

ташкилотҳои террористию экстремистӣ шуда, аз тарафи душманони сохти конститутсионӣ барои хурофотзада ва ифротигардонии ҷомеаи тоҷик истифода мегарданд, ки имрӯз чунин ҳолат ҳамчун зуҳуроти муқаррарӣ дар ҷомеа ба назар мерасад.

4. Истиқомати доимии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Русия ҳаҷми воридоти пули нақдро коҳиш медиҳад ва боиси поён рафтани ММД-и кишвар ва афзоиши сатҳи таваррум мегардад, ки таҳдиди ҷиддӣ ба амнияти иқтисодӣ аст.

Дар ҳамин ҷо як нуктаро зикр кардан ба маврид аст, ки феълан дар бисёре аз манотиқи Русия нисбат ба диаспораҳои миллӣ назари нек надоранд ва имкон дорад ин назароти манфӣ боис гардад, ки бархе аз ташкилотҳо, манзурам диаспораҳои миллӣ бо далоили мухталиф қатъи фаъолият намоянд. Ҷониби Русия низ талош дорад, аққалиятҳои миллӣ ва муҳоҷирине, ки он кишварро ба унвони макони буду боши доимии хеш пазируфтаанд, онҳоро ба ҷараёнҳои аслии давлат ва миллатсозии хеш кашида, ҳамзамон чанд масъалаеро, ки метавонад солҳои баъдӣ арзи ҳастӣ кунанд, бартараф намоянд.

Мувофиқи маълумоти Департамент оид ба масоили меҳнати иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ ҳоло дар сайёра 232 млн нафар берун аз кишвари худ дар муҳоҷират зиндагӣ мекунанд. Тақрибан 74 дарсади онҳо ашхоси 20-64-сола мебошанд. Кишвари аз ҳама сермуҳоҷир ИМА ба шумор меравад. Дар ин ҷо 45,8 млн нафар муҳоҷирон зиндагӣ мекунанд. Қариб 50% афзоиши аҳолии ИМА на аз ҳисоби таваллуд, балки аз ҳисоби омадани муҳоҷирон мебошад. Дар ҷои дувум Русия (11 млн нафар) ва дар ҷои сеюм Олмон (9,8 млн нафар) меистанд. Ҷои чорумро Арабистони Саудӣ (9,1 млн нафар) ва ҷои панҷумро Аморати Муттаҳидаи Араб (7,8 млн нафар) ишғол мекунанд.

Агар дар баъзе кишварҳои аврупоӣ муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамагӣ 10% аҳолии мамлакатро ташкил диҳанд, дар кишварҳои халиҷи Форс ин

рақам аз нисф зиёд аст. Масалан, дар Арабистони Саудӣ муҳоҷирони меҳнатӣ 30%, Кувейт зиёда аз 50%, Қатар қариб 80% ва АМА то 90% аҳолиро ташкил медиҳанд. Бо фарқ аз кишварҳои аврупоӣ иқтисоди мамолики сарватманди халиҷи Форс бе қувваи кории хориҷӣ дигар кишвар пеш рафта наметавонад. Ҳатто як қисми артиши Уммон ва Қатарро муҳоҷирони покистонӣ ташкил медиҳанд.

Зарурати донистани асноди ҳуқуқии кишвари қабулкунандаи муҳоҷират имкон медиҳад, ки аз ҳақи худ занони дар ҳолати муҳоҷирати меҳнатӣ буда истифода намоянд, барои мисол дар Русия мувофиқи қонун «Дар бораи суғуртаи ҳатмӣ ҳангоми корношоямии муваққатӣ ва дар робита ба таваллуд». Шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрвандӣ, ки дар қаламрави Русия муваққатан ё доимӣ зиндагӣ мекунанду тибқи шартномаҳои меҳнатӣ кор мекунанд, ба суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ ҳангоми корношоямӣ ва таваллуд ҳуқуқ доранд. Варақаи корношоямӣ дар давраи ҳомиладорӣ дар 30 ҳафтаи он дода шуда, зимни ду ва зиёда тифл ҳомиладор будан, дар 28 ҳафтаи ҳомиладорӣ дода мешавад. Вале барои ин шумо бояд бо корфармо шартномаи меҳнатӣ дошта бошед, вагарна дар ин бора сухан гуфтан бефоида аст [104].

Тибқи маълумоти расмӣ, дар нӯҳ моҳи соли 2019, 411344 нафар шаҳрванди кишвар (аз ҷумла, 58868 нафар бону) ба мақсади муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа сафар кардаанд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2018 86108 нафар ва ё ин ки 26 дарсад зиёд буда, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта рафтани мардон 25% ва занон 34% афзудааст [214].

Аз шумораи умумии онҳо 401460 нафар ба Федератсияи Русия ва 8415 кас ба Ҷумҳурии Қазоқистон рост меояд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба Федератсияи Русия 29 дарсад ё 90177 нафар зиёд аст.

Дар соли 2019 130 шаҳрванди ҷумҳурӣ аз гузаргоҳҳои сарҳадии Федератсияи Русия бозпас гардонида шудаанд, ки дар муқоиса ба соли

гузашта 7 фоиз зиёд мебошад. Ин муддат теъдоди шаҳрвандоне, ки воридшавиашон ба Федератсияи Русия манъ гардидааст, 261215 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2018 52831 ё 25 дарсад зиёд мебошад.

Муҳоҷирати меҳнатии мавсимӣ барои бисёре аз хонаводаҳои тоҷик воқеияти ҳаёт аст. Ҳар сол тақрибан ним миллион нафар шахси синну соли қобили меҳнат, асосан мардон, барои кор ба сифати муҳоҷири меҳнатии муваққатӣ кишварро тарк мекунанд. Маблағе, ки онҳо ба хона мефиристанд, тақрибан 27 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад.

Бо вуҷуди ин, на ҳамаи оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ зиндагии обод доранд. Бисёре аз оилаҳо “дар канор мондаанд” ё бе пуштибон мондаанд. Ин ҳодиса бо Дилафрӯз Паҳлавонова аз ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон рух додааст.

Вақте шавҳараш барои кор ба хориҷи кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафт, вай барои таъмини худ ва таълиму тарбияи фарзандаш бидуни ҳар гуна воситаи молиявӣ боқӣ монд. Муҳоҷирати меҳнатӣ метавонад боиси мушкилоти зиёд барои занон ва оилаҳои онҳо, ки дар канор мондаанд, аз ҷумла ҷудошавии оила, бесарпаноҳӣ, дастрасии маҳдуд ба замин ва дороиҳо, инчунин норасоии озуқаворӣ шавад.

Барномаи муштараки СММ бо иштироки ФАО, СБМ, ЮНИСЕФ ва созмони Занони СММ талош намуд, ки ин вазъияти умумиро тағйир диҳад. Гурӯҳҳои занон дар минтақаҳои деҳот, ки ба андозаи кофӣ бо хидматрасониҳо фаро гирифта нашудаанд, ба курсҳои омӯзишӣ ҷалб карда шуда, барои парвариши маҳсулоти озуқаворӣ, диверсификатсияи истеҳсолот ва беҳтар намудани шароити зиндагии худ дастгирӣ дарёфт намудаанд.

Кумаки тиббии таъҷилӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳолатҳои ногаҳон гирифтор ё хуруҷ кардани бемориҳое, ки барои ҳаёти одам хатарноканд, аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ бепул расонида мешавад. Ин дар қарори Ҳукумати Федератсияи Русия №186 аз 6 марти соли 2013 «Дар

бораи тасдиқи Қоидаҳои расонидани кумаки тиббӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ дар қаламрави Федератсияи Русия» пешбинӣ шудааст. Шаҳрвандони хориҷие, ки мувофиқи қонуни федералӣ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии тиббӣ дар Федератсияи Русия» суғурта шудаанд, ба кӯмаки тиббии бепул дар доираи суғуртаи ҳатмии тиббӣ ҳуқуқ доранд [168].

Дар вилояти Иркутски Федератсияи Русия шумораи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ҳазорҳо нафарро ташкил медоданд, ки ба корҳои гуногун банд буданд. Тибқи нишондодҳои оморӣ соли 2017 дар вилояти Иркутск зиёда аз 20 ҳазор нафар тоҷик зиндагӣ мекарданд, ки расман мақоми шаҳрвандии Федератсияи Русияро соҳиб шуда буданд. Яъне, ҳам шаҳрванди Тоҷикистон ва ҳам шаҳрванди Русия буданд. Шумораи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар мавсими баҳору тобистон ҳар сол ба 40-50 ҳазор нафар мерасид, ки қисми зиёдашон - зиёда аз 70 фоиз дар иншооти сохтмонӣ кор мекарданд. Тақрибан 10-15 фоизи онҳо ба савдои хурду миёна ва танҳо 3 фоиз ба соҳибкорӣ машғул буданд. Аз шумораи умумии муҳоҷирон беш аз 10 фоизро занон ташкил медоданд. Бояд зикр намуд, ки Иттиҳодияи занони Тоҷикистонии вилояти Иркутск бо номи «Бону» ташкил шуда буд, ки зиёда аз 500 аъзо дошт [88].

Пажуҳишҳо дар ин замина нишон медиҳанд, ки тайи чанд соли охир муҳоҷирати меҳнатии занон рӯ ба коҳиш дошта, яъне бо 15,87% расидааст. «Новобаста аз он, ки миқдори зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳисоби мардон ба рӯйхати «манъшудагон»-и Федератсияи Русия ворид карда шудаанд ва онҳо ҳуқуқ надоранд дар давоми 3-5 сол ба ҳудуди ин кишвар дохил гарданд. Чунин вазъият занони кишварамонро водор месозад, ки барои таъминоти моддии оилаҳои худ ба хориҷа равона гарданд» [49, с.106].

Муҳоҷирати занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унсури муҳимми рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар, омили суботи иҷтимоӣ ва ҳалли

мушкилоти бекорӣ гардид. Боиси тазаккур аст, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи коҳишдодани муҳоҷирати меҳнатии занон чораҳои чашмрас сурат гирифта истодааст, ки намунаи он қабули «Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» ба шумор меравад. Дар 162 банди он масъалаҳои коҳишдодани раванди муҳоҷират пешбинӣ ва амалӣ шудааст.

Дар хулосаи боб пешниҳод дорем, ки барои беҳ гардонидани муҳоҷирати хориҷии шаҳрвандони (аз ҷумла занон) Тоҷикистон чунин амалҳоро татбиқ намудан лозим аст:

1. Ба анҷуман ва марокизи фарҳангии муҳоҷирони меҳнатӣ ва тоҷикони муқими Русия мақоми расмӣ дода шуда (аз он ҷумла ба занони муҳоҷир), намояндагии он аз имтиёзҳои дипломатӣ бархӯрдор бошад.

3. Харита - бизнеси сармоягузорӣ барои тоҷирон ва муҳоҷирони тоҷик (аз ҷумла занони муҳоҷир) дар Русия таҳия шавад. Ҳамаи озмунҳо ва тендерҳо, хариду фурӯши амвол барои муҳоҷирон - тоҷирони тоҷики Русия дастрас бошад.

4. Бонки сармоягузории «Муҳоҷир» (мисли Озарбойҷон ва Қазоқистон) дар Русия ташкил гардад. Барои муҳоҷирони меҳнатии Русия (занону мардони муҳоҷир) фоизҳои имтиёздор ташкил шавад.

5. Озмуни ҳарсолаи «Беҳтарин сармоягузори ватании хориҷи кишвар» таъсис гардида, дар сатҳи ҳукумат назорат шавад.

6. Аз ҷониби ҳукумат ва ширкатҳои ватанӣ дар назди ҷамъиятҳои тоҷикони муқими Русия воҳиди кории расмӣ (аз ҳисоби занон ҳам) таъсис дода шавад.

# БОБИ III. НАҚШИ ТАЪРИХИИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР КОҲИШ ДОДАНИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ЗАНОН

## 3.1. Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва фаромилӣ

Боиси тазаккур аст, ки ҳимоя ва дастгирии занон дар мамлакат яке аз ҳадафҳои асосии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, метавон ишора кард, ки муддати даҳ соли охир Ҳукумати Тоҷикистон ва ниҳодҳои масъули он дар заминаи коҳиш додани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ корҳои зиёдеро ба сомон расонидааст, ки мо натоиҷи онро дар коҳиш ёфтани теъдоди муҳоҷирон мебинем [144].

Аз ҷумла, дар панҷ соли охир бо фармони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатто дар дурдасттарин ноҳияву деҳоти мамлакат даҳҳо ва садҳо ҷойи корӣ барои занону духтарон таъсис дода шуда, корхонаҳои дӯзандагӣ ва қолинбофӣ таъсис дода шуда, ҳунарҳои мардумӣ рушд ёфта, квотаҳо барои таҳсили духтарони деҳа дар муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат ду баробар зиёд гардида, барои баланд бардоштани дониши занону духтарон озмунҳои доимӣ гузаронида мешаванд.

Сарфи назар аз қабул ва татбиқи тадбирҳои суроғавии давлатӣ, тибқи маълумоти оморӣ дар ду соли охир, яъне дар давраи солҳои 2021–2022 сатҳи муҳоҷирати меҳнатии занон хеле кам коҳиш ёфтааст. Ба андешаи мо, шумораи муҳоҷирати меҳнатии занон метавонад дар ояндаи наздик дар натиҷаи зиёд шудани шумораи ҷойҳои кории мавсимӣ ва доимӣ дар шароити Тоҷикистон ду баробар кам шавад.

Ҳуҷҷатҳое, ки раванди муҳоҷиратро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд, инҳоянд:

1. Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон [24].
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» [2].
3. Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020 [6].

4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [8].

5. Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 [9].

6. Конвенсияи байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид аз 18 декабри соли 1990 «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо» [14, 492-512].

7. Конвенсияҳои ТБМ (№97) аз 1 июли соли 1949 «Оид ба муҳоҷирони меҳнатӣ» ва (№ 143) аз 4 июни соли 1975 «Дар бораи суистифода дар соҳаи муҳоҷират ва оид ба таъмини имкониятҳои баробар ба кормандон-муҳоҷирон» [10, 965].

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1 августи соли 2003, № 444 [5].

Дар радифи ин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ як зумра созишномаҳои ҳуқуқӣ низ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷа баста шудааст:

1. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Русия дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия ва шаҳрвандони Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 октябри соли 2004;

2. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Русия дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Федератсияи Русия аз 8 феврали соли 2013;

3. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Русия оид ба ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатии

муваққатӣ дар Ҳудуди Федератсияи Русия аз 17 апрели соли 2019;

4. Шартномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи таъминоти нафақа аз 13 сентябри соли 2021;

5. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Беларус оид ба фаъолияти муваққатии меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Беларус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2011;

6. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон кор мекунанд, дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ-шаҳрвандони Ҷумҳурии Қазоқистон, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд аз 4 майи соли 2006;

7. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи реадмиссия ва Протоколи иҷроияи он аз 15 марти соли 2018;

8. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷират аз 15 марти соли 2018;

9. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон ва 50 шаҳрвандони Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2018;

10. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва

ҳифзи иҷтимоии коргарони муҳоҷир аз 6 майи соли 1998;

11. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати давлати Қатар оид ба танзими қувваи корӣ аз 3 феврали соли 2019;

12. Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Аморoти Муттаҳидаи Араб дар самти ҷалби қувваи корӣ аз 16 апрели соли 2018.

Дар самти мазкур «Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, ки ба кори Хадамоти муҳоҷират масъул аст, нақшаи фаъолияти онро тасдиқ мекунад, нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти Хадамотро муайян ва натиҷаҳои татбиқи онҳоро баррасӣ мекунад. Вазорат, дар навбати худ тибқи Низомномааш дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ ваколатҳои зайлро амалӣ мекунад:

- оид ба ташаккули сиёсати давлатии муҳоҷирати аҳолӣ барномаҳои дахлдорро таҳия ва корҳоро ҷиҳати татбиқи онҳо ташкил менамояд;
- дурнамои раванди муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷиро меомӯзад ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳо пешниҳод менамояд;
- фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассиса ва ташкилотҳоро дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ ҳамоҳанг месозад;
- фаъолиятро дар самти ҷалб ва сафарбаркунии муташаккилонаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи ҷумҳурӣ ташкил менамояд;
- ҷиҳати ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ ва тиббӣ дар хориҷа бо мақомоти дахлдор ҳамкорӣ менамояд;
- дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият ҳамкориро бо диаспораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ ташкил мекунад;
- дар доираи ваколати худ назорат ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар самти бо кор таъмин кардани

шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд;

- дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ фаъолиятро оид ба пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ва баҳисобгирии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа меравaнд ва бармегарданд, амалӣ менамояд;

- барои рушд ва такмили низоми миёнаравӣ ҷиҳати бокортаъминкунӣ дар хориҷа, аз ҷумла ба ташкилотҳои хусусии шуғли беруна мусоидат менамояд;

- барои баҳисобгирии шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатӣ доранд, бо мақомоти дахлдор ҳамкорӣ менамояд;

- расонидани хизматҳои машваратӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва ғайраро ба муҳоҷирони меҳнатӣ, дохилӣ (ихтиёрӣ), экологӣ ва аъзои оилаи онҳо ташкил менамояд;

- раванди муҳоҷирати аҳолиро таҳлил намуда, барномаҳо ва дурнамои соҳаро таҳия менамояд;

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба квотаи муҳоҷирати хориҷӣ ва ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур менамояд;

- ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти омориро дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ мутобиқ ба методологияи омори расмӣ амалӣ менамояд;

- низоми ягонаи автоматишудаи бақайдгирӣ ва коркарди иттилооти марбут ба масъалаҳои муҳоҷирати аҳолиро ҷорӣ менамояд;

- шароити мусоидро барои соҳибкорон, корфармоён, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳо барои ташкили таълим ва такмили тахассуси муҳоҷирони меҳнатӣ фароҳам месозад;

- бо мақсади ташкили фазои ягонаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар давлатҳои иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкориҳои иқтисодии Авруосиё ва дигар созмонҳои минтақавӣ ба ҳамоҳангсозии сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат менамояд;

- дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ кӯчонидани муҳоҷирони экологиро аз минтақаҳои хавфнок ва экзогенӣ ба мавзеъҳои бехавф, ҳамчунин аз маҳалҳои кӯҳӣ, наздикӯҳӣ, ноҳияҳои сераҳолӣ ва камзамин ба ноҳияҳои дорои захираҳои кофии замин кучонидани хоҷагиҳоро амалӣ менамояд;

- вазифаҳои ташаккули сиёсати давлатӣ ва танзими ҳуқуқиро дар соҳаи муҳоҷират иҷро мекунад» [91].

Ин санадҳо паҳлуҳои мухталифи ин падидаро дар бар гирифта, барои роҳнамоии ашхоси муҳоҷир ва дар ин баробар бонувони муҳоҷир кумаки асосӣ менамояд. Дар ибтидо иброз намудем, ки ин падида ҷадид нест, аммо ба иллати бурузи шароити ҷадид он хислат ва хусусиятҳои нав касб кардааст ва мою масъулинро лозим аст, ки ин падидаро аз диди тоза ва зовияи ҷадид назар андозем, то паҳлуҳои гуногун ва норавшану номаълуми онро ламс намуда, нисбат ба ҳидояти он дар бастари дуруст тасмим ва қарорҳои дуруст қабул намоем.

Яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳое, ки тарафҳо имзо кардаанд ва дар ин раванд амалӣ карда мешаванд. Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Русия «Дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон дар қаламрави Русия» мебошад. Дар муқаддимаи санади меъёрии мазкур зикр шудааст, ки «ҷонибҳо бо дарназардошти талошҳои тарафайн барои таҳким ва рушди муносибатҳои иқтисодии байни кишварҳо фаъолияти муваққатии меҳнатии шаҳрвандони худро ҳамчун самти муҳимми ҳамкорӣ байни Тоҷикистону Русия мешуморанд» [39].

Ҳамчунин, дар соли 2021 «дар доираи ҷаласаи 17-уми Комиссияи

ҳамкории иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия [35], ҷаласаи 25-уми Шурои сарони мақомоти муҳоҷирати давлатҳои иштирокчии ИДМ, форуми VII байнипарлумонии Тоҷикистону Русия ва ҷаласаи 16-уми Комиссияи ҳамкорӣ дар муносибатҳои иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон масъалаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ баррасӣ гардида, протоколҳои дахлдор қабул гардиданд, ки дар натиҷаи «Федератсияи Русия барои 120 ҳазору 590 шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон» афви муҳоҷиратро қабул кард. Ҳамчунин, тавассути гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ зиёда аз 150000 шаҳрванди мо будубоши худро дар Федератсияи Русия қонунӣ карданд, ки ин хатари аз давлати қабулкунанда хориҷ кардани онҳоро аз байн бурд [50].

Ба ҳамин монанд, чунин қонунгузорӣ ва созишномаҳои сатҳи байналмилалӣ оид ба равандҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ бо як қатор кишварҳои дигар қабул гардида, аз ҷониби мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон тасдиқ гардидаанд.

Ҷаҳонишавӣ дар ибтидои асри XXI бисёр равандҳои муҳимми ҷаҳонсозиро фаро гирифт ва ба рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти халқҳои ҷаҳон таъсири амиқ гузошт. Дар ин ҳолат ин падида ҳар рӯз ба соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла иқтисодиёт, муҳити зист, фарҳанг, илм, амният ва ғайра дахл мекунад [144].

Қобили зикр аст, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ аксар вақт дар шакли хеле мураккаб ва баъзан ҳатто печида зоҳир мешаванд ва дар навбати худ масъалаҳои баҳсбарангезро ба миён меоранд. Ин раванди мураккаби ҷаҳонӣ, ки ташаккули он ба ибтидои асри нав рост меояд, муттаҳид кардани одамони сайёраро дар аксари соҳаҳои ҳаёт талаб мекунад. Оғози мушкилоти ҷаҳонишавӣ, ки лоиҳаи он дар Амрико таҳия шуда буд ва аз ҷониби олимони ин кишвар Дин Раск, Генри Киссинджер ва Адолф Берле пешниҳод шуда буд, дар муддати кутоҳ ба бисёр кишварҳои ҷаҳон таъсир

расонд. Олимони дар боло зикршуда назарияҳои худро барои рушди вобастагии байниҳамдигарии кишварҳои ҷаҳон дар чилу панҷоҳ соли оянда пешниҳод карданд. Ҳамин тариқ, ҳамзамон масъалаҳои амнияти ҷаҳонӣ назариявӣ пешниҳод карда шуданд ва дар миқёси ҷаҳонӣ якчанд сохторҳои фаромиллӣ асоснок карда шуданд. Дар шароити муосир аксари олимон ва мутахассисони ин соҳа фарзияҳоеро пешниҳод мекунанд, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ дар баробари натиҷаҳои мусбат метавонанд тамоюлҳои хатарноки манфӣ дошта бошанд. Яке аз чунин тахминҳо фарқияти афзояндаи сатҳи зиндагӣ дар байни «миллиарди тиллоӣ» ва боқимондаи ҷаҳон мебошад. Ба гуфтаи коршиносон, чунин афзоиши фарқиятҳо, ҳамчунин метавонад дар доираи рушди байни кишварҳо ва минтақаҳо муқовимат ва муборизаи шадидро ба вуҷуд орад.

Дар баробари ин, корҳои таҳқиқотӣ низ мавҷуданд, ки дар онҳо дар бораи ҷаҳонишавӣ аз тафсири оптимистии моҳияти он болотар изҳори назар карда мешавад. Масалан, муҳаққиқи амрикоӣ Т. Фридман изҳор медорад, ки «ҷаҳонишавӣ ба сӯйи стандартҳои баланди ҳаёт ва технологияҳои пурқувват ҳаракат мекунад, ки ҳар рӯз моро бештар ва бештар муттаҳид мекунанд, новобаста аз он ки мо инро мехоҳем ё не» [35]. Мутобиқ ба андешаҳои муаррихи варзида ва шинохтаи Аврупо Т. Фридман, глобализатсия «ҳамгироии бебозгашти бозорҳо, миллатҳо ва технологияҳо мебошад, ки ба шахсони алоҳида, корпоратсияҳо ва миллатҳои давлатӣ имкон медиҳад, ки ба ҳар нуқтаи ҷаҳон зудтар, дуртар, амиқтар ва арзонтар аз ҳарвақта бирасанд. Ҷаҳонишавӣ маънои паҳн кардани бозори озоди капитализмро ба қариб ҳамаи кишварҳои ҷаҳон дорад» [29].

Дар ҳар як кишвари Аврупо шумораи пешбинишудаи кӯдаконе, ки занон дар тули ҳаёти худ ба дунё меорад, дар ҳоли ҳозир аз сатҳи 2,1 маротиба барои нигоҳ доштани аҳолии мӯътадил бидуни муҳоҷират коҳиш ёфтааст. Ҳамин чиз ба бисёр кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла

Чин ва (аз соли 2022) Ҳиндустон дахл дорад. Ин ба саломатии иқтисодии ҷаҳон таъсири манфӣ мерасонад. Иқтисоддонҳо муддати тулонӣ чунин сустшавиро ногузир мешуморанд. Дар маъруфтарин модели таваллуд, ки аз ҷониби Гари Беккер, барандаи ҷоизаи Нобел дар соҳаи иқтисод ва дигарон дар солҳои 1960-ум маъмул карда шудааст, созиш байни «миқдор ва сифати» кӯдакон нақши марказӣ дорад. Вақте ки «кишварҳо сарватманд мешаванд ва даромади таҳсил меафзояд, интизор меравад, ки оилаҳо ба шумораи камтари кӯдакон бештар сармоягузорӣ кунанд» [13].

Ба ақидаи Х. Шрадер «дар ибтидои ҳазорсолаи сеюм сохтори глобалӣ торафт равшантар ба:

1) «ҷаҳони аввал» - имтиёзнок ва бартаридошта;

2) «дунёи дуюм» аз тамаддунҳои классикии Ҳиндустон ва Шарқи

Дур иборат аст, ки қобилияти худшиносӣ ва муқовимати ҷаҳонишавиро доранд;

3) дунёи сеюми нав, ки аз ҷониби кишварҳо ва қаламравҳо намояндагӣ мекунад, ки дар он сохтори иҷтимоию фарҳангии давлат пурра вайрон карда шудааст, парокандагӣ ба ҷамоатҳои хусусӣ ва кланҳо, ки барои зинда мондан ва манфиатҳои худ мубориза мебаранд, меафзояд. [39].

Сарфи назар аз мушкилот, олимон ва коршиносон бар ин назаранд, ки раванди ҷаҳонишавӣ ҳамчун сохтори нави ҷаҳони муосир метавонад роҳи ояндаи инсониятро равшан нишон диҳад. Ин раванд метавонад ба зудӣ тамоми самтҳо ва соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро, аз ҷумла иқтисод, фарҳанг, сиёсат ва ҷомеашиносиро фаро гирад. Дар баробари дигар кишварҳои ҷаҳон давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон низ ба ин ҷараёни рӯзмарра дохил шуда, кӯшиш мекунанд, ки оқибатҳои мусбат ва манфии онро эҳсос кунанд [253].

«Дар сатҳи ҳукумат барои баробарии ҷинсҳо дар ин соҳа шароити институтсионалӣ фароҳам оварда шудааст. Профессори мактаби

иқтисодии Берлин Б. Пфау-Эффингер, ки ба масъалаи таъсири сиёсати давлат ба рафтори одамон дахл мекунад, ба ду равиш ишора мекунад: якум, занон рафтори худро ба ҳавасмандкунии молиявӣ равона мекунанд ин вокуниш ба сиёсати давлат ҳисобида мешавад. Тибқи нақшаи дувум, рафтори занон дар соҳаи шуғл на танҳо бо сиёсати давлат, балки бо арзишҳои фарҳангӣ низ алоқаманд аст» [208, с.24-28].

Б. Пфау-Эффингер шаш модели тарзи гендерро ҷудо мекунад: модели гендерии иқтисодиёти оилавӣ; модели марди саробон ва зани хонашин; модели марди саробон ва зан, қисман хонашин; модели ду саробон дар нигоҳубини давлатии кӯдакон; модели ду саробон, ду хонашин; модели ду саробон, зани кироя хонашин. Чун ин ҷо сухан аз модели саробони оғоз шуд, гуфтан ҷоиз аст,ки дар аҳди Шуравӣ давлат низ дар нигоҳубини кӯдакон нақши калон дошт ва дар баробари волидайн дар тамоми ҷараёни тарбияи кӯдакон ва таҳсили онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ ширкат меварзид ва нигоҳбони оилаҳо буд.

Акнун бо таваҷҷуҳ ба тағйир ёфтни шароити сиёсӣ ва иқтисодӣ моделҳои саробонӣ низ комилан шакли дигар гирифтаанд. Ҳоло масъулияти падару модар дар сарбонии кӯдакон дар ҷойи аввал меистад. Ин сарборӣ аз дӯши давлат бардошта шудааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки давлат дар ин масир ширкат намекунад, ширкат мекунад, аммо навъи ширкати давлат дар ин ҷода тағйир ёфтааст. Дар ин роҳ масъулияти волидайн ба маротиб афзуда, ба онҳо мустақилияти комил дода шудааст ва аз ин рӯ, хеле моделҳои фаъолият тағйири шакл кардаанд.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ низ теъдоди онҳое, ки ба кор машғул буд, ба маротиб коҳиш ёфта буд.

Камшавии шумораи аҳолии фаъоли иқтисодӣ асосан аз ҳисоби шуғли аҳолӣ дар хоҷагии қишлоқ, ки одатан меҳнати занон бартарӣ дошт,

ба амал омад. Таҳқиқоти дар Тоҷикистон гузаронидашуда сабаби коҳиши шуғли аҳолӣ дар ин соҳаро барҳамдиҳии колхозҳо, совхозҳо ва суръати пасти рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ меноманд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №196 аз 30.04.2004 ба барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010» иловатан зергурӯҳи «Дастрасии занони деҳот ба замин» ворид карда шуд. Тибқи маълумоти UNIFEM, дар моҳи июли соли 2010, танҳо 11% занон ба замин ҳамчун моликият ва воситаи даромад дастрасӣ доштанд [48].

Бухрони иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, сатҳи баланди бекорӣ дар байни мардон боис ба паст шудани сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон гардид ва фаъолияти занонро дар соҳаи шуғл ҳавасманд кард. Дар айни замон, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва рӯзгор занро маҷбур мекунад, ки ҳам нақши тарбиятгари кӯдакон ва ҳам нақши хонуми хонаро иҷро кунад. Дар тарзи гендерӣ ихтилофоти нав ба вуҷуд меояд.

Пас аз таъсиси ҳокимияти шуравӣ дар Осиёи Марказӣ ва гузаронидани ислоҳоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ аз ҷониби он, як қисми занонро аз оилаи анъанавии патриархалӣ дур карда, таҳсилашро пас аз хатми мактаб идома дод ва дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ кор кард. Масалан, дар Тоҷикистон дар соли 1995 ҳиссаи занон дар шумораи умумии коргарон ва хизматчиёни соҳа 38,5% - ро ташкил медод, ки чунин вазни хоси онҳо аз соли 1970 то ҳол қариб бетағйир боқӣ монда буд [113]. Ҷолиби диққат аст, ки дар ин нишондиҳанда Тоҷикистон ба Туркия хеле наздик аст, ки дар он ҳиссаи занон дар рушди иқтисодии фаъол 38% дар соли 1965 ва 37% дар соли 1970 буд.

Бо вуҷуди ин, ҷомеаи Осиёи Марказӣ ба пастшавии ҷомеа муқовимат кард; дар давраи шуравӣ устуворӣ, алахусус дар сатҳи рӯзгор, тарзи ҳаёти анъанавӣ робитаҳои иерархии иҷтимоӣ, муносибатҳои

ҳуқуқӣ ба таври возеҳ зоҳир шуданд, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи маъмулӣ ва шариат. Ва дар айни замон, аксари аҳолии Осиёи Марказӣ бартарӣ доранд, чунки сокинони деҳот тарзи анъанавии патриархалии рӯзгорро идома медиҳанд.

Дар баробари ин, аҳолии Осиёи Марказӣ гуногун аст ва ҷудошавӣ дар дохили он пеш аз ҳама аз хатти «шаҳр-деҳа» мегузарад. Барои марҳалаи пасошуравии рушди минтақа равандҳои гуногунҷабҳа хос аст. Дар деҳот қисман усулҳои анъанавият ба амал омад. Аз тарафи дигар, ноороmиҳои бузурги иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар ноороmиҳо ба равандҳое, ки қаблан дар минтақа сабт нашуда буданд, оғоз бахшиданд. Дар канори муҳоҷирати мардон  муҳоҷирати занон низ афзоиш пайдо кард.

Ҳодисаи мушоҳидашаванда, вақте ки зан дар оила «ризқоваранда» мешавад, масъулияти ба даст (овардани) нигоҳ доштани сатҳи муносиби мавҷудияти аъзои оиларо ба дӯш мегирад, сазовори таҳлили алоҳида аст. Гарчанде ки барои кор ба кишвари дигар рафтани занон аз Тоҷикистон барои ҷомеаи Осиёи Марказӣ хеле ғайриодӣ аст, дар маҷмуъ он ба қонуниятҳои асосии рушди равандҳои муҳоҷират дар ҷаҳон дар марзи асрҳои XX-XXI мувофиқат мекунад. Мутахассисон изҳор медоранд, ки феминизатсияи ҷараёни муҳоҷират аз солҳои 1990-ум ба марҳилаи навтарини рушди муҳоҷирати байналмилалии меҳнатӣ табдил меёбад.

Донишмандони соҳа бар ин назаранд, ки муҳоҷират тамоми кишварҳои дунёро фаро гирифтааст. Дар ҳоли ҳозир теъдоди муҳоҷирон ба 215 миллион расидааст ва ин рақам то соли 2050 ба 405 миллион нафар хоҳад расид. Дар ин бора сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид низ ахбор медиҳанд.

18 декабри соли 1990 Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид Конвенсияи байналмилалиро оид ба ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва оилаи онҳо қабул намуд. Тибқи он аз соли 2000 ҳар сол 18

декабр Рӯзи байналмилалии муҳоҷирон қайд карда мешавад. Бо вуҷуди он ки муҳоҷирони меҳнатӣ дучори мушкилоти зиёд ҳастанд, саҳми онҳо дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ арзанда аст. Ин нукта дар паёми ҳарсолаи котиби генералии СММ ба муносибати Рӯзи байналмилалии муҳоҷирон таъкид гардида, аз кишварҳо даъват карда мешавад, ки ба Конвенсия оид ба ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамроҳ шаванд ва аз ҳуқуқҳои онҳо ҳимоят намоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ин конвенсия ҳамроҳ гардидааст.

Муҳоҷирати меҳнатии сокинони Тоҷикистон аз аввали солҳои 90-уми қарни гузашта оғоз ёфт. Сабабҳои ин раванд дар аввал нобасомониҳои кишвар, касодии иқтисодиёт, афзоиши бекорон ва ғайра буд. Шаҳрвандон, асосан, ба Федератсияи Русия ва Қазоқистон барои пайдо кардани кор ҳиҷрат мекарданд.

Табиист, ки бархе аз муҳоҷирон бинобар сабабҳои гуногун дар кишварҳои хориҷӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ мегарданд ва аз ҳуқуқҳои хеш дифоъ карда наметавонанд. Барои ҳалли мушкилоти онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам тадбирҳо андешида мешаванд. Барои мисол соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» ба тасвиб расид.

Дар рафти мулоқоти Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин 27 феврали соли 2017 мувофиқа ҳосил шуд, ки 102576 нафар шаҳрванди кишвар, ки тибқи бандҳои 4 ва 8 моддаи 26 Қонуни Федератсияи Русия «Оид ба тартиби воридшавӣ ба Федератсияи Русия ва хориҷшавӣ аз Федератсияи Русия» воридшавиашон ба ин кишвар манъ гардида буд, ҳуқуқи дубора воридшавиро ба Федератсияи Русия пайдо намуданд. Ҳамчунин, 19528 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар давраи афв дар Федератсияи Русия қарор доштанд, фаъолиятро расмӣ намуданд.

27 январи соли 2017 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 14-уми Комиссия оид ба ҳамкории иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия баргузор гардид. Дар ин нишаст масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар масоили перомуни муҳоҷирати меҳнатӣ матраҳ гардид. Ҳамчунин, дар ин нишаст ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи фаъолияти муваққатии меҳнатӣ, оид ба мақоми ҳуқуқии намояндагии Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия баррасӣ ва қарорҳои дахлдор қабул шуданд. 24-25 апрели соли 2017 ҷаласаи 12-уми Гурӯҳи кории муштараки Тоҷикистону Русия оид ба татбиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Русия роҷеъ ба фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия ва шаҳрвандони Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 23-24 майи соли 2017 ҷаласаи Шурои роҳбарони мақомоти муҳоҷирати давлатҳои аъзои ИДМ дар шаҳри Душанбе баргузор гардиданд. Дар доираи ин ҳамоишҳо дар пойтахти ҷумҳурӣ Конференсияи байналмилалӣ оид ба муқовимат ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ баргузор гардид, ки иштирокчиёни он масоили марбут ба муҳоҷиратро баррасӣ ва мубодилаи афкор намуданд.

Вазири рушди иҷтимоии вилояти Москва эътироф кард, ки муҳоҷирон пеши роҳи коҳиши теъдоди аҳолиро дар минтақа гирифтанд. Соли 2015 аҳолии вилояти Маскав аз ҳисоби муҳоҷирон 88 ҳазор ва дар соли 2016 ба 104 ҳазор нафар афзуд.

Тибқи маълумоти оморӣ, муҳоҷирони хориҷӣ танҳо 13,7 дарсад аз ҷамъи 3,1 миллион ҷойи корӣ дар вилояти Маскавро ишғол кардаанд ва асосан корҳоеро анҷом медиҳанд, ки сокинони маҳаллӣ ба далели камии маош аз онҳо ҳазар мекунанд. Муҳимтар аз ҳама, Ирина Фаевская даъвои

миллатгароёнеро, ки мегӯянд, муҳоҷирони хориҷӣ мавқеи аҳолии маҳаллиро дар бозори кор танг мекунанд, бепоя номид.

Шиддати мушкилоти иҷтимоии марбут ба муҳоҷирати меҳнатии занон набояд маънои мусбати муҳоҷиратро дар маҷмуъ пӯшонад. Бо васеъ кардани майдони имконияти иҷтимоӣ, муҳоҷират воқеан ба занон барои муваффақ шудан, расидан ба ҳадафҳои худ кӯмак мекунад. Имтиёзҳои маҳдудшудаи (маргиналии) занони муҳоҷир ин сохтори иҷтимоӣ мебошад, ки номутаносибии умумии гендерро дар соҳаи иҷтимоӣ инъикос мекунад (вазъи пасти иҷтимоии занон, вазъи нобаробар дар оила, гузариш ба бахшҳои каммузд).

Бо таваҷҷуҳ ба шароите, ки дар дунёи феълӣ ба пеш омадааст, роҳбари мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид бар он доранд, ки бояд мо ваҳдати миллӣ ва нишонидиҳандаҳои макроиқтисодии кишварро нигоҳ дорем, то битавонем ояндаи дурахшони миллатро таъмин намоем.

Чунки дар сурати хароб шудани ин бандҳо имкон дорад кулли дастовардҳои 34 соли замони Истиқлол ба боди фано биравад. Аз ин рӯ, моро лозим аст, ки ҳамеша рӯйи ин қазия андеша кунем ва нагузорем, ки ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсие, ки дар қиболи ҷонбозиҳои фарзонафарзандони миллат ба даст омадааст ба боди фано биравад.

Ҷанги шаҳрвандӣ ва низою кашмакашиҳои дохилӣ боис ба он шуд, ки  як идда аз хонаводаҳо бе саробон бимонанд, яъне падар ва ҳамзамон ноновари хонаро аз даст бидиҳанд. Ин далоил боис ба он шуд, ки занону бонувон ба муҳоҷирати меҳнатӣ рӯ биоваранд ва дар канори мардону писарон барои таъмини маоши фарзандон ва куллан хонаводаи хеш даст ба кору фаъолиятҳои гуногун бизананд. Гоҳан занону бонувон ба корҳое даст задаанд, ки онҳоро қаблан фақат мардон иҷро мекарданд, вале имрӯз дар ин қатор теъдоди занону бонувон ба маротиб зиёд шудааст. Акнун ниҳодҳои марбутаро лозим меояд, ки ин ҷараёнро ҳар чи бештар танзим

намуда, ба суди омилони он тамом кунанд. Бархе аз кишварҳои дунё дар ин пешгом будаанд аз қабили ИМА, Австралия, Олмон, Русия, Туркия, Сингапур, Индонезия, Кореяи Ҷанубӣ, Ҳиндустон, Филиппин ва монанди инҳо. Дар асоси ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманди дутарафа, ба онҳо муяссар гардид, ки идоракунии давлатиро дар соҳаи муҳоҷират самаранок амалӣ карда, ин намуди фаъолиятро барои рушди ҷомеа ва худи муҳоҷирон бо аъзои оилаашон, равона созанд. Дар ИМА зиёда аз 90%- и ихтирооти илмию муҳандисӣ ва татбиқи он дар истеҳсолот, ки рушди иқтисодию иҷтимоии кишварро таъмин менамояд, ба муҳоҷирон мансуб мебошад. Дар Федератсияи Русия бошад, саҳми арзандаи муҳоҷирони хориҷӣ ба иқтидори молиявии соҳаи нафти мамлакат баробар карда шудааст, ки он даҳҳо млрд доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Ба мақсади ҳарчи бештар муҳайё намудани шароитҳо барои муҳоҷирати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дарназардошти он, ки зиёда аз 95%-и муҳоҷирони меҳнатии кишварамон (аз ҷумла занони муҳоҷир) ҳарсола ба Федератсияи Россия равона мегарданд, ҳануз соли 2013 аз ҷониби гурӯҳи коршиносони Тоҷикистону Россия панҷ номгӯйи лоиҳаи Созишномаи байниҳукуматӣ омода шуда буд, аз ҷумла:

- дар бораи ҷалби муташаккилонаи муҳоҷирони меҳнатӣ (аз ҷумла занони муҳоҷир);

- дар бораи мақоми ҳуқуқии намояндагиҳои хадамоти муҳоҷирати тарафҳо дар қаламрави якдигар;

- дар бораи ҳамкориҳо дар соҳаи муҳоҷират;

- дар бораи реадмиссия;

- дар бораи ҳамкориҳо дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ (суғуртаи нафақа).

Соли 2013 бо супориши Ҳукумати мамлакат ду лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ» ва «Дар бораи

агентиҳои шуғл» низ омода шуда буданд. Доир ба зарурати қабули Қонуни болозикр, супоришҳои махсуси Президенти мамлакат мавҷуд мебошанд. Яке аз он дар нақшаи чорабиниҳо оид ба ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ки 3 майи соли 2013 бо имзои Ҷаноби Олӣ тасдиқ карда шудааст ва дигаре аз Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2015) бармеояд [143].

Тоҷикистон кишвари бо суръати баланди афзоиши аҳолӣ дар байни кишварҳои ИДМ мебошад, ки шумораи аҳолӣ дар 1 январи соли 2023 10 млн. 11 ҳазор нафарро ташкил додааст ва афзоиши аҳолӣ тибқи маълумоти оморӣ солона 2,2 фоизро ташкил медиҳад.

Таҳлили афзоиши солонаи шумораи захираҳои меҳнатии Тоҷикистон аз соли 2019 (5,5 млн. нафар) то соли 2030 (7,6 млн. нафар) нишон медиҳад, ки ҳар сол захираҳои меҳнатӣ 181 ҳазор нафар зиёд мешаванд. Омузиши вазъи демографии кишвар нишон медиҳад, ки дар 3-4 соли охир сатҳи афзоиши аҳолӣ дар Тоҷикистон аз 2,1-2,0% то 1,9-1,8% коҳиш ёфта, ба сатҳи афзоиши захираҳои меҳнатӣ бевосита таъсир мерасонад. СММ тахмин мезанад, ки аҳолии Тоҷикистон дар соли 2040 13 млн. 354457 нафарро ташкил хоҳад дод ва мутаносибан афзоиши захираҳои меҳнатӣ ба амал хоҳад омад.

Нуқтаҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Русия, пеш аз ҳама, маҳалҳои аҳолинишини калон Москва, вилояти Москва, Санкт-Петербург, инчунин шаҳрҳои саноатӣ мебошанд, шаҳрҳои Екатеринбург, Самара, Челябинск, Новокузнетск, Новосибирск, Краснодар, Сочи, Твер, Владивосток, дар ҷое, ки имконияти пайдо кардани кор вуҷуд дорад.

Омили асосии «ҷалби» муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон ба Русия бартарии иқтисодии Русия дар муқоиса бо дигар кишварҳои ИДМ мебошад. Русия асосан коргарон ва мутахассисони ҷумҳуриро дар сохтмон, нақлиёт, хоҷагии манзил ва хизматрасонӣ истифода мебарад [226].

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2010 шумораи занони муҳоҷири меҳнатӣ аз ҷумҳурӣ 441610 нафар коҳиш ёфта, 7,9 фоиз афзудааст. Бояд тазаккур дод, ки шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон 471725 нафар дар давраи таҳлилшаванда коҳиш ёфтааст.

Мувофиқи маълумоти расмии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба ҳолати 1 июни соли 2020 дар муҳоҷирати меҳнатӣ 141 ҳазору 295 нафар қарор дорад. Аз инҳо 134 ҳазору 429 нафар дар Федератсияи Русия, 907 нафар дар Ҷумҳурии Қирғизистон, 1 ҳазору 715 нафар дар Ҷумҳурии Қазоқистон, 276 нафар дар Украина, 3 ҳазору 141 нафар дар дигар мамлакатҳои ИДМ ва 827 нафар дар давлатҳои хориҷи дур.

Сарчашмаҳои хаттии то замони мо расида гувоҳ бар онанд, ки ин раванди муҳоҷирати меҳнатӣ решаҳои таърихӣ дошта, одамон барои ба таври дилхоҳ қаноат кунонидани талаботи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва динию маҳзабии хеш аз маконе ба макони дигар сафар мекарданд. Дар замони кунунӣ омадани аврупоиҳо ба Осиё ва рафтани осиёгиҳо ба Аврупо ва ё кучиши одамон аз як қитъа ба қитъаи дигар як амри муқаррарист. Ҳамеша ҳамин тавр будааст, ки инсонҳо барои дарёфти зиндагии беҳтар ва макони зисти хеш ба маконҳои аз ҳар назар амнтару бехатар ва оромтар барои зиндагӣ муносибтар ҳаракат мекардаанд.

Дар давраи ҳисоботии соли 2018, тибқи маълумоти варақаҳои муҳоҷиратӣ, аз ҷумҳурӣ 484176 нафар ба хориҷи кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар намудаанд, ки аз инҳо 419664 нафар мард ва 64 512 нафар зан мебошанд. Аз ҷумла, ба Федератсияи Русия 463 252 нафар ва ба Ҷумҳурии Қазоқистон 13586 нафар сафар кардаанд.

Рафти муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа дар соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 3581 нафар кам шудааст.

Дар соли 2018 аз хориҷи кишвар 424490 нафар муҳоҷири меҳнатӣ

ба Ватан бозгаштанд, аз ин микдор 352245 нафар мард ва 72245 нафар зан мебошанд, ки дар қиёс ба соли 2017 11830 нафар зиёд шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар навбати хеш талош мекунад, ки ин ҷараёнро зерини назорат ва контроли хеш қарор дода, бо як қатор давлатҳои хориҷӣ дар ин самт созишномаҳои ҳамкорӣ омода ва ба имзо расонидааст.

Аз ҷумла, дар асоси супориш аз ҷаласаи 14-уми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қазоқистон доир ба ҳамкориҳои иқтисодӣ аз 12 феврали соли 2018, ба мақсади тақвияти ҳамкориҳо дар танзими масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо Ҷумҳурии Қазоқистон, лоиҳаҳои созишномаҳои байниҳукуматӣ дар бораи реадмиссия ва Протоколи иҷрои он, дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷират таҳия гардидаанд.

Санадҳои мазкур дар ҷараёни сафари расмии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Қазоқистон рӯзҳои 14-15 марти соли 2018 ба имзо расонида шуданд.

Дар ҷаласаи 13-уми гурӯҳи кории муштараки Тоҷикистону Русия оид ба татбиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Русия роҷеъ ба фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия ва шаҳрвандони Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 октябри соли 2004 дар шаҳри Москваи Федератсияи Русия баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ муҳокима ва баррасӣ гардиданд [237].

Тибқи маълумоти Маркази ҳуқуқи инсон, ки мавзуи феминизатсияи муҳоҷиратро таҳқиқ кардааст, ҳиссаи занон дар муҳоҷират аллакай ба

қадри кофӣ назаррас аст ва бо назардошти тамоюлҳои кунунӣ, он эҳтимолан рӯ ба инкишоф дорад. Дар айни замон, агар муҳоҷирати занонро аз Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя муқоиса кунем, ҷараёни мо хеле назарногир аст. Масалан, ҳиссаи занон дар муҳоҷират аз Қирғизистон ба Русия тақрибан 39 фоиз ва аз Узбекистон беш аз 18 фоизро ташкил медиҳад. Афзоиши феминизатсия, албатта, бевосита ба тағйирот дар бозори меҳнат ва афзоиши талабот дар иқтисоди хидматрасонӣ, ба ҷойҳое, ки меҳнати «занона»-и беихтисосро талаб мекунанд, алоқаманд аст [100].

Аз сӯйи дигар, агар муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷониби Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровaрда мешуд, пас муҳоҷирони тоҷик дар оянда метавонистанд дар ҳама соҳа муваффақ гарданд. Дар дигар кишварҳои мутараққӣ барои аз ҳуқуқҳои худ бархӯрдор будан барномаи миллии занонро таҳия кардаанд, аммо дар мо ин чиз нест, зеро танҳо ба воситаи ин гуна барномаҳо метавон сатҳи маънавӣ ва ҳуқуқии занонро баланд бардошт.

Бар асари ин тағйироти объективӣ фаҳмиши муҳоҷират ва нақши он дар ҷомеа авҷ мегирад. Феълан категорияҳои гуногуни шаҳрвандон рӯ ба муҳоҷират овардаанд. Амсилаи муҳоҷирати меҳнатии занон мухталиф мебошанд. Барои он ки гуногунии амсилаҳо ва самтҳои муҳоҷирати занонро мушаххас карда тавонем моро лозим аст, ки онро ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор диҳем. Чун дар ин масир ва масъала занони муҳоҷир осебпазир мебошанд, созмонҳои байналмилалӣ низ кӯшишу талош бар он доранд, ки масъалаи ҳифзи ҳуқуқи занонро бештар пайгирӣ мекунанд.

Чеҳраи занона пайдо кардани раванди муҳоҷират вижагии марҳалаи муосири рушди муҳоҷират дар ҷаҳон маҳсуб меёбад. Аммо, занони муҳоҷир, ба таври назаррас, ба истилоҳ «коргарони ноаён» боқӣ мемонанд. Тибқи маълумоти СБМ дар соли 2020 дар ҷаҳон муҳоҷирони

меҳнатӣ  281 млн нафарро ташкил медоданд, ки ин 3,6% аҳолии ҷаҳонро ташкил медод.

Вале паҳлуҳои манфии муҳоҷиратро низ сарфи назар накунем. Муҳоҷират - ин аллакай самти стартегӣ аст. Пас ба ин самт бояд сохторҳои расмӣ ҷиддан машғул шаванд.

Албатта, сафирон ва дигар сохторҳи дипломатӣ корманди хадамоти муҳоҷират нестанд, аммо ҳифзи манфиати ҳуқуқии муҳоҷирон, рушди ҳамкорӣ дар ин бахш яке аз вазифаҳои корпуси дипломатӣ мебошад.

Дар Тоҷикистон ба соҳибкории занон низ диққати махсус дода мешавад. Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон (NAJT) бо ин масъалаҳо бомуваффақият сарукор дорад. Яке аз чунин лоиҳаҳои «акселератори тиҷоратӣ барои занон, духтарон ва ҷавонон» барномаи менторинг буда, ба занҳои ҷавон имкон медиҳад, ки таҷрибаи бебаҳо ба даст оранд ва дастгирии мутахассисони ботаҷрибаро дар ин кор ба даст оранд. «Пайдо кардани устоди худ вазифаи аввалиндараҷа аст. Ва бо ин дар Тоҷикистон мушкилот вуҷуд дорад. Аввалан, мураббиён, аксар вақт, одамони банданд ва на ҳамеша барои интиқоли иттилоот вақт ёфта метавонанд. Шояд ин ҳама дар бораи набудани ҳавасмандӣ бошад. Дувум, соҳибкорони ҷавони мо барои пайдо кардани мураббии худ чандон майл надоранд. Шояд сабаби мо бошад, чун менталитети мо тақозо мекунад ҳама чизро худатон кунед. Дар ниҳоят, менторизм як раванди мутақобила аст, ки дар он на танҳо дода мешавад, балки аз якдигар омӯхта мешавад. Аз ин рӯ, барномаҳои менторӣ дар саросари ҷаҳон хеле устувор мебошанд. Ғайр аз ин, менториро на танҳо дар тиҷорат бомуваффақият истифода бурдан мумкин аст, балки он метавонад шуморо аз ҷиҳати равонӣ роҳнамоӣ кунад, дар мубориза бо мушкилоти эҳтимолӣ кӯмак кунад, илҳом бахшад, ба худ эътимод илова кунад ва на танҳо дар рушди касбӣ, балки дар рушди шахсӣ низ кӯмак кунад.

Тадбирҳо ва ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

паст кардани сатҳи муҳоҷирати меҳнатии занон дар даҳ соли охир таваҷҷуҳи коршиносон ва муҳаққиқонро ба вуҷуд овfarданд.

Олимони ихтисосҳои гуногун-иқтисодӣ, фалсафӣ, сотсиологӣ, сиёсатшиносӣ, демографӣ, таърих ва ғайра даҳҳо таҳқиқоти илмӣ гузарониданд, диссертатсияҳо навиштанд, монографияҳо ва китобҳо, садҳо мақолаҳои илмӣ ва илмӣ - оммавӣ дар бораи ҷанбаҳои гуногуни муҳоҷирати меҳнатӣ нашр карданд.




**Диаграммаи 1. Баргашти муҳоҷирони меҳнатӣ тибқи ҳисоботи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ.**

**Манбаъ: Ҳисоботи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: (https://egov.tj/article/45?lang=ru)**

Монографияҳо, китобҳо ва мақолаҳои илмии олимони ватанӣ А.А. Артиқов «Равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон: охири асри XX - ибтидои асри XXI» [139], С.И. Исломов, Х. Абдуллоев, З.С. Исломова «Бозори ғайрирасмии меҳнатӣ: навъи мардикорӣ» [75], Исломова З.С. «Оила ва буҷаи он. Равандҳои муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» [75], Р.У. Улмасов «Ҷанги шаҳрвандӣ ва муҳоҷират», Р.У. Улмасов, Х. Умаров «Муҳоҷирати меҳнатии беруна дар Тоҷикистон (сабабҳо, мушкилот, оқибатҳо, танзим)», Р.У. Улмасов «Муҳоҷират ва демография дар Тоҷикистон», «Тақвияти дастгирии муҳоҷирати меҳнатӣ

дар Тоҷикистон. Арзёбӣ ва тавсияҳо. Бонки осиёии рушд» [122], Олимова С.К. «Муҳоҷирати хориҷии тоҷикон: анъанаҳо ва замонавӣ», «Перспективаҳои муҳоҷирати халқҳои бумӣ» [190], Қосимова С.Р. «Ҷанбаҳои гендерии равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон: мушкилоти вақт ва имконоти интихоб», Шоисматуллоев Ш. «Тоҷикистон дар оинаи пайдарпай ва тағйирёбии наслҳо», Зокиров Г.Н. «Мушкилоти этносиёсии муҳоҷирати аҳолӣ дар Тоҷикистон», Нуралиев Н.Н. «Мушкилоти муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон ба Русия» ва ғайра, дар омӯзиши самтҳо ва равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити ҳозира нақши муҳим бозиданд.

Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон (NAJT), ҳамчунин дар якҷоягӣ бо USAID ва дар ҳамкорӣ бо барномаи WAGE (Women and Girls Empowered) форуми тиҷоратии минтақавии «Омузиш ва рушди иқтидор калиди баланд бардоштани самаранокии соҳибкорони зан»-ро баргузор мекунад. Чунин чорабиниҳо ба занон имкон медиҳанд, ки ҷойи худро дар ҷомеа пайдо кунанд ва бо фарзандони худ бошанд, ки ба дастгирӣ, рушд ва пешбурди соҳибкорони зан нигаронида шудаанд. Дар бисёр кишварҳои ҷаҳон барои таҳқиқ ва таҳлили тавозуни гендерӣ таҳқиқот ва таҳлили махсус гузаронида шудааст.

Ҳамин тавр, бовар аст, ки дарояндаи наздик муҳоҷирони тоҷик дар дигар давлатҳо на фақат ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ, балки ҳамчун устоди ҳамаи ҳунарҳо, муаррификунандаи маданияти баланди тоҷикон истиқбол мешаванд. Барои ин месазад, ки ҳар фарди дар муҳоҷират буда, дар баробари дарёфти маблағ ва ҷои зисти муваққатӣ, кӯшиш намояд, то маданияти баланди тоҷиконаашро ба оламиён шиносонад.

Мо паҳлуҳои мухталифи масъалаи муҳоҷирати кории хориҷии занонро мавриди омузишу баррасӣ қарор дода, мушаххас намудем, ки ин масъала  дар ҳоли ҳозир зери назари Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад ва масъулини давлату ҳукумати мамлакат онро ба таври асосӣ ва

назаррас зери назар дошта, кӯшиш карда истодаанд, ки онро дар бастари дуруст равона намуда, ҳуқуқ ва вазифаҳои муҳоҷиринро дар кул ва бахусус занонро ба таври дуруст ҳисобӣ ҳифзу ҳимоя намоянд.

Ба андешаи ин ҷониб, ҳама гуна бозёфтҳо ва пешниҳодҳои илмии пешниҳодкардаи муҳаққиқон дар ин самт метавонанд дар танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ва махсусан муҳоҷирати меҳнатии занон, паст кардани суръати афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳамоҳангсозии илму истеҳсолот нақши муҳим дошта бошанд, илова бар тадбирҳои пешбининамудаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонанд ба беҳтар намудани зиндагии муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла занони муҳоҷир мусоидат намоянд.

## 3.2. Тамоюл, омил ва сиёсати давлатӣ дар самти коҳиш ёфтани муҳоҷирати меҳнатии занон

Барҳам хӯрдани ИҶШС ва якбора кандашавии муносибатҳои муштарак, кишварҳои узви онро ба бuҳронҳои сиёсӣ, амниятӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувоҷеҳ намуд. Пайвандии занҷирии иқтисодии ин низом бо парокандаии сиёсии он пурра барҳам хӯрд корхонаҳои иқтидорманди он пурра аз кор монданд. Тоҷикистон, ки узви ин низом буд, муовоҷеҳ ба ҷанги шаҳрвандӣ гардида, дар натиҷаи он мамлакатро мутахассисони соҳаҳои гуногун ва бахусус соҳаи саноату технологияҳо, ки қавмҳои ғайримаҳаллӣ буданд тарк карданд. Дар маҷмуъ, вазъи мушкиле дар мамлакат ҳукмфармо гардид. Ҳамаи мардум мунтазири он буданд, як неруи пайдо шуда вазъро комилан зери дасти худ гирифта онро ба маҷрои дуруст ҳидоят мекунад. Чунин неру ва мақоми қонунӣ танҳо Шурои Олии мамлакат боқӣ монда буд. Аз ин рӯ, Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар шаҳри бостонии Хуҷанд саҳифаи ҷадидеро дар таърихи навини кишвар ифтитоҳ намуд. Дар ин ҷаласа роҳбарияти нави мамлакат интихоб ва таъйин гардид ва масъулин даст ба кор шуда, аввалин иқдом

баргардони муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан буд. Вакили халқ Ҳ. Насриддинов оид ба лоиҳаи қонун «Дар бораи муҳоҷирати иҷборӣ», ки аз 13 модда иборат буд, изҳорот дод [128].

Акнун вакилони Шурои Олӣ ва мардуми мамлакат дар бораи муҳоҷирон маълумот гирифта, фаҳмиданд, ки муҳоҷир ки будааст. Сарфи назар аз он ки дар ин иҷлосия роҳбарияти нави мамлакат интихоб ва таъйин гардид ва дар ин робита қарорҳои дахлдор қабул гардиданд, аммо вазъи иқтисодии кишвар рӯз ба мушкилтар мешуд. Ва мардуми кишвар дар чунин шароит рӯ ба муҳоҷират меоварданд, то луқмаи ноне барои зиндагии хеш пайдо кунанд. Муҳоҷирати меҳнатӣ рӯз ба рӯз авҷ мегирифт. Муҳоҷират ва захираҳои меҳнатӣ ҳамчун масъалаи муҳим дар радифи проблемаҳои умумисайёравӣ аз қабили равандҳои ҷаҳонии молиявӣ, тиҷоратӣ, илмӣ-техникӣ ва экологӣ қарор дошта, мақом ва нуфузи хосса пайдо намудааст. Равандҳои ҷаҳонишавӣ, бешубҳа ҷиҳати рушду тавсеаи муҳоҷират ва бо ҳам наздикшавии бозорҳои меҳнати миллӣ бо ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Масъалаи муҳоҷирати меҳнатии занон имрӯз дар қатори дигар кишварҳои ҷаҳон барои Тоҷикистон низ ба яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ табдил ёфта, нақши он дар рӯзгори ҳар як оилаи тоҷик ба назар мерасад.

Зикри ин матлаб ба маврид аст, ки аз сӯйи як идда ниҳодҳои давлатӣ, ба монандӣ Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти иқтисод ва демографияи АМИТ, Шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафаи АМИТ, Институти меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар марказҳою созмонҳои ҷамъиятӣ доир ба масъалаи мавриди назар таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шудаанд, ки натиҷаи онҳо дар шаклҳои мухталиф дастраси мардум гардидаанд. Ҳамзамон, мо ахборро роҷеъ ба ин масъала дар гузоришҳои таҳлилии Кумитаи омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон дида метавонем, ки ҳар кадоме аз ин гузоришҳо дар баробари ба таври умумӣ фаро гирифтани масъала яке аз паҳлуҳои онро матраҳ намудааст.

Масъалаи таъмини занон ба ҷойи корӣ дар меҳвари сиёсати созандаи Пешвои миллат қарор дошта, дар ин самт фармони Президенти кишвар «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», ҳамчунин қарори ҳукумат аз соли 2010 «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020» барои баланд бардоштани мақому манзалати зан дар бунёди ҷомеаи демократӣ нақши муҳим мебозанд.

Илова ба ин, самти мазкур ҳамасола дар Паёми Сарвари давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос мегардад, чунончи «Дар ин раванд ба масъалаи аз байни ҷавонон ва занону духтарони лаёқатманду соҳибмаърифат интихоб кардан ва ба вазифаҳои роҳбарикунандаву масъул пешбарӣ намудани онҳо эътибори ҷиддӣ бояд дода шавад» [101].




**Расми 2. Мақоми занон дар ҷомеа дар соли 2018**

**Манбаъ: «Ҳадафҳои созандаи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Сабурӣ Х.М.– Хуҷанд, 2025**

Қобили зикр аст, ки таҳлилҳои дар расми 3 пешниҳодгардида омори соли 2024 мавриди баррасӣ қарор гирифта, маълум мешавад, ки мавқеи

занон дар ҷомеа ва фаъолияти онҳо дар пешбурди самтҳои афзалиятдошта ниҳоят назаррас мебошад. Аз ин таҳлил маълум мегардад, ки яке аз самтҳои коҳишёбии муҳоҷирати меҳнатӣ дар байни занон ба корҳои ҷамъиятиву давлатӣ ҷалб шудани онҳо мебошад.




**Расми 3. Мақоми занон дар ҷомеа дар соли 2024**

Манбаъ: **«Ҳадафҳои созандаи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Сабурӣ Х.М.– Хуҷанд, 2025**

Вобаста ба ин, Сардори давлат дар Паёми хеш ба Ҳукумати мамлакат, тамоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дастур доданд, ки фаъолияти худро дар самти татбиқи ҳадафҳои муқарраршуда, аз ҷумла доир ба ҳалли масоили вобаста ба муҳоҷирати муҳнатӣ тақвият бахшида, ба масъалаҳои таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ диққати доимӣ диҳанд.

Дар робита ба ин, ҳукумати мамлакат ва мақомоти дахлдори он вазифадор карда мешаванд, ки масъалаи зарурати ташкили сохтори алоҳидаро доир ба танзими масоили вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамаҷониба омӯхта, хулосаҳои худро пешниҳод намоянд.

Ҳадафи асосии Сарвари Ҳукумат ин коҳишдодани сатҳи муҳоҷирати занон ба шумор рафта, дар меҳвари сиёсати иҷтимоӣ ва гендерии он қарор дорад. Ҳамин аст, ки дар Паёми соли 2013 муфассал таъкид

намудаанд: «Хотирнишон месозам, ки иҷрои саривақтии онҳо боиси боз ҳам фаъол гардидани занону бонувони мо дар ҳаёти ҷамъиятӣ, пешрафти ҷомеа ва афзудани саҳми онҳо дар раванди ободкории кишварамон мегардад» [102].

Ҳамчунин, барои коҳиши сатҳи муҳоҷирати занон, таъмин бо ҷои корӣ як зумра санадҳои дигар дар дохили кишвар ба тасвиб расидаанд:

- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» (аз 3 декабри соли 1999, №5);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» (аз 1 марти соли 2005, №89);
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» (аз 19 марти соли 2013, №954);
- Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30 декабри соли 2015, №801);
- Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30 апрели соли 2021, №167);
- Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2023–2030 (аз 27 апрели соли 2022, №204).

Зимни баррасӣ ва омузишу таҳқиқоти дар ин замина анҷом дода шуда маълум гардид, ки қисми бештари муҳаққиқон ин масъаларо дар чаҳорчӯби ниёзҳои шаҳрвандон баррасӣ ва таҳқиқ кардаанд, яъне далели ба муҳоҷират рӯ овардани одамонро мушкилоти иқтисодӣ пиндошта ба ин масъала таваҷҷуҳ кардаанд. Дар таърихи муосири миллат ва давлати мо авҷи муҳоҷират ба солҳои охири мавҷудияти ИҶШС рост меояд, ки пас аз суқути Шуравӣ ва канда шудани робитаҳои иқтисодӣ бо соири ҷумҳуриҳои собиқ корхонаҳо аз кор монда яку якбора теъдоди хеле зиёди

аҳолии қобили меҳнат бе кор монданд. Ва муҳоҷирати меҳнат дар Тоҷикистон авҷи тоза касб намуд.

Бар хилофи ҷумҳуриҳои дигари Шуравӣ дар Тоҷикистон баъди истиқлол ноороомиҳо ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ оғоз ёфт, ки он ба саршавии марҳалаи нави муҳоҷират дар ҷумҳурӣ оварда расонд, ки ин раванд тахминан то охири солҳои 90-ум идома ёфт. Ҳар ду марҳалаи муҳоҷират, дар муқоиса бо ҷумҳуриҳои дигари Шуравӣ дар ҳолате оғоз ёфтанд, ки иқтисодиёти чумҳурии моро вобаста ба офатҳои сиёсии бавуҷудомада буҳрони шадид фаро гирифта буд. Яъне ин ду марҳилаи муҳоҷират аз ҷумҳурӣ вобаста ба тағйир ёфтани авзои сиёсии он сурат гирифтанд.

Марҳилаи сеюми муҳоҷират дар ҷумҳурӣ, ки аз солҳои 2000-ум оғоз ёфта, давраи сифатан нав буда, ҳадафи асосии муҳоҷирон дарёфти ҷойи кор ва маоши мувофиқ мебошад. Яъне, сабаби асосӣ ба муҳоҷирати меҳнатии берун аз кишвар рӯ овардани шаҳрвандони мо ин набудани ҷойҳои корӣ ва маоши мувофиқ дар зодгоҳ ё ин ки ҷойи зисти муқимии онҳо ба шумор меравад. Дар навбати хеш ниҳодҳои давлатӣ ин ҷараёнҳоро таҳти омӯзиш ва баррасӣ қарор дода ба чунин натиҷа расиданд, ки иллат ва сабабҳои асосии солҳои 2000-ум авҷи нав касб кардани муҳоҷирати меҳнатӣ ин набудани ҷойи кори сердармоад ва арзанда мебоша. Ва мутобиқ ба як назарсанҷие, ки маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот ба ин масъала анҷом доданд 65 % пурсидашудагон сабаби асосии муҳоҷиратро дар набудани ҷойи кор ва маоши арзанда баён намудаанд.

Бузургтарин бозори меҳнат барои муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон Федератсияи Русия буд. Беш аз 98% ба Федератсияи Русия сафар мекунанд. Дар ҳамин ҳол, дар соли 2015 шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба Русия рафтаанд, 22 фоиз коҳиш ёфтааст (аз 660,95 ҳазор нафар дар соли 2014 то 541,63 ҳазор нафар дар соли 2015) ва шумораи

муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба Қазоқистон рафтаанд, 46 фоиз афзудааст (аз 7,43 ҳазор нафар дар соли 2014 то 10,96 ҳазор нафар дар соли 2015) [22].

Ҳукумати мамлакат дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ тадбирҳои муайянеро андешида истодааст, ки тибқи Қонун «Дар бораи муҳоҷират» ва Стратегияи миллии рушд барои давраи солҳои 2016–2030 амалӣ карда мешаванд. Стратегияи миллӣ муайян менамояд, ки ин тадбирҳо пеш аз ҳама ба танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, оптимизатсияи манфиатҳои муҳоҷирати меҳнатии муташаккил ва беҳтар намудани дастгирии иҷтимоӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ дар дохил ва хориҷи кишвар равона карда мешаванд.

Барои мисол ҳануз дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ самти молиявии дастгирикардани занон муайян гардида буд: «Барои дастгирии фаъолияти соҳибкории занон аз соли 2006 то имрӯз 3 миллиону 300 ҳазор сомонӣ маблағ аз тариқи грантҳои Президентӣ ҷудо гардидааст. Ҳукумати кишвар тасмим гирифтааст, ки минбаъд ҳаҷми маблағҳои грантиро зиёд намуда, ба ин васила шумораи занону духтарони соҳибкорро афзун намояд». Ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ дар бахши муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоиву ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муваққатан дар хориҷа кор мекунанд, аз танзими рафтуомад, пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва пойдор намудани қонуният дар раванди муҳоҷират иборат мебошад.

Қабул шудани Барномаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2006-2010 омили муҳими ҳалли ин проблема хоҳад шуд. Махсусан, ба имзо расидан ва тасдиқи Созишнома миёни Тоҷикистон ва Русия дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони мо дар Федератсияи Русия ва шаҳрвандони Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти васеи танзими муҳоҷирати меҳнатиро фароҳам меорад.

Дар ин робита ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои дахлдори давлатӣ зарур аст, ки ҷиҳати татбиқи бевоситаи нақшаи шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ омодагии касбии кадрҳои коргариро бо роҳи омӯзиши касбӣ ва ба хориҷа муташаккилона фиристодани шаҳрвандон тадбирҳо андешанд. Ҳамчунин, Сарвари давлат вазоратҳои корҳои хориҷӣ, корҳои дохилӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро вазифадор карданд, ки дар бораи ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар кишварҳои дигар, хусусан дар Федератсияи Русия чораҳои мушаххас андешида, мавриди амал қарор диҳанд [40].




**Расми 4. Ба шуғл таъмин гардидани аҳолӣ дар соли 2015**

**Манбаъ: «Ҳадафҳои созандаи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Сабурӣ Х.М.– Хуҷанд,2025**

Агар таъмини аҳолиро ба шуғл дар соли 2015 таҳлил намоем, мушоҳида мекунем, ки дар соли 2016 Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2016-2017 қабул гардид, ки 205 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд.

Дар расми 5 вобаста ба таъсиси ҷойҳои корӣ дар соли 2019 маълумот пешбинӣ гардида, исбот шудааст, ки бинобар сабаби  таъсиси ҷойҳои кори зид 60% муҳоҷирати меҳнатӣ кам гардидааст.




**Расми 5. Таъсиси ҷойҳои корӣ дар соли 2019**

**Манбаъ: «Ҳадафҳои созандаи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Сабурӣ Х.М.– Хуҷанд, 2025**

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки дар Тоҷикистон солҳои охир коҳиши муҳоҷирати меҳнатии занон ба мушоҳида мерасад, ки дар робита ба ин як идда ташкилотҳои донор дар ҳамкорӣ бо Ҳукумат ва мақомоти ваколатдори муҳоҷирати меҳнатӣ барномаи муҳоҷирати меҳнатӣ оғоз гардидааст. Дар он яке аз шартҳои такмили қонунгузории муҳоҷирати меҳнатӣ бо назардошти хусусиятҳои гендерӣ ва пешниҳоди доираи васеи хизматрасониҳо барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо бо дарназардошти омили гендерӣ, дар ҳама марҳилаҳои давраи муҳоҷират оварда шудаанд [31].

Қобили зикр аст, ки шаҳрвандони хориҷӣ низ ҷиҳати кору фаъолият ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муҳоҷир омада, теъдоди онҳо бо дастрасӣ аз манбаъ чунин рақамро дороянд.

**Ҷадвали 6. Шумораи шаҳрвандони хориҷии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда дар давраи солҳои 2011-2022 (нафар)**

| № р/т | Муҳоҷиро ни хориҷӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳамагӣ | 4069 | 5211 | 6000 | 7668 | 10218 | 11330 | 6645 | 6590 | 6700 | 4743 | 5777 | 5716 |
| 2 | Мардҳо | 3846 | 4898 | 5387 | 5461 | 6687 | 6765 | 4059 | 3727 | 3948 | 2765 | 3436 | 5188 |
| 3 | Занҳо | 223 | 313 | 613 | 2207 | 3531 | 4565 | 2586 | 2863 | 2752 | 1978 | 2341 | 528 |

**Манбаъ: Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040**

Фишанги асосии коҳиш додани раванди муҳоҷирати занон саҳми бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хостан таъкидҳои пайваста дар паёмҳои ҳарсола ба Маҷлиси Олӣ ба шумор меравад. Чунончӣ дар Паёми соли 2012 омадааст: «Аз ин лиҳоз, Бонки миллӣ, Бонки давлатии «Амонатбонк», бонкҳои саҳҳомӣ ва ташкилоту сохторҳои маблағгузории хурд қарздиҳиро ба фаъолияти соҳибкорӣ, алалхусус дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон ва занони соҳибкор афзоиш дода, дар давраи миёнамӯҳлат ҳамасола на камтар аз 20 фоиз зиёд намудани маблағгузории соҳаҳои истеҳсолиро таъмин намоянд» [41].

Моделҳои муҳоҷирати меҳнатии занон гуногунанд. Фаҳмидани тамоми гуногунии моделҳо ва самтҳои муҳоҷирати занон танҳо тавассути омузиши амиқи ин раванд имконпазир мегардад. Занони муҳоҷир дар саросари ҷаҳон аз сабаби вазъи осебпазир, маҳдудияти имконоти иқтисодӣ ва нақзи ҳуқуқҳои худ дар маърази хатар қарор доранд, аз ин рӯ созмонҳои байналмилалӣ ба баррасии масъалаҳои муҳоҷирати занон таваҷҷуҳи бештар менамоянд. Бархе аз занон бар ин боваранд, ки муҳоҷират ин раванд ва падидаест, ки фақат мутааллиқ ба мардон аст ва занону бонувон дар он нақш надоранд. Заноне, ки ба муҳоҷират рӯ меоранд, далел ва сабабҳои худро доранд, онҳо дар ин амр он қадар ҳам назаррас намебошанд.

Масъалаи шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони

Тоҷикистон низ яке аз проблемаҳои ҷиддӣ ва ҳалталаби рӯз аст. Мувофиқи маълумоти мавҷуда дар соли 2003 аз шумораи умумии аҳолӣ як миллиону 840 ҳазор нафар аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, яъне қобили кор аст. Дар ин масъала сиёсати давлат пеш аз ҳама ба таҳияи чорабиниҳо доир ба муҳайё кардани ҷойи кор ва таъмини шуғли аҳолӣ дар дохили кишвар нигаронида шудааст. Бо ин мақсад чанд рӯз пештар Қарори Ҳукумат доир ба тасдиқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003–2005 қабул шуд. Мувофиқи чорабиниҳои ин барнома таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҳамчун яке аз роҳҳои асосии таъмини шуғли аҳолӣ муайян шудааст. Дар муддати зикршуда бояд зиёда аз 210 ҳазор ҷойи нави корӣ ба вуҷуд оварда шавад. Татбиқи барномаи мазкур имкон медиҳад, ки дар давоми солҳои 2003–2005-ум зиёда аз 350 ҳазор нафар, аз ҷумла бештар аз 140 ҳазор нафар бо кӯмаки мақомоти дахлдори давлатӣ бо шуғл фаро гирифта шаванд [40].

Феминизатсияи раванди муҳоҷират хусусияти марҳилаи муосири рушди муҳоҷират дар дунё маҳсуб меёбад. Ин тамоюл барои муҳоҷират дар минтақаи ИДМ низ хос мебошад Аммо, занони муҳоҷир, ба таври назаррас, ба истилоҳ «коргарони ноаён» боқӣ мемонанд, ки дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт дар хонаводаҳои хусусӣ кор мекунанд.

Тибқи маълумоти СБМ, дар соли 2020 дар ҷаҳон 281 млн муҳоҷири байналмилалӣ мавҷуд буд, ки 3,6% аҳолии ҷаҳонро ташкил медод. Дар сохтори муҳоҷирати ҷаҳонӣ 48% ба занон рост меояд. Аксари муҳоҷирон ба хотири кор ба дигар кишварҳо кучиданд. Тақрибан 74% ҳамаи муҳоҷирони байналмилалӣ дар синни қобили меҳнат буданд (20-64 сола) [154].

Яке аз мушкилоти муҳимми равандҳои муҳоҷират татбиқи қонунии фаъолияти меҳнатӣ дар қаламрави Федератсияи Русия мебошад. Бисёре аз муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла занон, бо корфармоён шартномаи меҳнатӣ надоранд. Шуғли ғайрирасмӣ, соя ва нимсоя (сабз) то ҳол дар

иқтисоди Русия васеъ паҳн шудааст, бинобар як қатор сабабҳо меҳнати муҳоҷирон маҳз дар бахши соя бештар талаб карда мешавад. Албатта, бе шартнома кор кардан барои муҳоҷирон хатари калон ва талафоти ҷиддӣ барои давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Вазъи душвори иқтисодӣ ва шуури заифи ҳуқуқии муҳоҷирон боиси розигии оммавии онҳо ба шуғли пинҳонӣ мегардад.

Занон дар муҳоҷират, ҳамчунин маҷмуи бисёр мақомот мебошанд ва тамоми ангезаҳои гуногунро нишон медиҳанд. Занони муҳоҷири меҳнатӣ асосан дар иқтисодиёти хизматрасонӣ машғуланд - ин тиҷорат, кор дар хона ва дигар соҳаҳои хизматрасонӣ мебошад. Роҳҳои ҷустуҷуйи кор аз тактика ва равишҳои мардон дар муҳоҷирати меҳнатӣ чандон фарқ намекунанд. Дар ин ҷо шиносоӣ, робитаҳои оилавӣ ва хешу таборӣ бартарӣ доранд. Ҳамчунин, ҳолатҳое низ буданд, ки занон бе шуғли маълум ва бе дӯстон ё хешовандон ба Русия сафар мекарданд [210].

Пушида нест, ки дар баробари ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ бо омилҳои иқтисодиву амниятӣ раванди муҳоҷират дар Тоҷикистон ба таври чашмрас боло рафта буд. Аммо бо гузашти солҳо ба назар мерасад, ки бо талошҳои пайвастаи Ҳукумати кишвар, махсусан Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сол ба сол ин раванд дар ҳоли коҳиш ёфтан аст.

Тавре, ки Пешвои миллат дар Паёми соли 2019 ба Маҷлиси Олӣ зикр карда буданд, шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамасола коҳиш ёфта, сафи муҳоҷирон низ кам мешавад: «Мувофиқи маълумоти оморӣ соли ҷорӣ шумораи шаҳрвандони мо, ки берун аз кишвар фаъолияти меҳнатӣ доранд, қариб 60 фоиз кам шудааст, ки ин натиҷаи рушди иқтисодиёт ва ташкили ҷойҳои корӣ дар дохили кишвар мебошад. Шумораи аз ҳама зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ 1 миллиону 100 ҳазор нафар ба соли 2010 рост меояд. Соли ҷорӣ ин рақам 486 ҳазор нафарро ташкил медиҳад» [44].

Роҳбари давлат ин коҳишёбиро ҳануз ҳам қаноатбахш арзёбӣ

накарда, ба роҳбарони ҳамаи сохтору мақомоти марказиву маҳаллӣ, корхонаву муассисаҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилоту муассисаҳои давлативу ғайриҳукуматӣ ва соҳибкорону тоҷирон супориш дода буданд, ки барои ташкил кардани ҷойҳои корӣ дар кишвар талош намоянд.




**Диаграммаи 2. Бунёди ҷойҳои корӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ**

**Манбаи электронӣ: (https://www.mehnat.tj/ru/news/dt/e9ed1c94-57bc-4e15-8f6c-4144f59b9517)**

Бо мурури замон мушаххас шуд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ хеле коҳиш ёфтааст. Акнун одамон кӯшиш мекунанд, дар макони хеш кор пайдо кунанд ва бо хонаводаи хеш бошанд. Назди волидайн ва хонаводаи хеш, зану фарзанди хешро авло медонанд. Дар ин муддат дар кишвар низ корҳои зиёде дар заминаи иштиғолзоӣ ба анҷом расонида шудааст.

Коршиносон сабабҳои паст шудани шиддати муҳоҷиратро дар беҳтар шудани авзои иқтисодӣ дар дохили кишвар меҳисобанд ва инчунин боло рафтани сатҳи савод ва фаҳмиши мардум дар масири машғул шудани ба кори хеш ва ё роҳандозии шуғлҳои ҷадид дар кишвар ба таври куллӣ.

Дар ҷадвали зерин раванди коҳиши муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳисоби занон инъикос гардидааст, ки иттилои мазккур ба Кумиттаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рабт дорад

Танзими масъалаҳои вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумат ва роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти

давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо мебошад. Дар ин самт зарур аст, ки ҷиҳати коҳиш додани муҳоҷират муҳайё намудани ҷойҳои нави кориро дар дохили кишвар ҳарчи бештар тавсеа бахшида, доир ба масъалаҳои танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони мо ҳамкорӣ бо мақомоти марбутаи кишварҳои қабулкунандаи нерӯи корӣ беш аз пеш тақвият бахшида шавад. Илова бар ин, дар бобати азхуд кардани касбу ҳунарҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ва забономузии шаҳрвандон чораҳои иловагӣ андешида, ҷиҳати такмили масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар то охири соли ҷорӣ лоиҳаи қонун «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ» ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад.

Муҳоҷират хоси як давлат нест. Ин раванд хоси ҳама кишварҳост. Ва бояд гуфт, ки бе муҳоҷират ҳеҷ як кишваре наметавонад фаъолияти самаранокро пеш барад. Дар ин миён ба чӣ навъ ба хотири кадом амалу фаъолиятҳо муҳоҷир шудани занҳо мавзуи дигар аст. Бахусус, дар ҷомеаи суннатии мо, ки мақоми зан ба дараҷаи аъло бардошта шудааст, ин масъала диққати махсусро талаб мекунад. Мо хуб медонем, ки дар иртибот ба бузургӣ ва шаҳомати зан-модар зимни ҳар мулоқоту суханрониҳои хеш Сарвари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид мекунанд.

Сол аз сол муҳоҷирати занҳо рӯ ба камшавӣ оварда истодааст. Ин гуфтаро омори расмии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати кишвар низ тасдиқ мекунад. Тибқи омории расмии кумита шумораи занҳои муҳоҷир соли 2017 агар 68036 нафарро ташкил дода бошад, пас ин рақам дар соли 2018 ба 64512 нафар расидааст. Яъне, дар тули як сол сафи муҳоҷирон аз ҳисоби занҳо 3524 нафар кам гардид.

Ба гуфтаи С. Мамадалиева – мудири бахши иттилооти Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати мамлакат ин ниҳод барои дастгирии

муҳоҷирзаноне, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ бармегарданд, корҳои зиёди фаҳмондадиҳӣ, тарғиботию ташвиқотиро анҷом медиҳад. Занону бонувоне, ки ба унвонии кумита ҷиҳати дарёфти ҷои кор муроҷит менамоянд, кумита дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ба онҳо мақоми бекорӣ дода, онҳоро бо ҷойи кори доимӣ ва мавсимӣ таъмин менамояд: «Аз соли 2006-ум то инҷониб Грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 2 млн сомонӣ барои рушди фаъолияти соҳибкории занону бонувон, аз ҷумла занони муҳоҷир пешбинӣ шудааст. Кумитаи кор бо занон ва оила занонеро, ки аз муҳоҷират баргаштаанду бекор мондаанд, бо грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд. Ҳамчунин, аз ҷониби кумита барои касбомӯзӣ ва ба шуғли доимӣ фаро гирифтани занони муҳоҷир 7 сехи дӯзандагӣ дар вилояти Хатлон ва ду сехи калони дӯзандагӣ дар шаҳри Душанбе мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудаанд. Аз ҳисоби занҳои муҳоҷир соли 2018 дар сехҳои мазкур зиёда аз 250 нафар ба кори доимӣ ва 486 нафар барои омӯхтани касбҳо ҷалб шуданд».

Ба гуфтаи мусоҳиби мо дар аксари мавридҳо худи занҳои муҳоҷир корашонро душвор мекунанду барои беҳрӯзии худ ба кумита ва ё ниҳодҳои дахлдор муроҷиат намекунанд. Ҳамчунин, қисме аз онҳо бо вуҷуди тарғиботи ҳамешагӣ аз ҷониби Кумитаи кор бо занон ва оила ҳанӯз огоҳ нестанд, ки ба куҷо муроҷиат кунанд.

Метавон гуфт, ки дар ҳар шакл чӣ гуна сохтани зиндагӣ аз худи шахс вобастагии калон дорад. Аксари он занҳое, ки ба муҳоҷират мераванд, аз надоштани касб ва шуғл аст. Беҳунарӣ онҳоро маҷбур мекунад, ки даст ба корҳои вазнини ҷисмонӣ зананду ба ҳама гуна фаъолияти музднок розӣ шаванд. Агар онҳо соҳибкасбу соҳибҳунар бошанд, ҳамеша метавонанд, ки зиндагии хушу бофароғат дошта бошанд.

«Ба андешаи аксарият, муҳоҷирони меҳнатии тоҷик (аз ҷумла муҳоҷирати занон) муҳоҷирони иҷборӣ буда, паёмади ҷанги шаҳрвандӣ

ба шумор меравад» [257, с.45-48]. Ин комилан дуруст аст, чунки дар ибтидои ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ ва бурузи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ қисмати бештари мардону занон аз тарсу нодорӣ тарки Ватан мекарданд. Хушбахтона, имрӯзҳо бо таваҷҷуҳ ба беҳтар гардидани шароити иқтисодии кишвар ин масъалаҳо мунтафӣ шудаанд. Вале дар ҳар сурат кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ маконҳои аслие мебошанд, ки шаҳрвандони мо ба он ҷо барои кор мераванд. Дуруст аст, ки муҳоҷират вазъи молиявии хонаводаҳои тоҷикро бамаротиб беҳ намудааст. Аз ин лиҳоз, муҳоҷирати меҳнатӣ дар пайи худ падидаҳои манъус ва махуфро низ дар дил дорад, ки ин ҳам бошад гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгароӣ ва тундгаро мебошад.

Вақте таркибан ба муҳоҷирин назар меандозем, мебинем, ки дар байни онҳо ҷавонони синни 17-18-солае, ки ҳеҷ гуна ихтисосе надоранд, кам нестанд. Ин ҷавонон, ки тоза аз курсии мактабӣ берун омадаанд ва ё ҳатто муассисаи таълимиро фориғ нашудаанд, табъан ҳеҷ гуна ихтисос надоранд ва неруи арзони кориро ташкил медиҳанд ва боз ин ҷавонон имкон дорад, сафҳои неруҳои иртиҷоиро низ пур кунанд, чунки на таҷриба корӣ ва на таҷрибаи ҳаётӣ доранд ва хатари гаравидани онҳо ба сафи неруҳои тундрави дингарои мухталиф, ки ҳоло хеле зиёд шудаанд, ба маротиб зиёд мебошад. Дигаргуниҳои амиқи сиёсӣ ва иқтисодии солҳои охир боиси авҷ гирифтани ҷараёнҳои мухталиф дар кулли минтақа ва ҷаҳон шудааст ва ин ҷараёнҳо ин қадар бо суръати баланд вориди ҷомеа шуда истодаанд, ки ҳамаву ҳамагонро ба доми худ кашида ба масирҳои мухталиф суқ медиҳанд, ки он метавонад барои бисёре аз ҷавомеаи кишварҳои тозабаистиқлолрасидаи Осиёи Марказӣ хатарнок ва хатарзо бошад. Бахусус тафаккур ва андешаи ин ҷавонони камтаҷриба зери ҳамлаи мағзӣ қарор мегирад ва вақте кор аз кор гузашт, пеши роҳ онро гирифтан амри муҳол ва мушкил мебошад.

«Дар давоми 15 соли охир масъалаҳои аз ҳама душвор дар ҷараёни

густариш ёфтани муҳоҷират пайдо гардиданд. Вазъияти баамаломада ба амнияти давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Имрӯз миқёси муҳоҷират ва ҷараёнҳои гуногуни он роҳҳои нави ҳалли муаммоҳои амниятиро тақозо мекунанд ва дар сатҳи давлатӣ баррасӣ намудани масъалаҳои мазкур хеле зарур аст. Бо вуҷуди он, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26- уми июли соли 2000 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба муҳоҷират» қабул шудааст ва Хадамоти давлатии муҳоҷират дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, ҳоло базаи ҳуқуқии бисёр масъалаҳои муҳоҷиратӣ коркард нашудааст» [93, с.226].

Бо дарназардошти вазъи кунунии таълими касбӣ, дар моҳи марти соли 2008 дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии мамлакат бо дастури Ҳукумат муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» бо филиалҳо дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар), Кӯлоб, Конибодом ва ноҳияи Тоҷикобод таъсис дода шуд.

Агар ба фаъолияти ин муассиса ва шуъбаҳои дар манотиқи кишвар қарор дошта назар андозем, мебинем, ки то ба имрӯз ҳазорон нафар шаҳрвандони аз синну соли 18-сола то синни 60-сола аз рӯйи 48 касбу ҳунар шомили ин марокиз гардид. Дар солҳои минбаъда шумораи хонандагон якчанд баробар афзуда, рӯйхати касбу ҳунар васеъ гардид. Дар байни касбу ҳунарҳои омузишӣ занону духтарони маҳаллӣ хеле зиёд буданд, ки тибқи шароити маҳаллӣ ва ниёзҳои кадрҳо касбҳои дӯзандагӣ, ошпазӣ, бофандагӣ, дизайнер, ороишгари мӯйҳои занона ва кондитерӣ аз худ мекарданд ва ҳамчунин забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ ва англисиро меомухтанд ва пас аз хатми таҳсил диплом ва сертификат мегирифтанд.

Дар як муддати кутоҳ, «яъне то аввали соли 2012 бо дастгирии масъулин теъдоди чунин муассисаҳои таълимӣ дар қаламрави мамлакат ба 28 адад расид, ки дар он зиёда аз 45 ҳазор нафар бекорон аз рӯйи 50 намуди ихтисосу касбҳо таълим гирифтаанд», ки қариб 20 ҳазор нафар

хонандагон занону духтарони бекор буданд.

Дар давоми даҳ соли оянда «бо мақсади васеъ кардани шабакаи муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» филиалҳои он дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ: Хоруғ, Ванҷ, Дарвоз, Панҷакент, Мастчоҳ, Ёвон, Ш. Шоҳин ва Қубодиён низ таъсис дода шуданд» [28]. Дар Тоҷикистон Кумитаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таъсис дода шудааст. Дар ин бора қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №429 аз 6 сентябри соли 2023 ба имзо расидааст, хабар медиҳад МИАТ Ховар. Тавре ки дар қарор зикр гардид, ба Кумитаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар самти таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ супорида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқоти мо даҳҳо мусоҳибаҳои амиқ бо занони муҳоҷир, оилаҳои онҳо ва ҷомеа гузаронида шуданд.

Тавассути мусоҳибаҳои амиқ маълумот дар бораи таҷрибаи субъективӣ, эътиқод, тафаккур, ангеза, талошҳои пурсидашудагон ва ғайра дар шароити мушаххасе, ки онҳо дар он қарор доранд, ба даст оварда шуд. Усули омузиши ҳолатҳои мушаххас дар таҳқиқот истифода шудааст, он имкон дод, ки бо 18 оилае, ки аъзои онҳо муҳоҷирони меҳнатӣ буданд ё ҳастанд, омузиши амиқ гузаронанд. Бояд гуфт, ки таҳлили мо ба гузаронидани таҷриба асос ёфтааст, маводи саҳроии босифат ва муфассалтар мебошад. Мо дар назар надорем, ки заноне, ки дар доираи таҳқиқот мусоҳиба гузаронидаанд, аз ҳамаи занони муҳоҷири меҳнатӣ дар Тоҷикистон намояндагӣ мекунанд ва мо аз ҷамъбасти васеи миқдорӣ дар асоси фаъолияти саҳроии худ эҳтиёткорем. Аммо мо итминон дорем, ки ҳар як таҷриба беназир аст ва дар маҷмуъ, маълумоте, ки мо ҷамъ овардаем, вазъи муҳоҷирони меҳнатии занро тақвият медиҳанд.

Назарсанҷӣ ва пажуҳишҳои илмии охир бармало нишон медиҳанд,

ки сарфи назар аз он ки муҳоҷирон дар кадом минтақае аз дунё қарор доранд кӯшиш мекунанд ҳувияти миллӣ ва дину оини хешро ҳифз кунанд. Яъне барои онҳо реша ва бунёди хеш ҳамеша муҳим аст. Аз ин рӯ, онҳое, ки дар ин ё он минтақаи дунё кор мекунанд, ҳамзамон муаррифгари тамаддун ва фарҳанги давлат ва миллати хеш мебошанд. Дар ҳамин ҷо зикр кардан ба маврид аст, ки ин ашхос дар баробари дарёфти маблағ барои зиндагии хеш боз масъулияти муаррифии давлат ва миллати хешро низ доранд. Ва ин ашхос бояд фаромӯш накунанд, ки мутобиқ ба рафтору кирдор ва пиндори онҳо дар зимни муҳоҷират аҳолии бумии манотиқи дунё ва бахусус Русия моро арзёбӣ мекунанд. Агар онҳо хушмуомила ва хушрафтор бошанд моро низ чунин мепиндоранд ва мепазиранд, ки ин барои ҳамкориҳои минбаъда нақши калон мебозад. Эҷоди имиҷи хуб дар арсаи байналмилалӣ кори хеле сахт ва сангин мебошад, ки онро дар баробари масъулин ҳар як шаҳрванди мамлакат бар уҳда дорад.

Паёми солонаи роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санади муҳим ва дастурест, ки кулли самтҳо ва бахшҳои фаъолияти аҳолии мамлакат, минҷумла меҳнат ва фаъолияти занонро дар бар мегирад ва дар паст кардани раванди муҳоҷирати меҳнатии занон ба хориҷа ва дар дохили кишвар нақши муҳим мебозад. Дар байни дигар самтҳои афзалиятнок ва муҳим дар охири соли 2022 Сарвари давлат ба соҳаи фаъолият ва ҳаёти занону духтарони мамлакат таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, аз ҷумла зикр намуданд: «Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат ҷиҳати дастгирии занону духтарон ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа тадбирҳои зиёди судманд амалӣ намуд. Аллакай, имрӯз 25 фоизи шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ, аз ҷумла кормандони идоракуниро занон ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, занон 73% дар соҳаи маориф, 71% дар соҳаи тандурустӣ, 47% дар фарҳанг, 39% дар бонкдорӣ, 25% дар робита бо, қариб 40% дар соҳаи хизматрасониҳои

иттилоотӣ мебошанд» [43]. Таъсиси стипендияҳои президентӣ ба баланд бардоштани фаъолияти тиҷоратии занону духтарон мусоидат кард ва онҳо дар баробари беҳтар кардани вазъи оилавии худ, ҳоло ба рушди иқтисодиёти кишвар таъсири назаррас мерасонанд.

Бонкҳои Тоҷикистон дар тайи солҳои охир маблағи беш аз 3 млрду 400 млн сомонӣ ба духтарону занон барои пешбурди корҳои соҳибкориашон вом додааст, ки ин арқом нисбат ба чанд соли қабл дурустараш соли 2018 2,4 баробар зиёд мебошад.

Дар маҷмуъ, дар панҷ соли охир маблағи қарзҳои ба занон додашуда 12,1 млрд сомониро ташкил додааст. Маълумоти овардашуда далели рӯшани фаъолияти занон дар иқтисодиёти кишвар мебошад. Соҳиби касбу ҳунар намудани занону бонувон ва духтарон яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти масъулини мамлакат маҳсуб меёбад. Тули беш аз 21 сол бештар аз 504 ҳазор духтарону занон муассисаҳои ҳамаи сатҳҳои таҳсилоти касбиро хатм намуда, соҳиби тахассус шуданд. Ин теъдод наздики 239 ҳазор нафар маълумоти олии касбӣ гирифта ва наздики беша аз 100 ҳазор нафари дигари духтарон дар ҳоли ҳозир дар донишгоҳҳои Тоҷикистон ва хориҷ аз он ба таҳсилоти олӣ машғуланд.

Сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатии занон дар дохил ва хориҷи кишвар бо роҳи қабули даҳҳо санад қарорҳо ва созишномаҳои ҳамкории байнидавлатӣ бо кишварҳое, ки муҳоҷирон ва фаъолияти вазорату идораҳои дахлдорро қабул мекунанд, бо дастгирии ҷомеа метавонанд фоидаи калон расонанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ дар диаграммаҳо инъикос ёфтаанд, метавонанд ба тамоюлҳои муасири сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ андозанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳ соли охир даҳҳо муассисаҳо ташкил карда шуданд, ки ҳар сол новобаста аз синну сол садҳо мардону занонро бо омузиши ройгони ҳунар

фаро мегиранд. Ин падида яке аз равандҳои дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ дар сатҳи Ҳукумати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар маълумоти таҳқиқотӣ дар бораи шумораи занони соҳибкор, занони хонашин, хизматчиёни давлатӣ, донишҷӯён, хонандагони синфҳои болоӣ, заноне, ки дар деҳот кор мекунанд ва ғайра гузаронида мешавад. Аз маълумоти дар диссертатсия овардашуда маълум мешавад, ки сарфи назар аз касбҳои гуногун, баъзе омилҳои дар бобҳои қаблӣ зикршуда занонро маҷбур мекунанд, ки дар ҷустуҷуйи даромад муҳоҷират кунанд.

Пешбинӣ мешавад, ки раванди муҳоҷират метавонад дар Тоҷикистон барои ташаккули қишри миёна замина бигузорад. Агар ба таърихи ҳудуди сад сол қабли раванди муҳоҷират дар кишварҳои осиёӣ, аз ҷумла Чину Филиппин, назар афканем, муҳоҷират тавонистааст, дар ин кишварҳо таҳаввулоти фикриву фарҳангӣ низ ба миён оварад. Масалан филиппиниҳое, ки ба муҳоҷират рафтанд, худашон ва ё фарзандҳояшон билохира ба ватан баргаштанд, ки ба нумуи минбаъдаи давлат асос гузоштанд.

Тибқи нишондод шумораи занони пурсидашуда 65,3% дар кишварҳои дигар, новобаста аз синну сол, кор мекунанд. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки 13,4% занон ва духтарон аз сабаби набудани саробони оила, 7,2% аз сабаби хоҳиши беҳтар кардани шароити зиндагӣ ба хориҷи кишвар сафар мекунанд. Аммо 2,1% пурсидашудагон бар ин назаранд, ки занон набояд ба муҳоҷирати кории хориҷӣ раванд. Зиёда аз 1 фоизи пурсидашудагон гуфтаанд, ки муҳоҷирати меҳнатии занон боиси ҷудошавӣ аз оила ва кӯдакон ва пароканда шудани оила мегардад. Пурсишҳо инчунин нишон доданд, ки тақрибан ба 11 фоизи пурсидашудагон посух додан душвор аст. Натиҷаҳои таҳқиқот ҷанбаҳои зиёди ҳаёти занонро дар байни шаҳрҳо ва ноҳияҳо муайян мекунанд. Занони муҳоҷирон аксар вақт маҷбур буданд, ки аз сабаби зарурати зуд

ба даст овардани пул ба кори ҷисмонӣ, хатарнок ва ноамн машғул шаванд.

Аз аввали солҳои 2000-ум дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии шуғли аҳолӣ таъсис дода шуд, ин агентӣ шаҳрвандонро бо кор таъмин менамояд. Ин муассиса дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат намояндагиҳои худро дорад ва мунтазам ба аҳолӣ рӯйхати ҷойҳои холии кориро пешниҳод менамояд. Тибқи нақшаи Агентӣ дар якҷоягӣ бо ҳокимияти иҷроияи ноҳияҳо ҳар семоҳа ярмаркаи ҷойҳои холии кор баргузор карда мешавад [39].

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти муассисаи мазкур дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ бо ҷойи кор таъмин намудани занону духтарони деҳот мебошад. Аммо, ба гуфтаи коршиносон, норасоии ҷойҳои корӣ ва маоши кам дар ҷойҳои кории пешниҳодшуда доираи фаъолияти ин оҷонсиро танг мекунад ва барои бемайлон пешбурди фаъолияти он монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунад. Далелҳо нишон медиҳанд, чӣ мешавад, агар Агентии шуғл ба ҳисоби миёна дар як моҳ аз 300 то 500 ҷойҳои корӣ пешниҳод кунад, танҳо аз 250 то 300 ҷойҳои корӣ ишғол карда мешаванд [39].

Яке аз рукнҳои асосии шакли муҳоҷирати меҳнатӣ ин муҳоҷирати байнидавлатӣ ба шумор меравад, ки тибқи Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 шумораи воридшавандагон дар 12 сол (аз соли 2010 то соли 2021) аз беруншудагон камтар мебошад.

**Ҷадвали 7. Муҳоҷирати байнидавлатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010 – 2021 (ҳазор нафар)**

| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи ворид-шудагон | 1,3 | 1,0 | 1,1 | 0,7 | 0,6 | 0,6 | 0,5 | 0,4 | 0,3 | 0,3 | 0, 1 | 0,3 |
| Шумораи беруншудагон | **5,4** | 4,0 | 4,2 | 3,5 | 3,3 | 2,9 | 2,8 | 2,2 | 2,4 | 9,7 | 1,2 | 1,4 |
| Фарқият | -4,1 | -3,0 | -3,1 | -2,8 | -2,7 | -2,3 | -2,3 | -1,8 | -2,1 | 9,4 | -1,1 | -1,1 |

**Манбаъ: Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040**

Тавре ки зикр кардем, агар яке аз сабабҳои даст кашидан аз ҷойҳои кории пешниҳодшуда сатҳи пасти музди меҳнат бошад, пас сабаби дигар набудани дипломҳои тахассусӣ ва малакаҳои марбут ба талаботи кор мебошад.

Вазъи феълии муҳоҷиратиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи авомили иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсӣ, демографӣ мушаххас мекунад. Омилҳои асосии афзуншавии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши табиӣ дар заминаи тренди демографӣ мебошад. Муҳоҷират ба миқдори аҳолии мамлакат аз диққати вазъи демографии кишвар таъсири калон мерасонад.

Тайи ин муддат, дар кулл, беш аз 30 санади меъёрию ҳуқуқӣ, ду барномаи давлатӣ ва як идда қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия оид ба муҳоҷират бо мақсади таҳким бахшидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия вобаста ба навгониҳои қонунгузории муҳоҷиратӣ, ҷилавгирӣ аз ҷинояткорӣ ва шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои тундраву моҷароҷӯ, вохуриҳои судманд анҷом дод.

Зимни вохурӣ оид ба роҳу василаҳои ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳаёту фаъолияти муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар минтақаи Урал, роҷеъ ба зарурати аз ҷониби ҳамватанон риоя кардани қонунгузории кишвари иқомат ва муносибати эҳтиромона зоҳир намудан нисбат ба фарҳангу суннатҳои мардумони бумӣ (таҳҷоӣ), дурӣ ҷустан аз ҳизбу ҷунбишҳои номатлубу хатарзо ва созмону гурӯҳҳои террористиву ифродгаро ибрози андеша гардид.

Тавзеҳ дода шуд, ки, мутаассифона, то ҳол баъзе раванду ҳодисаҳои номатлуб дар байни ҷавонони тоҷикистонии муқими Россия ба мушоҳида

мерасанд. Чунончи, аъзои созмону гурӯҳҳои номатлубу хатарзо, аз ҷумла, ташкилотҳои дар қаламрави Тоҷикистону Россия мамнуъ пайваста аз тариқи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ фаъолияти таблиғотии муғризонаю иғвоангези худро пиёда намуда, ҷавонони ноогоҳу зудбоварро гумроҳ месозанд ва онҳоро барои содир намудани амалҳои зиддиконститутсионӣ ва террористиву экстремисти водор менамоянд.

Дар иртибот иброз гардид, ки ҳар як фаъоли ҷамъиятӣ бояд саъю кӯшиш намояд, то дар минтақаю арсаи фаъолияташ корҳои ғоявию фаҳмондадиҳиро миёни ҷавонони тоҷикистонӣ ҷиҳати пешгирии шомилшавии онҳо ба сафи ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои номатлубу хатарзо ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ густаришу тақвият бидиҳад. Ба ҳамватанони ҷавон бо далелу бурҳон бояд фаҳмонд, ки ба таблиғоти муғризонаву бардурӯғи ҳизбу гурӯҳҳои болозикр дода нашаванд ва дар қаламрави кишвари иқомат аз пайи кори созанда ва ободии Ватану рӯзгори худ бошанд. Дар чорабиниҳои фарҳангиву варзишӣ дар кишвари иқомат иштироки фаъолона дошта бошанд ва давлату миллати худро ба таври шоиста муаррифӣ намоянд.

Дар ҷараёни мулоқот ҳамзамон мубодилаи озоду созандаи афкор сурат гирифт. Ҳамватанон дар хусуси дуруст намудани ҳуҷҷатҳои буду бош ва тарзи дастрас намудани баъзе ҳуҷҷатҳои лозима аз Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Екатеринбург суолҳо намуда, ҳамзамон ибрози назару пешниҳодоти хешро манзур намуданд. Поймолкунии ҷиддии ҳуқуқи занон дар давраи ҷангҳои ҷаҳонӣ ҷомеаи байналмилалиро водор намуд, ки санади универсалии ифодакунандаи ҳуқуқи занонро ба тасвиб расонад. Ҳамин боис шуд, ки бо ин мақсад якчанд санадҳои байналмилалӣ, ба монанди Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ, қатъномаи СММ аз 18-уми декабри соли 1979, Конвенсия оид ба рафъи ҳамаи шаклҳои табъиз нисбати занон ва Эъломия оид ба рафъи табъиз

нисбати занон 20-уми декабри соли 1993 тасдиқ карда шуданд.

Дар сатҳи миллӣ низ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила", Қонун "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз" ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа" қабул шудаанд, ки баҳри амалисозии ҳуқуқи занон ва мустаҳкамкунии муносибатҳои оилавӣ замина мегузоранд.

Бо назардошти аҳаммияти масъала, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба шуғл ва омузиши касбу ҳунарҳои гуногун ҷалб намудани аҳолӣ, бахусус занону ҷавонон афзалият ва таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода, дар ин ҷода мунтазам тадбирҳои муассирро тарҳрезӣ ва амалӣ менамояд.

Тибқи маълумот дар панҷ соли охир ба мақомоти меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии вазорат маҷмуан 273,0 ҳазор нафар занон муроҷиат намудаанд, ки аз ин шумора 202,0 ҳазор нафар ба ҳайси корҷӯ ба қайд гирифта шудааст.

Бо мақсади ба шуғли муваққатӣ ҷалб намудани занон мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар асоси қарордод бо корфармоён 9,4 ҳазор нафар занҳои бекорро ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар намуда, бо ин мақсад аз ҳисоби маблағҳои буҷети Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ 1,1 млн. сомонӣ иловапулӣ ба музди меҳнат дода шудааст.

Дар баробари ин бо мақсади дастгирӣ намудани ташаббуси занон ҷиҳати машғул шудан ба соҳибкории хурд аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолии вазорат ба 7,9 ҳазор нафар зан ба ҳисоби миёна ҳамасола дар ҳаҷми 6,0 млн. сомонӣ қарзҳои имтиёзноки бефоиз дастрас карда шудааст.

Ҷиҳати ба тайёрии касбӣ фаро гирифтани занону духтарон дар панҷ

соли охир бо роҳхатҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар муассисаҳои низоми таҳсилоти калонсолони Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, яъне ба таври ройгон 60 ҳазор нафар занону духтарон ба омузиши касбу ҳунарҳои гуногун ҷалб гардидаанд.

Воқеан, тайи чанд соли охир майлу рағбати занону духтарон ба омӯзиши касбу ҳунарҳои миллӣ ва муосир тамоюли афзоиш дорад ва дар ин ҷода вазорат барои ба омузиш фаро гирифтани онҳо шароити заруриро матраҳ намудааст.

Бо мақсади дастрасии васеи занону духтарон ба омузиши касбу ихтисосҳои ғайрианъанавӣ, фароҳамсозии шароити мусоид ва имконияти иловагӣ барои бо ҷойи кор таъмин шудани онҳо аз рӯи ин касбу ихтисосҳо, ба даст овардани музди меҳнати арзанда ва ба ин васила баланд бардоштани даромади оилаҳо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои занон дастӣ бардоштан ва кашонидани онҳо иҷозат дода мешавад" қабул ва тасдиқ карда шуд.

Бо тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шудани ин санад, номгӯи корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ шуда буд аз 336 то ба 194 номгӯй кам гардид, ки ин тадбир барои занону духтарон имконияти иловагии бокортаъминшавӣ, ба даст овардани музди меҳнати баланд ва беҳдошти шароити зиндагиро фароҳам меорад.

Бояд қайд намоям, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти низоми меҳнат ва истироҳат барои занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, танаффус барои ғизои кӯдак, муқаррар кардани вақти нопурраи корӣ барои занон ва дигар шахсоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд, маҳдудияти истифодаи ҷамъи баҳисобгирии вақти корӣ барои занони ҳомила, муваққатан ба кори дигар гузаронидани зани ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то яксолаву

шашмоҳа доранд, кафолат нисбати занон ва дигар шахсоне, ки уҳдадории оилавӣ доранд, ҳангоми муқаррар намудани навбати пешниҳоди рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда, рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак, кафолатҳо барои занони ҳомила ва фарзанддор ҳангоми ба кор қабул кардани онҳо, рухсатии корманде, ки кӯдакони навзодро фарзандхон кардаанд ё васии онҳо мебошанд ва инчунин кафолат ва имтиёзҳо ба шахсоне, ки кӯдаконро бе модар тарбия мекунанд, ба танзим даровардааст.

Ҳамин тавр, вазорат ҷиҳати дар сатҳи арзанда татбиқ намудани ҳифзи ҳуқуқҳои занон пайваста талош меварзад ва барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, аз ҷумла ҳифзи меҳнати занон тадбирҳои судманд роҳандозӣ менамояд.

Бояд дарҷ намуд, ки бар асари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар солҳои аввали истиқлоли давлатӣ низоми муттасили шуғл ва бо кортаъмикунӣ фалаҷ гардид, ки он ба вусъати муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа замина гузошт.

Ба хотири ҳаллу фасли масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва роҳандозии хизматрасонии давлатӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти муҳоҷират ва сохторҳои он дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таъсис дода шуд, ки дар он 263 нафар мутахассис кору фаъолият доштанд.

Ҳамзамон, дар ин давра ҷиҳати танзими фаъолият дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ Муассисаи давлатии «Марказҳои машваратӣ ва тайёрии қабул аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ» дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд ва Бохтар, Муассисаи давлатии «Агентии бо кортаъминкунӣ дар хориҷа» ва шуъбаҳои он дар минтақаҳо, ҳамчунин Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсия Русия оид ба муҳоҷират таъсис дода шуд.

Дар нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 майи соли 2024 қайд гардидааст, ки поймолкунии ҷиддии ҳуқуқи занон дар давраи ҷангҳои ҷаҳонӣ ҷомеаи байналмилалиро водор намуд, ки санади универсалии ифодакунандаи ҳуқуқи занонро ба тасвиб расонд. Ҳамин боис шуд, ки бо ин мақсад якчанд санадҳои байналмилалӣ, ба монанди Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ, қатъномаи Созмони миллали муттаҳид аз 18-уми декабри соли 1979, Конвенсия оид ба рафъи ҳамаи шаклҳои табъиз нисбати занон ва Эъломия оид ба рафъи ҳамаи шаклҳои табъиз нисбати занон 20-уми декабри соли 1993 тасдиқ карда шуданд.

Дар сатҳи миллӣ низ якчанд қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила”, Қонун “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз” ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа” қабул шуданд, ки баҳри амалисозии ҳуқуқи занон ва мустаҳкамкунии муносибатҳои оилавӣ замима мекузоранд.

Бо назардошти аҳаммияти масъала, вазорат барои ба шуғл ва омузишӣ касбу ҳунарҳои гуногун ҷалб намудани аҳолӣ, бахусус занону ҷавонон афзалият ва таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода, дар ин ҷода мунтазам тадбирҳои муассирро тарҳрезӣ ва амалӣ менамояд.

Тибқи маълумот дар панҷ соли охир ба мақомоти меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии вазорат маҷмуан 273 ҳазор нафар занон муроҷиат намудаанд, ки аз ин шумора 202 ҳазор нафар ба ҳайси корҷӯ ба қайд гирифта шудааст.

Бо мақсади ба шуғли муваққатӣ ҷалб намудани занон муқомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар асоси қарордод бо корфармоён 9,4 ҳазор нафар занҳои бекорро ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар

намуда, бо ин мақсад аз ҳисоби маблағҳои буҷети Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ 1,1 млн. сомонӣ иловапулӣ ба музди меҳнат дода шудааст.

Дар баробари ин бо мақсади дастгирӣ намудани ташаббуси занон ҷиҳати машғул шудан ба соҳибкории хурд аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолии вазорат ба 7,9 ҳазор нафар зан ба ҳисоби миёна ҳамасола дар ҳаҷми 6,0 млн. сомонӣ қарзҳои имтиёзноки бефоиз дастрас карда шудааст.

Ҷиҳати ба тайёрии касбӣ фаро гирифтани занону духтарон дар панҷ соли охир бо роҳхатҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар муассисаҳои низоми таҳсилоти калонсолони Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, яъне ба таври ройгон 60,0 ҳазор нафар занону духтарон ба омузиши касбу ҳунарҳои гуногун ҷалб гардидаанд.

Воқеан, тайи чанд соли охир майлу рағбати занону духтарон ба омӯзиши касбу ҳунарҳои миллӣ ва муосир тамоюли афзоиш дорад ва дар ин ҷода вазорат барои ба омӯзиш фаро гирифтани онҳо шароити заруриро матраҳ намудааст.

Бо мақсади дастрасии васеи занону духтарон ба омузиши касбу ихтисосҳои ғайрианъанавӣ, фароҳамсозии шароити мусоид ва имконияти иловагӣ барои бо ҷойи кор таъмин шудани онҳо аз рӯйи ин касбу ихтисосҳо, ба даст овардани музди меҳнати арзанда ва ба ин васила баланд бардоштани даромади оилаҳо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои занон дастӣ бардоштан ва кашонидани онҳо иҷозат дода мешавад” қабул ва тасдиқ карда шуд.

Дар иртибот ба ҳифзи ҳуқуқ ва манофеи муҳоҷирин ва шаҳрвандони мамлакат дар ин давра 3 созишномаи байниҳукуматӣ бо Федератсияи Русия, 4 созишнома бо Ҷумҳурии Қазоқистон, як созишнома бо Ҷумҳурии

Беларус ва ёддоштҳои тафоҳум бо Аморати Муттаҳидаи Араб ва Давлати Қатар ба имзо расонида шуд.

Бо кӯшишу талошҳои пайвастаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои охир робита бо диаспораҳои тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ рушд ёфта, онҳо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои муҳоҷират, дастгирии сиёсати сулҳпарваронаи давлати Тоҷикистон дар хориҷ, тарғиб ва нигоҳдошти арзишҳои миллӣ, фарҳанг, таърих ва забони миллати тоҷик бештар ҷалб карда шуданд.

Бо мақсади тақвияти ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷикон, муҳоҷирони меҳнатӣ, соҳибкорон, ҳамватанон ва тоҷикони бурунмарзӣ, ҷалб ва сафарбар намудани онҳо барои таъмини рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсия дар бораи ҷалби ҳамватанони бурунмарзӣ ҳамчун шарикони рушди кишвар қабул гардид. Илова бар ин, дар дастгоҳи марказии вазорат бо мақсади танзими ин масъала шуъбаи кор бо диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ таъсис дода шуд [187]. Дар ин замина дар Ватан ва хориҷ аз он корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд, то ин падида вориди як маҷрои мушахассу муайян гардад ва онҳое, ки шомили ин ҷараён гаштаанд бар асари ҳаводиси ногувор камтар мавҷиби зарару зиён шаванд. Мо хуб медонем, ки давлатҳои пазирандаи муҳоҷирон низ дар ҳоли тағйиру таҳаввуланд ва моро лозим аст, ки ин нуктаро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунем ва онро ҳамеша дар мадди назар дошта маҷрои муҳоҷиронро дар бастари дурусту солим равона кунем, то онҳо дар кишварҳои пазиранда камтар машмули зарару зиён шаванд.

Қобили зикри хос аст, ки сиёсати муҳоҷират дар давлатҳои қабулкунанда ва интиқолдиҳандаи муҳоҷирон доимо иваз мегардад ва вобаста ба он қонунгузории давлатҳои ҳавасманд низ, бояд дар ин самт аз нигоҳи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирои ва аъзои оилаи онҳо, саривақт такмил дода шавад. Зеро, дар шароити ивазшавандаи сиёсати

муҳоҷирати байналмилалӣ, хусусият ва ҷараёни рафтуомади муҳоҷирон, асосу омилҳои он ва аз ҳама муҳимтар, муносибати шаҳрвандони маҳаллӣ ба муҳоҷирон тағйир меёбад ва бо мақсади пешгирии ҳолатҳои ғайричашмдошт нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ, тадбирҳои фавриву натиҷабахш андешидан лозим аст [143].

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи сафарҳои расмии хориҷиашон бо муҳоҷирони меҳнатӣ, диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ вохуриҳо барпо карда, доир ба ҳалли мушкилоти онҳо ба мақомоти дахлдори давлатӣ дастуру супоришҳо медиҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳалли душвориҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, пайдарҳам то соли 2015 Барномаҳо ва Стратегияҳои миёнамуҳлатро ҷиҳати пешгирии мушкилот дар ин самт қабул мекард.

Ҳамин тавр, масъалаи таърихии коҳиш ёфтани муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занонро таҳлил намуда, ба ин мақсад ва дар асоси таҳқиқоти илмии гузаронидашуда, ки аз таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ бармеоянд, барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар самти муҳоҷират, ба андешаи мо ҳалли се масъалаи зерини калидӣ зарур аст:

а) интихоб ва такмили сиёсати ҳадафмандона дар соҳаи муҳоҷират;

б) қабули қонунгузории муосир ва ҳамкориҳои натиҷабахши байнидавлатӣ ва байниидоравӣ;

в) танзим ва идоракунии давлатии муҳоҷират.

Дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 декабри соли 2024 масъалаи занон чунин матраҳ гардид: «Дар кишвар 25 фоизи хизматчиёни давлатӣ, 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 71 фоизи кормандони соҳаи тиб, 47 фоизи кормандони соҳаи фарҳанг, 37 фоизи олимон ва 30 фоизи соҳибкоронро бонувону занон ташкил медиҳанд».

Сиёсати созандаи Пешвои миллат аст, ки имрӯз дар асоси таҳқиқоти охир теъдоди зерини занон дар умури иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ фаъолият менамоянд: «Аз оғози ҷорӣ гардидани квотаи Президентӣ, яъне дар 28 соли охир 11 ҳазору 600 нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро бо квотаи Президентӣ хатм кардаанд. Илова бар ин, зиёда аз 35 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷиро хатм карда, соҳибмаълумот шудаанд. Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд. Дар маҷмуъ, дар 34 соли истиқлоли кишвар шумораи вазирзанон 13 нафар шуда, аз шумораи вазирзанони 70 соли Шуравӣ, ки дар Тоҷикистони шуравӣ ҳамагӣ 5 нафар занони тоҷик ба ҳайси вазир фаъолият намуда буданд, болотар аст. Ҳамчунин, дар мансаби муовинони Сарвазир 9 занон ва дар тули 7 даъвати Маҷлиси намояндагон 6 нафар бонуҳои тоҷик ба ҳайси муовинони Раиси МН МО ҶТ фаъолият намудаанд ва намуда истодаанд» [25].




**Диаграмаи 3. Рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (1991-2022)**

**Манбаъ: «Ҳадафҳои созандаи Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Сабурӣ Х.М.– Хуҷанд, 2025**

Қобили зикр аст, ки рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидои касбӣ ва таҳсилоти олии касбӣ боиси он гардидааст, ки занону духтарон ба таҳсил фаро гирифта шуда, соҳиби маълумот гарданд.

Боиси зикр аст, ки сафи занону бонувони тоҷик дар Парламенти кишвар зиёд гардида, имрӯз нақши боризе дар пешрафти ҷомеа доранд. Айни замон 10 нафар зан узви Маҷлиси миллӣ ва 18 вакилзан дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти пурсамар доранд. Боиси ифтихори мост, ки имрӯз садҳо нафар занону духтарон дар бунёди Неругоҳи барқи обии Роғун ва дигар сохтмонҳои азими кишвар софдилона кору фаъолият мекунанд. Масалан, дар иншооти стратегӣ – НБО-и Роғун 750 нафар занону духтарон кор мекунанд, аз ҷумла 40 нафари онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда мебошанд, беш аз 260 нафар занон дар НБО-и Норак ва Бойғозӣ, 1500 нафар занон дар корхонаи «Алюминийи тоҷик» кор мекунанд, ки аз ин рақам 150 нафар роҳбарони соҳаҳои гуногунанд.

Ҳамин тавр, роҷеъ ба масъалаҳои таҳқиқшаванда ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст. Яъне барои иҷрои масъалаҳои гузошташуда андешидани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошад:

1. Омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ дар самти интиқоли қувваи корӣ ба хориҷа ва вазъи бозори меҳнати ҷаҳонӣ;

3. Ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо давлатҳои қабули муҳоҷирон;

4. Бо таҷҳизоти замонавӣ ва мутахассисони таҷрибадор таъмин намудани омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникии ҷумҳурӣ ва тайёр намудани мутахассисони бомаҳорат барои бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар;

5. Роҳандозии як ниҳод дар иртибот ба муҳоҷират ва иттиҳодияҳои тоҷикони муқими манотиқи мухталифи Федератсияи Русия ва дигар кишварҳо дар ҷанбаи Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират

ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тайёр кардани мутахассисони ҷавону болаёқат дар ин соҳа бо роҳи кушодани шуъбаи муҳоҷират дар яке аз донишгоҳҳои мамлакат;

8. Ба ҳайати Парлумони мамлакат интихоб намудани вакилони мардумӣ аз байни муҳоҷирони меҳнатӣ, диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ. Ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур, ворид намудани тағйирот ба қонунгузории миллӣ.

Дар ҳолати иҷро гардидани масъалаҳои зикршуда, ба андешаи ин ҷониб Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият пайдо мекунад, ки идоракунии давлатиро дар соҳаи муҳоҷират татбиқ намуда, онро дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат самаранок истифода барад. Ҳамзамон, бо ба даст овардани натиҷаҳои назарраси фаъолият, Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои муваффақ дар соҳаи муҳоҷират пуриқтидор гардида, обрӯю эътибори худро дар арсаи байналмилалӣ таҳким мебахшад.




**Диаграммаи 4. Динамикаи муҳоҷирони кӯчидаомада ба Тоҷикистон дар солҳои 2000-2022**

**Манбаъ: Маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (https://www.stat.tj )**




**Диаграммаи 5. Динамикаи муҳоҷирони кӯчидарафта аз Тоҷикистон дар солҳои 2000-2022**

**Манбаъ: Маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (https://www.stat.tj)**




**Диаграммаи 6. Омори ҳунармандон аз рӯи минтақаҳо дар соли 2023, нафар**

**Манбаъ: Отчет о создани информационной базы данных или реестр о народных ремеслах и проведение обследование по сбору точных сведений о ремесленниках, https://www.stat.tj/wp-content/uploads/2024/07/hunarmandi-final-report-exeternal-handcraft.pdf**

Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи

байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод соли 2018 дар кишвар ҳамчун  Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардид. Бо гузашти солҳо бештари аз аҳолии кишвар, алалхусус, занон ба рушди анъанаҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ҷиҳати кам гардидани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва ба ҷойи корӣ доимӣ ҷалб шудан чораҳои муассир андешида шуд.

## ХУЛОСА

## I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Мо паҳлуҳои мухталифи масъалаи муҳоҷирати кории хориҷии занонро мавриди омузишу баррасӣ қарор дода, мушаххас намудем, ки ин масъала дар ҳоли ҳозир зери назари Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад ва масъулини давлату ҳукумати мамлакат онро ба таври асосӣ ва назаррас зери назар дошта, кӯшиш карда истодаанд, ки онро дар бастари дуруст равона намуда, ҳуқуқ ва вазифаҳои муҳоҷиринро дар кул ва бавежа занонро ба таври дуруст ҳисобӣ ҳифзу ҳимоя намоянд.

Ба андешаи ин ҷониб, ҳама гуна бозёфтҳо ва пешниҳодҳои илмии пешниҳодкардаи муҳаққиқон дар ин самт метавонанд дар танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ва махсусан муҳоҷирати меҳнатии занон, паст кардани суръати афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳамоҳангсозии илму истеҳсолот нақши муҳим дошта бошанд, илова бар тадбирҳои пешбининамудаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонанд ба беҳтар намудани зиндагии муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла занони муҳоҷир мусоидат намоянд. Боиси тазаккур аст, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи коҳишдодани муҳоҷирати меҳнатии занон чораҳои назаррас сурат гирифта истодааст, ки намунаи он қабули «Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» ба шумор меравад. Дар 162 банди он масъалаҳои коҳиш додани раванди муҳоҷират пешбинӣ ва амалӣ шудааст. Ҳамчунин, Дар Стратегияи мазкур қайд гардидааст: «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман 5 намуди муҳоҷирати аҳолӣ амал мекунад, ки аз рӯйи онҳо ҳисоботи омории давлатӣ гузаронида мешавад ва заминаи меъёрии ҳуқуқии дахлдор доранд:

- муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа;
- муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрї);
- муҳоҷирати экологӣ;

- муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муҳоҷирати шахсони гуреза ва паноҳҷуянда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Мушкилоти дигар, ин масъалаи мавриди таҳқиқи қарор нагирифтани муҳоҷирати меҳнатии наздисарҳадӣ, муҳоҷирати оилавӣ ва муҳоҷирати дастаҷамъӣ заминаи ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки то ҳол ба қадри кофӣ омухта нашудаанд ва таъминоти ҳуқуқии онҳо такмилро тақозо менамояд.

Ҳарчанд ки таҳлилҳо ҷиҳати омӯзиши ҷанбаҳои муассири самти муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди корбарӣ қарор гирифтааст, аммо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти ҳаллу фасл намудани мушкилотро дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ дарк намуда, ба амалисозии фаъолонаи тадбирҳои танзим намудани равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа аз ибитидои ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ шуруъ кард. Қобили зикр аст, ки ҳанӯз аз соли 1998 инҷониб барои фароҳам овардани заминаи дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ тадбирҳо андешида мешаванд, ки неруи мақомоти пешбарандаи ин раванд, ҳам дар дохил ва хориҷи кишвар рушд мекунад. Масалан, дар ҳудуди Федератсияи Россия ҳамчун давлати асосии қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон, аз соли 2001 Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳоҷират фаъолият мекунад, ки барои ҳалли мушкилот оид ба будубоши муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори давлати иқомат чораҳо меандешад. 26. Дар ин давра Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» соли 1999, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 октябри соли 1998, №411 «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2001, №242 «Дар

бораи Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, №277 «Дар бораи Консепсияи ҷалби ҳамватанони бурунмарзӣ ҳамчун шарикони рушди кишвар» бо нақшаи чорабиниҳои дахлдор оид ба амалисозии Консепсияи мазкур, инчунин як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ қабул карда шуданд. Дар асоси қонунгузории қабулшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, заминаҳои муҳоҷирати меҳнатии беруна, асосҳои муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишвар дар хориҷа, зарурат ва ҳадафҳои асосии сиёсати муҳоҷирати меҳнатии беруна, ҳадафҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва стратегии давлат, мундариҷа ва роҳҳои амалисозии сиёсати муҳоҷирати меҳнатии беруна, инчунин масъалаҳои ҳавасмандгардонии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ тавассути ташкили низоми ҳавасмандгардонии қувваи корӣ ба шуғли беруна муайян карда шуданд. Иштироки диаспораҳо, ҳамватанони бурунмарзӣ ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии давлат яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати шуғли аҳолӣ тавассути ташкили ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон ба хориҷа мебошад. Соҳаи муҳоҷирати меҳнатиро баррасӣ намуда, мушкилоти иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, сатҳи номуносиби маълумотнокии касбии муҳоҷирон ва низоми муассисаҳои таълимӣ дар самти тайёр намудани касбҳои коргарӣ, масъалаҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, мушкилоти диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ, тақвият бахшидани фаъолияти намояндагӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират дар хориҷа ва агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа, муҳоҷирати ғайрирасмӣ, масъалаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҳолати қонунгузории муҳоҷират ва бисёр мушкилоти дигаре, ки онҳо шабака ва низоми васеи ҷаҳонии муҳоҷирати меҳнатиро ташкил медиҳанд, сарфи назар кардан мумкин нест. Ҷумҳурии Тоҷикистон

мақсад дорад созишномаҳои байниҳукуматиро дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ бо он давлатҳое, ки талабот ба муҳоҷири меҳнатии хориҷӣ доранд ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии онҳоро кафолат медиҳанд, бо мақсади кам кардани дараҷаи хавф ҳангоми будубоши муҳоҷирон дар ҳудуди ин давлатҳо ба имзо расонад. То имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаҳои байниҳукуматиро асосан бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба имзо расонидааст, яъне бо он давлатҳое, ки моро бо онҳо таърихи муштарак, фарҳанг, илм, робитаҳои оилавӣ, робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва ғайра мепайванданд.

Хусусиятҳои омузиши мушкилоти мубрами муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занонро дар таърихшиносии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, аз он чунин бардошт шуд, ки ин раванд раванди ҷадид ва тоза маҳсуб ёфта, коршиносони соҳаро лозим аст, ки паҳлуҳои гуногуни онро вобаста ба шароити феълӣ ва тағйирпазирии авзои сиёсӣ ва иқтисодӣ чи дар дохил ва чи дар хориҷ аз кишвари азизамон Тоҷикистони соҳибистиқлол ба риштаи таҳқиқ бикашанд. Мо низ дар навбати хеш бо такя ба корҳои дар ин самт анҷом додашуда ва имконоту зарфияте, ки дар ихтиёр доштем, корҳоеро дар масири омӯзиши ин раванди барои ҷомеаи тоҷик дар шароити феълии ҷадиду тоза анҷом додем. Аммо ба ҳеҷ ваҷҳ мо муддаии таҳқиқи ниҳоӣ дар ин масир нестем. Доманаи васеи ин мавзуъ барои муҳаққиқони дигар низ замина дорад ва онҳо низ бо таваҷҷуҳ ба тақозои вақт ва замон паҳлуҳои мухталифи ин масъаларо метавонанд ба риштаи таҳқиқ кашида, далелу бурҳонҳои қотеи иллати доман задани ин проблемаро мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Ба қавли маъруф ин майдон барои муҳаққиқони дигар низ боз аст, то онҳо бо такя ба корҳои анҷомдодашуда ва равияҳои маъмул андешаҳои худро мактуб кунанд

Ин масъала барои илмҳои сотсиологӣ, иқтисодӣ, демографӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ - фалсафӣ ва ғайра падидаи нисбатан нав ва аз бисёр ҷиҳат кам омухташуда ба ҳисоб меравад. Дар асоси омузиши амиқу мушаххаси

масъалаи таҳқиқшуда хулосаҳои зеринро баровардан мумкин аст:

1. Мафҳуми муҳоҷирати меҳнатӣ дар доираҳои илмӣ мавзуи нав нест. Ин раванд дар таърихи халқҳои ҷаҳон дар тули асрҳо идома ёфта, тавассути марҳилаҳо ва шаклҳои гуногун пеш меравад. Аммо дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ муҳоҷирати меҳнатӣ дар шакли комилан нав ба вуҷуд омада, аксари кишварҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст. Донишмандони соҳа низ паҳлуҳои мухталифи масъалаи мазкурро ба риштаи таҳқиқ кашида перомуни ин масъала ва масоили ҷонибии он андешаҳои бикр баён доштаанд ва ҳамзамон ишора ба он кардаанд, ки дар маҷмуъ ин раванд, яъне раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба бозори меҳнати чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар таъсири амиқ мегузорад [2-М].

2. Дар Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатии занон дар шароити шуғли хориҷӣ дар ибтидои асри нав ба вуҷуд омада, дар солҳои минбаъда хеле суръат гирифт. Ба андешаи мо, агар дар аввали солҳои 2000-ум муҳоҷирати меҳнатии занон танҳо барои дастгирии оила ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ оғоз шуда бошад, пас дар солҳои минбаъда сабаби афзоиши ин раванд бо як қатор омилҳои дигар, аз ҷумла беҳтар шудани шароити зиндагӣ, таъмини шароити беҳтарини зиндагии кӯдакон дар оила алоқаманд аст [1-М].

3. Аксари заноне, ки барои кор ба хориҷа рафтанро интихоб кардаанд, асосан иҷрои корҳои рӯзмарарро зимни муҳоҷират пеша мекунанд. Ин корҳо метавонанд, рӯбучин, ошпазӣ, нигоҳубини кӯдак ва ё ашхоси калонсол бошад. Доираи фаъолияти занон дар муҳоҷират он қадар васеъ намебошад. Ин аз он сабаб аст, ки аксари занони муҳоҷир забони кишвари мизбонро намедонанд ва илова бар ин, барои ин муҳит касби зарурӣ надоранд. Чунин камбудиҳо дар раванди муҳоҷирати меҳнатӣ метавонанд мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд оранд, ки аксар вақт боиси норозигии занони муҳоҷир мешаванд [2-М, 3-М].

4. Шуғли муҳоҷирони меҳнатӣ бидуни шартномаҳои меҳнатӣ ва бидуни ҳуҷҷат, бахусус занон, дар шароити меҳнати Федератсияи Русия ва Қазоқистон доираи хеле васеъро фаро мегирад ва бештар ба манфиати корфармо мебошад. Лекин ин равиши муҳоҷирати меҳнатӣ, ки дар бештари манобеи илмӣ «муҳоҷирати ғайриқонунии меҳнатӣ» номгузорӣ шудааст, ба зарари худи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ба зарари давлат ва ҷомеа татбиқ мешавад. Зиёда аз 50 фоизи занони муҳоҷир, ки дар хонавода кор мекунанд ва соҳаи хизматрасонӣ аз ҷумлаи коргарони ғайриқонунии муҳоҷир мебошанд. Мисли ташкили кор оид ба танзими занони муҳоҷири меҳнатӣ, тавсеаи имкониятҳо барои кори бомуваффақият такмил додани имкониятҳои онҳоро барои муайян кардани намояндагони гурӯҳҳои мақсаднок, шинохтан ва талабот дар муҳити муайян талаб мекунад.

5. Дар шароити ҷаҳонишавӣ олимон моделҳои зиёдеро таҳлил ва пешниҳод карданд, ки ба самти ҳаёти оилавӣ таъсир мерасонанд. Яке аз чунин моделҳое, ки ба ҳаёти оилавии бисёре аз муҳоҷирон аз Тоҷикистон таъсир мерасонад, модели издивоҷ (шартномаи никоҳ) ва шиддат гирифтани муносибатҳои оилавӣ мебошад.

**II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

Дар доираи ҳадафу вазифаҳои таҳқиқи мавзуъ бо дарназардошти то андозае ба низоми муайян оварда расондан ва паст гардидани сатҳи муҳоҷирати меҳнатии занон аз Тоҷикистон ба дигар кишварҳо пешниҳод карда мешавад, ки:

1. Барои маҳдуд кардани муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба дигар кишварҳо, ки боиси мушкилот ва оқибатҳои нохуш мегардад, муассисаҳои дахлдори кишвар ва ҷомеа бояд тавассути маърифати иттилоотӣ ва таблиғоти васеъ тавассути ВАО чораҳои ҷиддӣ андешанд.

2. Ба гузориши даврӣ оид ба иҷрои Конвенсияи СММ оид ба рафъи ҳама гуна мушкилот ва зӯроварӣ нисбат ба занон бахше дар бораи

ҳуқуқҳои занони меҳнаткаши муҳоҷир, ки масъалаҳои гуногуни дар ҷараёни муҳоҷират ба миён омадаро инъикос менамояд. Аз ин рӯ, масъулин ва дастандаркоронро лозим аст, ки барои муталеъ сохтани занону бонувони муҳоҷир ва дар кулл ашхосе, ки нияти ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтан доранд корҳои лозимаро дар дастури иҷрои кори хеш қарор диҳанд.

3. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ якҷоя бо мақомоти дахлдори мамлакат лоиҳаи стратегияи нави муҳоҷирати меҳнатиро бо дарназардошти қонуну қоидаҳои нави марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ, ки дар кишварҳои қабулкунанда, аз ҷумла дар Русия қабул карда мешаванд, таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

4. Барои онҳое, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, доираи фаъолияти курсҳои кутоҳмуддати омузиши касбу ҳунар, забон, масъалаҳои ҳуқуқиро бо дастгирии ниҳодҳои зирабту зинафъ роҳандозӣ намудан лозим аст.

5. Муҳоҷирзанони тоҷикро лозим меояд, ки ба қонун ва қоидаҳои буду боши кишвари пазирандаи онҳо ошно шаванд. Аз ин лиҳоз роҳандозии омузиши қонунҳо ва дигар асноду мадорики қонунии он кишвар қабл аз сафар ба он кишвар ба манфитаи кор хоҳад буд.

6. Тавассути сафоратхонаҳо ва консулгариҳое, ки дар кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла дар вилоятҳои калон ва шаҳрҳои Русия фаъолият мекунанд, фонди махсуси дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ барои дастгирии онҳо дар ҳолатҳои беморӣ, бекорӣ, пайдоиши мушкилот ва ҳолатҳои марг таъсис дода шавад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

### Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ:


1. Конвенция «О защите нрав всех трудящихся-мигрантов и членов их семей» от 18 декабря 1990 г. // Сборник международных актов по правам человека. – Душанбе: Конуният, 2001. – 526 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 11 декабри соли 1999, № 881.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират», №881, аз 11.12.1999, Маҷлиси Олии ҶТ ва оид ба ворнд намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи муҳоҷират» №31, аз 10.05.2002.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2001, №242 «Дар бораи Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа».

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ"" аз 1 августи соли 2003, № 444, ш. Душанбе.

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010 №269. Ш. Душанбе.

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, №460 «Дар бораи тасдиқи «Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2011 – 2015». – С.34.

8. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636.

9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2023 №309.

10. Конвенции и рекомендации см.№2. Женева, 1996. Т.1:- 1919-1956.- С.965.

11. Миграции и национальное государство / Под ред. Т. Бараулиной и О. Карпенко / Центр независимых социологических исследований (ЦСНИ). – СПб.: ЛЕМА, 2004.

12. Миграция и рынок труда в странах Средней Азии / Под ред. Л.П. Максаковой / Независимый исследовательский совет по миграции стран СНГ и Балтии. Центр изучения проблем вынужденной миграции в СНГ. Центр эффективной экономической политики Минмакроэкономстата Республики Узбекистан. – Москва – Ташкент, Брейд-Стайл, 2002.

13. Миграция населения. Вып. 2. Трудовая миграция в России / Под. ред. О. Д. Воробьевой (приложение к журналу «Миграция в России»). – М., 2001.

14. Международное публичное право: сб. док.- М., 1996.- Т.1.- С.492-512.

15. Официальная и статистическая информация Министерства юстиции Республики Таджикистан за 2022 год.

16. Положение на рынке труда в Республике Таджикистан (Отчет, подготовленный по результатам обследования рабочей силы, проведенного с 20 июля по 20 августа 2016 года)// АСПРТ. – Душанбе, 2018. – 220 с.

17. Постановление Правительства РТ от 4 сентября 2008 г. №448 «Об учреждении Президентских грантов в области предпринимательства среди женщин на 2008 - 2010 гг.».

18. Рязанцев С., Тер-Акопов А., Письменная Е., Храмова М. Миграционное взаимодействие стран Центральной Азии с Россией и Казахстаном в контексте интеграционных процессов в ЕАЭС // CA&CC Press AB (Лулеа), 2017.

19. Трудовая миграция в СНГ: социальные и экономические эффекты / Отв. ред. Ж. А. Зайончковская / Центр изучения проблем

вынужденной миграции в СНГ. Независимый исследовательский совет по миграции стран СНГ и Балтии. Институт народнохозяйственного прогнозирования РАН. – М., 2003.

20. Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе, 2008.

**Интернет-ресурсҳо:**

21. https://www.populationpyramid net/ru/Таджикистан/2040/.

22. https://www.tadviser.ru/index.php.

23. URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20240212/v-tadzhikistane-v-2023-godu-razvodov-stalo-menshe (дата обращения: 12.02.2024 г.).

24. https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/declhr.shtml.

25. https://khovar.tj/2025/12/mone-ki-bois-ba-saodati-zanon-gardid-andesha-o-dar-mavridi-on-ki-u-u-i-zan-uzi-udonopaziri-u-u-i-bashar-ma-sub-meshavad/.

26. Агаджанян Виктор, Зотова Наталья. Социальная уязвимость и сексуальные риски женщин-мигрантов из Средней Азии в Москве // Институт демографии Национального исследовательского университета «Высшая школа экономики» // https://www.hse.ru/demo/.

27. Аналитическая справка о работе УФМС России по Новосибирской области за 12 месяцев 2014 года // Сайт ФМС России. Управление ФМС по Новосибирской области. Режим доступа: http://fms-nso.ru/upload/-iblock/9b7/analitika_za_2014.pdf (дата обращения: 17.05.2015).

28. Боздиди сарвари давлат аз Маркази таълими калонсолон [электронный ресурс]. URL:

https://asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/politics/20120316/bozdidi-sarvari-davlat-az-markazi-talimi-kalonsolon (датаобращения: 19.01.2024 г.).

29. Булова М. Работа за рубежом глазами молдавских трудовых мигрантов женщин: за пределами повседневности и истории // Populatia Republicii Moldova in contextual migratiilor internationale. – Lasi, 2006. – С.38-50.

30. Влияние экономического кризиса на миграционные тенденции и миграционную политику в Российской Федерации и регионе Восточной Европы и Центральной Азии: Аналитический доклад. – М., 2009. – С.26. URL:http://www.iomrussia.ru/russian/publications/Analitical_report_Ivakhnyuk_ru.pdf (дата обращения: 20.02.2013).

31. Второй периодический доклад Республики Таджикистан Комитету по защите прав всех трудящихся мигрантов и членов их семей Организации Объединенных Наций и соблюдении положений Конвенции о защите прав всех трудящихся – мигрантов и членов их семей. 2017г./ https://www.dialog.tj/news/zhenshchiny-v-migratsii-vyzov-traditsionnoj-roli-no-vozmozhnost- povysit-status/.

32. Женская трудовая миграция из Таджикистана: в поисках европейской жизни [электронный ресурс]. URL:https://tj.sputniknews.ru/20170925/rossiyskiy-ekspert-zhenskaya-trudovaya-migraciya-iz-tadzhikistana--eto-nadolgo- 1023415873.html (дата обращения: 25.02.2024 г.).

33. Зурабишвили Т., Зурабишвили Т. Феминизация трудовой миграции из Тианети: случай Тианети // Laboratorium. – 2010. – № 1. – С.337-338.

34. Илимбетова А.А. Факторы и экономические последствия женской трудовой миграции в Россию // Вестник Московского университета. Серия 6. Экономика. – 2013. – №4. – С.96.

35. Количество мигрантов выросло на четверть, несмотря на кризис [электронный ресурс]. URL: https://www.vedomosti.ru/society/articles/2022/0 6/30/929354-kolichestvo-migrantov (дата обращения: 15.01.2024 г.).

36. Курбанов С. Гендерный облик трудовой миграции в Республике Таджикистан. http://oldstat.ww.tj/img/ru/trudruss.pdf.

37. Махмадбеков М., Хакимов П. Внешняя трудовая миграция населения Республики Таджикистан // Социальные и экономические аспекты демографии населения. – Душанбе, 2005. – С.100.

38. Миграция в России по итогам первого полугодия 2022 года [электронный ресурс]. URL: https://www.demoscope.ru/weekly/2022/0961/barom01.php(дата обращения: 15.01.2024 г.).

39. Министерства труда миграции и занятости населения Республики Таджикистан [электронный ресурс]. URL: https://www.mehnat.tj/ru/contact (дата обращения: 10.02.2024 г.).

40. Мониторинг легальной (законной) внешней трудовой миграции за 2004-2005 гг. – М.: ФМС МВД РФ, 2006.

41. Мы разные, но мы вместе // Сайт ФМС России. Управление ФМС по Новосибирской области. Раздел: Адаптация и интеграция. Режим доступа: http://fms-nso.ru/press/publications/449573 (дата обращения: 17.05.2015).

42. Основные показатели деятельности УФМС России по Новосибирской области за 4 месяца 2015/2014 г. // Сайт ФМС России. Управление ФМС по Новосибирской области. Статистические данные. Режим доступа: http://fms-nso.ru/ufms/static/statdanni/ (дата обращения: 18.05.2015).

43. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

аз 23.12.2022 [захираи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/ru/node/29824 (санаи муроҷиат: 24.12.2022 с.).

44. Послание Основателя мира и национального согласия - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон Маджлиси Оли Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 21.12.2021 [электронный ресурс]. URL: http://president.tj/node/25005 (дата обращения: 23.12.2021).

45. Преамбула «Соглашение между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Российской Федерации «О трудовой деятельности и защите прав граждан Таджикистана на территории России» [электронный ресурс]. URL: https://docs.cntd.ru/document/901915130 (дата обращения: 26.10.2023 г.).

46. Реалии экономики: женское лицо трудовой миграции //labourcentralasia.org›ru/news/realii-ekonomiki // migrantnews.info // «Центр по правам человека» и Медиа-холдинга «Азия-Плюс».

47. Региональное измерение трансграничной миграции в Россию. – М., «Аспект-пресс», 2008. – С.83.

48. Сафаргул Олимӣ. Ҳаққи нобаробари зан ва мард ба замин URL: // www.ozodi.tj. http://www.ozodi.org/content/article/2091589.html. 5 июля 2010 (дата обращения 12.08.2012).

49. Сафарова Х.Г. Баҳодиҳии вазъи муосири муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба ҳолати демографи дар ҷумҳурии тоҷикистон // Кишоварз. – 2023. – №3(100). – С.236-240.

50. Усманова Г. Женщинам-мигранткам тяжелее, чем мужчинам (http://www. gazeta.tj), 15 декабря 2011 г.

51. Фасхутдинов Г. Трудовая миграция из Таджикистана обретает женское лицо // (www.dw-world.de), 2008, 21 ноября.

52. Цели развития тысячелетия: достижения в Таджикистане. ООН. – Душанбе, 2010 г. MDG-2010-RUS. – С.62.

53. Шарипова Т.Ҷ. Назаре ба муҳоҷирати байналмилалии меҳнатии занон дар асрҳои XX-XXI: ҷанбаи гендерӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №11. – Қ.2. – С.61-67.

54. Эсенбекова А. Женщины Кыргызстана и процессы трудовой миграции. Аналитика Кыргызстан // (www.easttime.ru), 2007, 14 июня.

**Монография, дастурҳо ва васоити таълимӣ:**

55. Абулҳаев Р. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000). – Душанбе, 2012. – 385 с.

56. Блау, П.М. Различные точки зрения на социальную структуру и их общий знаменатель / П.М. Блау // Американская социологическая мысль. – М., 1994. – С.8-29.

57. Браун Р., Олимова С., Бобоев М. Страновой отчет о денежных переводах международных мигрантов в Таджикистане. – С.4.

58. Бреева Е.Б.Основы демографии. уч. Пособие. [Текст] / Е.Б. Бреева. - М.: Дашков и К, 2004. С.112.

59. Вебер, М. Основные понятия стратификации / М. Вебер // Социологические исследования. – 1994. – №5. – С.147-156.

60. Гранберг А.Г. Основы региональной экономики. 4-е изд. – М.: Изд. дом ГУ ВШЭ, 2004. – 495 с.

61. Джаббарова А.Дж. Особенности регулирования процессов мобильности рабочей силы в современных условиях // Социально-экономические проблемы формирования рыночной экономики: состояние и перспективы. Коллективная монография. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 258 с.

62. Донишномаи «Демографи». [Текст] / А.А. Такаченко, – М, 2013. 403 с.

63. Женщины и мужчины республики Таджикистан. Статистический сборник. – Душанбе, 2010.

64. Женщины-мигранты из стран СНГ в России / под ред. Е.В. Тюрюкановой. – М.: МАКС Пресс, 2011. – 120 с.

65. Женщины-мигранты из стран СНГ в России. Серия: Миграционный барометр в Российской Федерации. – М.: МАКС Пресс, 2011. – С.6-10.

66. За справедливый подход к трудящимся-мигрантам в глобальной экономике. VI Доклад Международной конференции труда. 92-я сессия, 2004 год. – Женева, 2004. – С.61-65.

67. Зайончковская Ж. Миграции в России после распада СССР // Население и общество (информационный бюллетень центр демографии и экологии человека Института народнохозяйственного прогнозирования РАН). – 1994. – №10. – С.1-4.

68. Зайончковская Ж.А., Мкртчян Н.В., Тюрюканова Е.В. Россия перед вызовами иммиграции // Постсоветские трансформации: отражение в миграциях. – М.: АдамантЪ, 2009. – С.32.

69. Заславская, Т.И. Социология экономической жизни: очерки теории / Т.И. Заславская, Р.В. Рывкина. – Новосибирск, 1991.

70. Зиммель, Г. Избранное: в 2 т. / Г. Зиммель. – М.: Юрист, 1996.

71. Зокиров, Г.Н. Этнополитические проблемы миграции населения в Таджикистане // Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 1995.

72. Зотова Н. Восприятие миграции в стране выхода: Таджикистан // Вестник Евразии. № 2. 2008. С. 29-43; Иванова Т.Д. Таджики в московском социуме // Иммигранты в Москве / Под ред. Ж.А. Зайончковской. М.: “Три квадрата”, 2009. – С.176-208.

73. Ивахнюк, И.В. Международная трудовая миграция. / [Текст] И.В Ивахнюк, // – М., 1991. – С.199-200.

74. Исламов, С.И., Абдуллоев Х., Исломова З.С. Неформальный рынок труда типа «мардикорство». – Душанбе: Ирфон, 2010. – 125 с.

75. Исламова, З.С. Семья и ее бюджет. – Душанбе: ЭР – граф, 2017. – 121 с.

76. Исломов, Ф. Миграция населения Таджикистана в условиях становления рыночных отношений / Ф.Исломов // Социально-демографическая_ситуация в переходной экономике Таджикистана: тез. докл. науч.-практ. конф. – Душанбе, 1999. – С.38-40.

77. История таджикского народа. Т.6. Новейшая история (1941-2010). - Душанбе, 2011. – 450 с.

78. Касымова С. Трансформация гендерного порядка в таджикском обществе. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С.31.

79. Кауфман, А.А. Переселение и колонизация / А.А. Кауфман. – СПб., 1905.

80. Кейнс. Дж. Впечатления о Советской России. Должно ли государство управлять экономикой / Беглый взгляд на Советскую Россию (1925). – М., 2015. – С.55-75.

81. Коситов, О. Миграция населения Таджикской ССР / О. Коситов. – Душанбе: Дониш, 1976. – 81 с.

82. Космарская Н. П. «Женское измерение» вынужденной миграции и миграционное законодательство России / Московский центр гендерных исследований. – М., 1998. – С.27.

83. Кошонова, М.Р. Влияние миграции на изменение макроэкономических показателей в Республике Таджикистан / М.Р. Кошонова // Эффективность управления государственными финансами и их значение в устойчивом развитии национальной экономики, мат. междунар. науч.-практ. конф. (Душанбе, 01-02 дек. 2016). – Душанбе, 2016. – С.34-49.

84. Красинец Е., Кубишин Е., Тюрюканова Е. Нелегальная миграция в Россию. – М.: Academia, 2000. – С.82.

85. Кумсиев, Л.Ш. Социальная адаптация вынужденных мигрантов в этнокультурном пространстве Республики Северная Осетия-Алания: дисс. ... канд. социол. наук: 22.00.04 / Лев Шотаевич Кумсиев. – М., 2002. – 208 с.

86. Кыргызстан. Женщины и дети из Кыргызстана, вовлеченные в миграцию наиболее уязвимые группы. – Кыргызстан, 2016. – 76 с.

87. Қӯқаншоҳ А. Муҳоҷират чеҳраи занона мегирад (мусоҳиба бо Ойниҳол Бобоназарова) // Миллат. – 2010. – 24 февр.

88. Малышева М.М. Методические подходы к исследованию трудовой миграции из стран СНГ в Россию: гендерный аспект. – М., 2008.

89. Махмадбеков, М.Ш. О тенденциях, факторах и последствиях внешней трудовой миграции / М.Ш. Мамадбеков, Ш.С. Шеров // Известия АН РТ. Отделение общественных наук. – 2018. – № 3. – С.43.

90. Маҳмадбеков, М.Ш. Муқаддимаи муҳоҷиратшиносӣ. / [Матн] М.Ш. Маҳмадбеков. – Душанбе: ДМТ, 2013. – С.87.

91. Маҳмадуллозода Н.Р. Ташаккули ҳуқуқи муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ. – Душанбе, 2022.

92. Мертон, Р. Явные и латентные функции / Р. Мертон // Американская социологическая мысль / под ред. В.И. Добренькова. – М., 1996. – С.393-461.

93. Муҳаммад А.Н., Сафарализода Х.Қ. Амнияти миллӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2019. – 226 с.

94. Назаршоева С.Ф. Гражданская война в Республике Таджикистан и ее влияние на миграционные процессы [Текст] / С.Ф. Назаршоева // Известия АлтГУ. Исторические науки и археология. – 2019. – №6(110). – С.81-86.

95. Наливкин, В.П. Краткая история Кокандского ханства / В.П. Наливкин. – СПб., 1914.

96. Нечаев, А.А. Горная Бухара / А.А. Нечаев. – СПб., 1914.

97. Николаева, Л.Ю. Трансформации социальной структуры Таджикистана в XX веке / Л.Ю. Николаева. – Душанбе, 2003.

98. Остапенко, Л.В. Русские в Молдавии: потенциальные мигранта и стабильные жители / Л.В. Остапенко, И.А. Субботина // Вынужденные мигранты: интеграция и возвращение. – М., 1997. – С. 183-200.

99. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол. – Душанбе, 2016. – 123 с.

100. Оценка нужд и потребностей женщин – трудящихся мигрантов. Центральная Азия и Россия. ЮНИФЕМ. – МОТ. 2009. – С.23.

101. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ. – Душанбе, 2008.

102. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ. – Душанбе, 2013.

103. Парсонс, Т. Общая теория действия. Некоторые основные категории теории действия. Общие положения / Т. Парсонс // О структуре социального действия. – М., 2002. – С.415-457.

104. Петриашвили Г. Трудовая миграция и женщины: Таджикистан как способ понять закономерности/ Трудовая миграция без рисков. – М.: ООН Женщины, 2011. – С.16-21.

105. Петров, В.Н. Вынужденные мигранты и процессы их социальной адаптации в регионе как проблема социальной политики / В.Н. Петров. – М.: Ломоносовские чтения, 2003.

106. Письменная Е.Е., Рязанцев С.В., Тикунов В.С. Географические особенности трудовой миграции в контексте Евразийской интеграции // Вестник Московского университета. Серия 5. География. – 2014. – №5. – С.49-50.

107. Покшишевский, В.В. Миграция / В.В. Покшишевский // МЭС. – М. 1959.

